**Мақсуд ОРИФ**

# СӮҲБАТНОМА

***(ғазалгунаҳои ирфонӣ)***
***Қисми 1***

**Нашриёти «Ношир»**
**Хуҷанд, 2020**

ББК – 84 (5Тоҷ) 7-5
УДК – Т2
О – 59

**Мақсуд Ориф. СӮҲБАТНОМА.**
***(ғазалгунаҳои ирфонӣ) Қисми 1.*** – Хуҷанд:
Ношир, 2020. – 164 саҳ.

Китоб аз ғазалвораҳои Мақсуд Ориф фароҳам омадааст, ки мазмунҳои баланди орифона доранд ва хонандаи имрӯзро ба олами розу ниёз бо маъшуқи ягонаву ҳақиқӣ, бемислу монанд – Худованди бечуну бечанд раҳнамун месозанд. Азбаски дар қолаби ашъор баён кардани афкори аҳли тасаввуф аз ибтикороти нахустини муаллиф аст, баъзан аз қолабҳои маъмулии ғазал (вазну қофия) берун меравад ва тавре пешиниён мегуфтанд, шаклро қурбони мазмун мекунад. Умед аст, ки бо вуҷуди каме мушкилфаҳм будани забони ин ашъор хонандаи нуктадон аз дарки мақсаду ҳадафи шоири навоғозу навпардоз бебаҳра намемонад.

ISBN 978 99975-880-9-8

**© Мақсуд ОРИФ. 2020**

# ПАЙРАҲАИ ХОСИ СУХАНВАРӢ

Дар ҷодаи адабиёт, хоса олами шеър ҳар як нафар ба таври худ ворид мешавад ва дар раванди эҷоду гирумони он ба кӯлвори худ чизҳои тозаву нодирро ҷамъ меорад ва аз он истифода мебарад. Мусаллам аст, ки дар меҳвари эҷод, истеъдод, табъ ва дониш меистад ва онро такмил бахшидан аз муҳимтарин рисолати қаламкаш аст. Дар таърихи адабиёт ва таҳқиқи осори адабӣ муҳаққиқон дар ағлаби маврид ба саволи шеъри хуб кадом аст ҷавоб ҷустаанд ва ҳар яке дар доираи фаҳмишу дарк, ҷаҳонбинӣ ва завқу маърифати хеш бар он ҷавоб додаанд. Ин тадқиқот ва назарҳо собит мекунанд, ки шеър гузашта аз бадеият, ки яке аз вежагиҳои осори адабист, бояд дорои маъниҳои баланду мазмунҳои латиф бошад. Маъниҳои барҷаста дар заминаи дониши баланд, ҷаҳонбинии васеъ ва назари хосаи нигорандаи шеър ба вуҷуд меоянд. Ба иборати дигар шеър инъикосгари зиндагист ё худи зиндагист. Суханвари бузург Хоқонии Шарвонӣ дар мавриди чигуна будани шеър навиштааст:

**Суварнигори ҳадисам, вале дар он сурат,**
**Ки ҷон дар он натавонам ниҳод, нангорам.**

Яъне, шеър низ дорои ҷонест, ки суханро зинда ва муассир нигаҳ медорад. Чунончи, аз назари Хоқонӣ шоир сураткаши оддӣ нест, балки бахшандаи ҷон дар равони сухан мебошад. Дар бораи шеър ва моҳияти он ба рӯзгори инсон суханшиносон дар ҳамаи давру замон изҳори назар кардаанд ва муҳимтарин матлабҳо ва андешаҳои кӯҳнанопазир дар асарҳое монанди “Тарҷумон-ул-балоға”-и Муҳаммад Умари Родуёнӣ (асри XII), “Лубоб-ул-албоб”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, (асри XII),”Чаҳор мақола”-и Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ (асри XII), “Ал-мӯъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ (асри XIII), ”Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV), ”Музаккир-ул-асҳоб”-и Малеҳои

Самарқандӣ (асри XVII) ва даҳҳои дигар ифода ёфтааст. Кулли ин суханшиносон кори шеърро осон надонистаанд ва эҷоди сухани волоро заҳмати алим шуморидаанд. Дар ин маврид Низомии Ганҷавӣ низ мефармояд:

**Сухан гуфтан осон бар он кас бувад,**
**Ки назми тиҳиш аз сухан бас бувад,**
**Касе к-ӯ ҷавоҳир барорад зи санг,**
**Ба душворӣ орад суханро ба чанг.**

Метавон гуфт, шеъре, ки маъниҳои баландро бар дӯш дорад, осон иншо намешавад ва ин гуна ашъор хонандаро ба андеша ва тафаккур водор мекунад. Дар таърихи адабиёт ашъори суханварон ба сабкҳои гуногун иншо мешавад. Агар маърифати сабки хуросонӣ, ки сифати он саҳли мумтанест, аз ҷониби хонанда осон ба даст ояд, вале дарку фаҳмиши осоре, ки дар сабки ироқӣ, ҳиндӣ иншо мешаванд,дар пеши хонанда душвориҳо эҷод мекунад. Дар баробари ин вобаста ба сабку услуб суханвароне ҳастанд, ки дар ифодаи фикр, истифодаи мафҳуму вожаҳо шеваеро роҳандозӣ мекунанд, ки як андоза барои дарку маърифати маъниҳои осорашон ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавем.

Китобе, ки алъон дар даст доред, ана бо ҳамин хусусияташ тафовут дорад. Муаллифи он Мақсуди Ориф ашъореро рӯ ба рӯи хонанда мегузорад, ки як андоза бо мафҳуму вожаҳои камистеъмол, вале нодир музайян шудааст. Захираи бойи луғавии муаллиф, ки ҷиҳати мутолиаи зиёд ва омӯзиши забони арабиву форсӣ ҳосил шудааст, ба нигоштаҳояш таъсири бузург гузоштааст. Аз ҷониби дигар муаллиф дар ифодаи фикр, тасвир ва баёни мушоҳидаҳо сабки ғайриоддиеро интихоб кардааст, ки хонанда то ошно шудан ба табиату шеваи баёни шоир дар мавриди маърифати дурусти он азият мекашад.

Мақсуди Ориф аз адибон ва қаламкашонест, ки дар ҷодаи адабиёт бо шеваи ба худаш хос ворид шуд ва бо таснифи чандин китоб дар доираи адабии кишвар маълуму

маъруф гардид. Вай зодаи шаҳри Хуҷанд буда, баъди хатми мактаби миёнаи рақами 30, ноҳияи Б. Ғафуров ба бахши забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров дохил шуда, онро аъло хатм намудааст. Ҳамзамон, соли 1994 бори нахуст ба ИМА сафар намуда, равияи рушди туризми байналмилалро ба итмом расонидааст. Соли 2001 мактаби махсуси муҳосибаро ва соли 2006 бошад, бахши иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи Муосири Русияро аъло хатм намудааст. Соли 2009 магистратураи бахши сиёсатшиносии Донишгоҳи Йоркро (Британияи Кабир) хатм намудааст. Донандаи панҷ забони хориҷӣ буда, дар манотиқи гуногуни Осиёи Наздик, Осиёи Миёна ва Аврупо дар мақоми мухталифи идоравӣ кор кардааст.

То имрӯз силсилаи китобҳои ӯ бо номи “Ҳикоёт” ва “Гарди домон” ба зевари табъ ороста шуда, аз завқу дониши баланди муаллиф дарак додааст.

Дар силсилакитоби “Гарди домон” Мақсуд Ориф ҳамчун як нафар муҳаққиқи донишманд, кашшофи маъниҳои баланд, донандаи хуби Каломи шариф ва забони модариву хориҷӣ намунаҳои осори суханварони форсу тоҷикро шарҳ додааст. Шарҳу тавзеҳи ашъори шоирон дар заминаи санадҳои таърихӣ, оёту ҳадис ва қиссаҳои қуръонӣ сурат пазируфта, дар ин маврид ҳам муаллиф сабку услуби хоси худро дорад. Ҷолиб он аст, ки дар шарҳу тавзеҳ муаллиф нисбатан усули содда ва оммафаҳмро пеша гирифтааст ва кӯшиш кардааст, ки матлабҳоро бо забони соддаву фасеҳ баён созад. Чунончи, дар қисми ҳафтуми китоби “Гарди домон” мехонем:

**Ногаҳон, эй банда, гар кардӣ гунаҳ,**
**Тавба кун дарҳол, узри он бихоҳ!**

**(Аттор)**

***Бале, дӯстам, мард бошу аввал гуноҳи кардаатро “ба гардан” бигир, то ки, чун дар Қуръони карим фармуда: “... аглолан фӣ аъноқиҳим...”, ба занҷири оҳанини кибр мубаддал***

***гашта, гарданро мабодо мапечӣ.***

***Ва дуввум он ки, дӯстам, чун дарк намудӣ, ки гуноҳе содир шуд, бишитоб ва аз пасаш тавба бикун, чун Худованди бахшанда “ ... таввобин”-ро, яъне, тавбакунандаро хело дӯст медорад ва омода аст, ки ба зудӣ ӯро бахшида бошад.***

***Саввум он ки, дӯстам, чун тавба накардӣ, орзуи бахширо аз ҷониби Худованди ғаффор низ макун, чун ин ҳама аз шурути муносибати Худованду бандааш будааст.***

***Яъне, “... ва авфу би аҳдӣ увфи би аҳдикум...”, яъне, бар аҳди бастайи худ бо ман вафо кунед, то ки ман бар аҳди бастайи худ бо шумо вафо карда бошам ва ё “... фазкурунӣ азкуркум...” , яъне,маро ёд кунед, то дар ёд дошта бошам шуморо ва ё “... удъунӣ, астаҷиб лакум...”, яъне, бипурсед аз ман, то мустаҷоб карда бошам онро бароятон ва ҳоказо аз зумраи чунин шартҳост, пас, аввал тавба бояд кард, то ки бахшида шавӣ.***

Аз намунаи шарҳи мазкур ҳувайдост, ки шореҳ дар маърифати сухан дорои завқи баланд буда, матлаби асосии байтро бо санадҳо ва далелҳои собит баён месозад.

Ҷоизи зикр аст, ки маҳз ҳамин истеъдод ва дониши фаровони Мақсуд Ориф дар нигориши шеър таъсири худро гузоштааст. Нигоштаҳои ӯ мавзӯъҳои мухталифро фаро гирифта, аксарияти онҳо хусусияти тарбиявӣ ва ибратбахшро молик мебошанд. Дар меҳвари навиштаҳояш фалсафаи ҷовидонаи будану набудан, бевафоии олами фонӣ, некӣ кардану аз бадӣ эҳтироз доштан ва монанди инҳо меистад. Шоир пайваста такрор мекунад, ки ин ҷаҳон пойдор нест ва дороиҳои инсони хокӣ рӯзи ҷазо ба кор намеояд, ҳатто агар тору пуди одам аз санги Қоф аст, ӯро наҷот нахоҳад буд:

**Чашм бикушову ҷаҳон бин кори вай поянда нест,**
**Ҷомаи холид махоҳ, к-он риштааш бофанда нест.**
**Вақти тардид гар барорад марди ағнояш фиғон,**
**Хирқаҳо аз молу зинат мар варо пӯшанда нест.**
**Гарчи бошад мабдаъи ҷону танаш аз санги Қоф,**
**Мисли пашми маҳлуҷе он дам руҳаш гарданда нест.**

Шоир девони ғазалиёташро “Сӯҳбатнома” гузоштааст, ки он басо рамзист. Муссаллам аст,ки ин ин сӯҳбатҳо дар заминаи омӯзиши жарфои осори бузургоне монанди Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофизу Камол, Ҷомиву Бедил ва дигарон ба вуҷуд омадааст. Метавон ин сӯҳбатҳоро акси садои дили шоир номид.

Дар ин маврид ҳам муаллиф шеваи тозаеро баргузидааст ва дар партави андешаҳои баланди ин бузургони адаб сухани нав ва афкори тозаи худро тавонистааст баён созад. Махсусан, ба шеваи суолу ҷавоб баёни ҳақиқати зиндагӣ дар шеър ҷолиб мебошад:

**Чаро, ай соҳиби афлок, дасти ман намегирӣ?**
**Бигуфто: Ку сари созанда, дар вайрона мебинам…**
**Чаро хомӯшу гунгӣ ту, зи аҳволам намепурсӣ?**
**Бигуфто: Нур ало нуре, ки оташро намебинам…**

Ҳамчуноне ки гуфтем, муаллиф аз Қуръону қиссаҳои қуръонӣ, зиндагиномаи ашхоси таърихиву динӣ, рӯзгори бузургони олам сахт огоҳ аст ва дар шеър бо ишора ба онҳо дар ифодаи фикр ва маънии ҷадид дастёб гардидааст. Чунончи, дар абёти зер истифода аз исми Маҷнуну Лайлӣ ва Нӯҳ(а) маъниҳои ҷолиброро ба қалам додааст:

**Бо азоб ин килки Маҷнун об аз дил мекашад,**
**Расми Лайлӣ бо хуне дар сафҳаи дил мекашад.**
**Нест ин дил ҷуз китобе бо ҳазорон мусҳафаш,**
**Нуни дилро мастуру пас бо тағофил мекашад.**
**Муддаъии ин сафина мужда овардӣ ба Нӯҳ,**
**Ин сабои ошиқона суйи соҳил мекашад.**

Ҳикмату ибрат ҳамоно дар меҳвари осори шоир меистад. Ӯ гаштаву баргашта аз беқадрии оламу одам дар назди Худованд ҳарф мегӯяд ва мардумро ҳушдор медиҳад, ки побанди ин ҷаҳони моддиёт набошанд

**Фалак ин гунбади моро ба мисли гӯр мебинад,**
**Ба зери по ҳазоронро ба мисли мӯр мебинад.**
**Чу кори дахмавораш ҷуз ба меҳнат куштани мо аст,**

**Дуои муддаиро сирф ба вазни зӯр мебинад.**
**Чу ҷаҳди мо ҳамоно беҳтарии ҳоле набуд дигар,**
**Вале ин машқи доноро чу рамзи хӯр мебинад.**
**Мабодо аз даҳон ояд каме аз он ҷасурие,**
**Ба доми эҳтиёҷ моро даруни тӯр мебинад.**

Дар байни ғазалҳои шоир намунаҳоеро мушоҳида менамоем, ки оҳанги лирикӣ ба бар кардаанд ва дар вазни латиф бо алфози ширин ифода ёфтаанд. Ин гуна намунаҳо ифодагари ҷаҳони ботинии муаллиф аст ва оҳанги дилнавозро касб кардааст:

**Бошад, ки маро ёр, чу дар пеши барам шуд?**
**Ё дилбари ҳушёр, ки пеши назарам шуд?**
**Гар дасти дуо аз сари мо шуд баландтар,**
**Ин шоҳигарӣ масрафи ин як назарам шуд...**
**Бар "... ташҳаду арҷул" назаре кун... Чӣ дидӣ?**
**Чун дод шаҳодат чи аҷаб мушти сарам шуд.**

Чунин ба назар мерасад, ки муаллиф дар эҷоди вожаву иборaҳои нав низ кӯшиш кардааст. Калимаву ибороти сохтаи шоир дар мавқеи худашон истифода шудаанд ва бо вуҷуди ғайримаъмулӣ будан қобили қабул аст. Чунончи, дар байти зерин калимаи сохтаи "чашмносерона" ҷолиб ба назар мерасад:

**Комҳо меронд аммо чашмносерона рафт,**
**Ҳазл донист оташеро назди ӯ парвона рафт.**

Дар миёни ғазалҳои шоир кам нестанд намунаҳое, ки бо забони фасеҳу ноб дар вазну оҳанги дилнавоз эҷод шудаанд. Ин гуна ашъор, ки аз назари мазмуну мундариҷа ҳикматомӯз аст, хонандаро ба андеша водор мекунад ва дар вуҷудаш таъсири нек мегузорад:

**Бар ҳолати мо раҳми Худо боду Худо бод!**
**Дар нақшаи мо фаҳми Худо боду Худо бод!**
**Гар фаҳм накард, даст мадод... Ҳаст илоҷе?**
**Андар сари мо дасти Худо боду Худо бод!**
**Чун май надиҳад, маст нашавем... Ҳаст ҳисобе?**
**Пас, ин дили мо масти Худо боду Худо бод!....**

**Дасти талабам мисли алиф пеши назар шуд,**
**Ин қомати мо доли Худо боду Худо бод!**

Ҳамчуноне ки дар боло зикраш рафт, баъзе аз ифодаҳо ва усули баёни муаллиф барои хонандаи имрӯз душворӣ эҷод мекунад ва дарку маърифати матлаби шоир осон нест. Чунончи, дар абёти зер мехонем:

**Шафти мижгон толиб аст бар бӯса аз ҳар дидае,**
**Мавҷи ҷонон ғолиб аст бар чангу хоки чидае.**
**Нинаке чун сахт ояд хас бар анҳораш расид,**
**Дар сапедӣ нун маҷунбад оҳуро нодидае…**
**Чашми суратбин матонад ҷуз ба саҳроҳо расид,**
**Чашми сиратбин бичаррад ҳар чаман нодидае.**
**Пайкари фахри бутонӣ гул таҳи пояш кашид,**
**Дар фишор хокӣ фузул аст ҳар буланднодидае.**
**Чун асилӣ мо мабояд дар мароҳан ҷоҳ кашид,**
**Нест фурук зоҳирабинро дор чу бандноидидае.**
**Ҳадди тилко бас тунук аст, аз ғализӣ даст кашид,**
**Чун бино аст чашми дигар банд зи банд нодидае...**

Барои шарҳу тавзеҳ ин гуна ашъор тақозои ҷустуҷӯи илмӣ, аз ҷумла, дарку таҳмили калимаҳои камистеъмол ба миён меояд. Дар ин самт чун дар таҷрибаи суханшиносии қаблии мо мавҷуд аст, шарҳнома аз ҷониби худи муаллиф ё сухншиноси дигар бо маслиҳату машварати шоир муҳим аст. Масалан, барои таҳлили чанд байти зерин донистани маънии даҳҳо луғату вожаҳо зарур аст, ки хонандаи оддиро ин имконият мавҷуд нест:

**Музниям ман, ё музаввир, ё мусаввир, ё ки ҷон?**
**Ҳузниям ман, ё шақие, ё ки тақсири ҷаҳон?**
**Ҳолиям ман, ё ҳаводис, қисми накше, ё ки даст,**
**Аз манӣ аст, ё ки несту ё ки асбоби фулон?**

Вале ҳамоно дар девон ғазалҳое ба назар мерасанд, ки чун шеъри Ҳофиз равону дилкаш ва муассир мебошанд. Хонанда бо қироати ин гуна ғазалҳо баробари бардошти маънӣ ҳаловати эстетикиро ҳосил мекунад, ки асли рисолати шеър аз ҳамин иборат аст. Чунончи, ғазали зеринро

наметавон бе ҳаяҷони ботинӣ қироат кард:

**Биҳамдиллоҳ, дари раҳмат кушод аст,**
**Ба ғайраз ман, зи ин неъмат кӣ шод аст?!**
**Чу имшаб боз кардӣ домани қадр,**
**Саҳар дидам, ки дар комам мурод аст.**
**Бишукриллоҳ, зи ман дафтар тамом аст,**
**Ва барги сабзи ӯ дар дасти бод аст.**
**Чӣ осон аст варо маънӣ зи ҳар жарф,**
**Ки фаҳми ҳар сару ҳар Кайқубод аст.**
**Басо андар сари маънӣ заданд мушт,**
**Вале, тавфиқ камеро барру род аст.**
**Чу мизроб мезанам бар қонуни нав,**
**Сари ангушт хуни аҳли дод аст.**
**Насимаш мебарад бар кӯи ту ақл,**
**Вале тӯфони ӯ бар қавми Од аст.**
**Дар он гӯёст ин ҳарфу ҳам ибрат,**
**Саронро ҳам тариқу ҳам намод аст.**
**Бидон, Хоҷа, ки маънӣ дар замир аст,**
**Ки он ҳам маҳсули дасти ҷиҳод аст.**
**Бурун аз хонаи дил меҷаҳӣ?! Бин,**
**Ки ин давлат карини кори бод аст.**

Нигоштаҳои Мақсуд Орифӣ хонандаро ба андеша водор мекунад, ки ин яке аз хусусиятҳои шеъри ӯст ва зимнан мисраву байтҳо ва мафҳумҳо ба шарҳи дуруст ниёз дорад. Ин хусусияти назми муаллиф низ ҷолиби таваҷҷӯҳ буда арзиши суханашро баланд месозад.

Хонандаи азиз. Дар дасти ту девони ғазалиёти як нафар шоири навпардоз ва соҳибназар мебошад. Барои ту сайри хуши гулистони маъниро таманно мекунам ва ба шоири мо қалами бурро ва нусрати эҷод орзу дорам.

**Саидумрон Саидов,**
*номзади илмҳои филология.*
*дотсенти кафедраи адабиёти*
*классикии тоҷики ДДХ ба номи*
*академик Бобоҷон Ғафуров*

...

Чашм бикушову ҷаҳон бин, кори вай поянда нест,
Ҷомаи холид махоҳ, к-он риштааш бофанда нест.
Вақти тардид гар барорад марди ағнояш фиғон,
Хирқаҳо аз молу зийнат мар варопӯшанда нест.
Хотири таҳкими мублис гар шавад бар он сутун,
Ҷуз имоди мумдид бар вай чизе афканда нест.
Гарчи бошад мабдаъи ҷону танаш аз санги Қоф,
Мисли пашми маҳлуҷе он дам руҳаш гарданда нест.
Нафси аммора ар магӯяд тавба имрӯз аз тамаъ,
Мӯҳр монда бар даҳон  фардо забон гӯянда нест.
Мункири ҳақ, бар туроб рӯзи маҳшар  қасд кард
Ҳеҷ касро бари дигар бар  ҳаёт оянда нест.
Дил мабанд бар ин ҷаҳон, чун аҳдро вайрон кунад,
Мисли як он бевафо фардо туро ҷӯянда нест.
Мутлақо шарт аст, Хоҷа, “... авфу... увфӣ...” - гуфта ӯ,
Худ раҳими рӯзи охир мисли ӯ бахшанда нест.

…

…

Гарчи хокаш мебарад бар осмон ӯ чанг ҳаст,
Инфиоли шӯриши ӯ зери гардуннанг ҳаст.
Гар бувад озоду беҳол аз расиши дасти бод,
Мар насибаш, бемуҳобо, теғи тези чанг ҳаст.
Андар ин саҳрои бемарзар чи манзилаш васист,
Дар миёни дижи хокон ғурфаи ӯ танг ҳаст.
Ойина гар поку ҳамвор бошаду лек, ҳарзамон
"... таҳҳира" гар шуд фаромӯш, бастаи ҳар занг ҳаст.
Ишқи оқил дар сиришт бар оби беранг даст зад,
Лек, сар дар кори дунё ошиқи ҳар ранг ҳаст.
Аз азал ин ду фаришта баҳси шаддодӣ намуд,
З-инчунин ҳол, ақли ноқис дар пайи ҳар ҷанг ҳаст.
Кохи Борбад гарчи аз оҳан кунад ин қалб  рост,
Лек, сарвақти шикасти  шишааш  ҳар санг ҳаст.
Дар духони акдасӣ ӯ зисту, қомат рост кард,
Лек, дил моил куҷост, чун махмури сад банг ҳаст.
Дур марав аз ҷинси худ, хоҷа, бубин ин асли кор,
Гарчи хокаш мебарад бар осмон ӯ чанг ҳаст,

…

…

Чаро, ай соҳиби афлок,  дасти ман намегирӣ?
Бигуфто: Ку сари созанда, дар вайрона мебинам…
Чаро хомӯшу гунгӣ ту, зи аҳволам намепурсӣ?
Бигуфто: Нур ало нуре, ки оташро намебинам…
Чаро рафтӣ баъид аз ман, асоеро набахшидӣ?
Бигуфто: Ку Калимуллоҳ, ки авлоро намебинам…
Матоъи хонаи манро зи нуқси ботилон дӯхтӣ?
Бигуфто: ... дар сапедиҳо, Билолро ман намебинам…
Чаро бар ин ҳама офот маро ту мубтало кардӣ?
Бигуфто: ... лавни хуширо, дар ин нокомӣ мебинам!
Агарчанд муставо мебуд ғаму сураш ҳама якранг,
Ҷаҳон аз лавни зебогӣ ба ҳар рангаш куҷо бинам?!
Бибин, пас, Хоҷа осонӣ дар ин роҳи басо танге,
Ки сурхии шафақро ман дар офоқе само бинам.

…

…

Порсоро шом аз субҳи саҳар равшантар аст,
Чашми тарсо аз нигоҳи ҳар назар зеботар аст.
Ҳар сухан ҷонбахш  ё зомин ба куштан гар шавад,
Феъли нек андар мизон аз қавли зӯр авлотар аст.
Гарчи моро рух ба зардӣ кард эълом, ку илоҷ?!
Бемуҳобо, ранги мо аз лавни ҳур зеботар аст.
Аз бадан бӯйи арақ гар мерасад андар машом,
Бетакаллуф, бӯйи мо аз равҳи мушк мушкинтар аст.
Чирки нохун аз нишони ҷаҳди кӯккан мекунад,
В-ин азо аз машқи чоҳкан, ай басо осонтар аст.
Кулбаи вайронаи мо дар хамии кӯҳ монд,
Лек, аслаш аз мақоми кӯҳнишин болотар аст.
Гарчи мур аст ин ҳақиқат, гутфанаш бошад раво,
Чунки, талхӣдар сабӯи дардманд ҷонбахштар аст.
Гарчи гӯянд сабрҳо дар кори ишқ бояд намуд,
Кори Маҷнун дар бисоти ҷаҳди васл сомонтар аст.
Хап нишин эй, хоҷа, к-имшаб гарчи торик аст бурун,
Чашми ошиқ равшану дар ҳоли ту бинотар аст.
“... ло таъхуз синатун... ло навм” гӯяд ҳардаме,
В-ин сухан аз ҳар сухан, дар ҳар замон гӯётар аст.

…

…

Тазкири алфоз  вақти тир кашидан лозим аст,
Андар ин бас лисону бал басорат лозим аст.
Гар ҳамебинад нуқотро чашми оддӣ мисли тин,
Маҳҷуби ҳақ гаштаву аз сайди охир мунзим аст.
Мерганеро, пас, бубинед аз ду чашмон он яке,
Баҳри сайдаш мегушояд, пас, яке он дурбин аст.
Аз азал ин нафси инсон воҳид асту нест дуй,
Асли он ҷӯёи боло в-ин дувумаш - пастбин аст.
Чашми сар серӣ надорад,балки сер аз хок шуд,
Чашми сарро нест серӣ, балки чашми ботин аст.
Сабр ҷамил асту ба тоқат Хоҷаро ҳадде бувад,
“Ло туҳаммил…” матлабу пас, рози он бас тамкин аст.

…

…

Ай чархи фалак, гунбади ту лавни хазар буд,
Ҳар ҷузъи таманно зи дилам пеши назар буд.
Дар дидани он рӯй таҷаллӣ кунад ин руҳ,
Гӯё ки дамаш таъхиру дар ҳадди гузар буд.
Гар турбати ҷад дар вараќи фулки набӣ аст,
Пас, киштии авлоди башар ғайри хатарбуд.
Нӯҳро набувад пешкаши соҳили дунё,
Чун мужда ғариқонро наҷот вақти ҳазарбуд.
Ҳайвонсифатонро назар аз кори Худо нест,
Ин кори умед "... ҷоъили имом"-и башар буд.
Мастури китобаст агар саҳфаи бисёр,
Дар лавҳи қадар чумлаву пайке зи асарбуд.
Мағрур машав, хоҷаву сар хам бинамо зуд,
"... йаътӣ би халқин", ба Худо, айни басарбуд.
Ҳардам ба Худо бошу бидон қонуни ҷамъро:
Розат шабу мақбули дуо вақти саҳар буд.

…

…

Матлаби дилро таҳи по сар ба масҷид мезанем,
Минбари саҷҷод тахти хуми холидмезанем.
Гар зи оби маънӣ пур буд косайи худкоми мо,
Ғайри оби раббанояшҳукми шоҳид мезанем.
Кафгирро, чун наояд ҳеҷ ғайри обам ҳеҷ чиз,
Инқадар бар деги холӣ бонги оид мезанем?
Даъвати нопок оҷиз меравад суйи сароб,
Дар паяш аз миннату афъоли обид мезанем
Тойири мантиқ тарки маҷлиси ом мекунад,
Пас, чаро мо аспро бо чарм нодид мезанем?
Тири кӯрпар мақсадеро бо хатогӣ мерасад,
Пас, чаро мо тир бар афлок нодидмезанем?
Гар надорем тоқати ёрӣ, ки сахт санҷидан аст,
Пас, чаро кирми Аюбро бар ҷароҳит мезанем?
З-ин азизон, замми огаҳ, Ҳоҷа, ҳикматҳо шунав,
Ин бувад беҳтар, ки сарробаъд ба масҷид мезанем!

…

…

Андар кафи озоди гадо, Ёр,  чӣ дидӣ?
Ҷуз савти ғаму оҳу нидоҳо чӣ шунидӣ?
Чун хирқаи мискин нафис бошаду аммо,
Абрешими он порчаи моро чӣ кашидӣ?
Чун кӯзаи мо махдуми ҳар масту-аласт аст,
Аз кӯзаи бехуни гадо хун чӣ дамидӣ?
Чун худ самадӣ, назру ниёзи ту куҷо шуд?
Дар ин рафи савдои гадоён чӣ буридӣ?
Шарт аст миёни ману ту дар ҳама ин кор,
Ё аз мани лолгашта, магар, ҳарчи шунидӣ?
Андар дили ман ҷой ба дигар ёр набошад,
Ё ёри дигар андаруни он бидидӣ?
Ҷуз раҳми худат, ҳоли маро кас макунад раҳм,
Пас, пардаи нозуки ҷигарро чӣ даридӣ?
Парво макун, эй хоҷа, ки дар рӯзи дигар ту
Бо чашм бубинӣ, ки чӣ фолчӯба кашидӣ.
Ҳоҷат набувад баҳри  суол, сабр куну бин,
Рӯзе зи сари сабрзи дами ном чӣ кашидӣ.

…

…

Чаро, ҷонон, ба девор мезанӣ сар?
Чаро ту мебарӣ дастат ба ҳар дар?
Мабодо ошиқат гуфто: “Бурун ой !”?
Бурун рафта, киро ҷӯйӣ ту аз дар?
Куҷо бошад навид аз хаймаи ёр?
Надида рӯи ҷонон андар ин бар.
Чу шамс андар бағал сӯзад танеро,
Чаро дар кӯҳи Сино кардӣ ар-ар?
Гар имонат заъиф аз қавми Фиръавн,
Чаро пое, барӣ бар сӯи он чар?
Чу буранд гарданатро, хун марезад,
Чаро, пас, мекунӣ ду дидаро тар?
Басо муш думи ҳурро бозӣ дорад,
Чаро, пас, мебарорӣ савти ҳайбар?
Аё хоҷа, чу аслат воми хок аст,
Шавад  он хок низ з- абри ӯ тар.
Умеди мо ба раҳму лутфи ЁР аст
Чиро, ту чашм дорӣ  з-аҳли минбар?

…

…

Аз чӣ бошад ин дили ман беқарор дар сина аст,
Таппиши расвойи зӯрӣ, акси ин ойина аст.
Қавли маъруф аз манову з-он азояш гар рамид,
Чун тамаъ маҳрам ба хӯрдан бар зағу бар кина аст.
Гар чариданд андарунаш дар васоъ анъомхаёл,
Гурги авҳом мунтазиру сидқи ин дерина аст.
Дар саройи мотамӣ ҳаргиз қароршгоҳе масоз
Дастроо ҳам нақшаву ҳам иттибоб аз ҳийна аст.
Гар фарох мебуд умраш, бори дигар сарфароз,
Бар лиқо мегашт муяссар чун малак саффина аст.
Не кароҳат кори динро чун набошад ин қафас,
Интихоби начди дил дар ҳар салак аффина аст.
Ин қафас мисли танаб бар пойи тоир асту бас,
Розро парре бувад боди фулук бодина аст.
Панҷараш, не аз ҳадид, ҳамсони ресмон асту бас,
Аз азал нармӣ - сифоту хулқи ҳар заррина аст.

…

…

Бар мо бинамо марҳамату раҳм биёро,
Қисмат манамо аз дили мо дилбари моро.
Чун қасди ман аз сӯҳбати ёрон назаре буд,
Пас, ҳукм макун бар сари мо ҷавру ҷафоро.
Аз ту зи чӣ пурсам ба ҷуз аз лаҳзаи дидор?
Раддаш манамо пеши назар хостаи моро.
Аз печидани зулф ба сар теғ чиро хост?
Бибрида сари зулф зи ман раъси вафоро.
Мизроби қазо бар дилаки тор чу мезад,
Оҳанги дигар нест ба ҷуз савтидилоро.
Андар кафи холии ҷунун чора чӣ дидӣ?
Ҷуз нолаву зоривунабувад кор гадоро.
Гар шавқ наёяд ба ту ин  нақши намозам,
Аз мо бишунав вақти саҳар зеби дуоро.
Нодида туро, нақши ту дар сина гуворост,
Чун ишқ бизад теғи муҳаббат сари моро.

…

…

Бо азоб ин килки Маҷнун об аз дил мекашад,
Расми Лайлӣ бо хунедар сафҳаи дил мекашад.
Нест ин дил ҷуз китобе бо ҳазорон мусҳафаш,
Нуни дилро мастуру пас, ботағофил мекашад.
Муддаъии ин сафина мужда овардӣ ба Нӯҳ,
Ин сабои ошиқона суйи соҳил мекашад.
Гар лифоро чил ҳазор мусҳаф ба қадраш шуд тамом,
Ин китоби нотамомам аз сари нав мекашад.
Соҳиби ҳут гашта Зу-н-нун бар тасовири ҳуруф,
Нуқтаи ҳастӣ ба суйи заврақи нав мекашад.
Аҳмадеро нест ҷиддаш, соҳиби Каъба кӣ аст?
Ин дил аст, ки ҷаддаи покаш ба имон мекашад.
Гум макун, ай Юсуфам, буйи умед, ки анқариб
Соъате ояд, ки ин равҳ суй Канъон мекашад.
Бармагир ту сахт инъом, Идрисам, аз ин замин,
Гар мусаммо шуд аҷал, пас, он сӯи дунё мекашад.
Хоҷаро аз ин мусаммо нест ҷуз шавқи ҳавас,
Вақт чун омад,  аҷаб не бо қадам роҳ мекашад.

…

…

Бошад, ки  маро ёр, чу дар пеши барам шуд?
Ё дилбари ҳушёр, ки пеши назарам шуд?
Бо дасти дуо матлаби дилро  зи ту ҷустам
К-аз ҷон чу фурӯ омадуандар ду лабам шуд.
Дар ҳасрати ӯ шому саҳар сар наниҳодам,
Раббӣ зи дилам рехта, накди даҳанам шуд.
Ҷон аз тани мо ҳар саҳаре хезаду гӯяд:
Оҳ, чист суд аз ишқи ту гар дарди сарам шуд?!
Гар дасти дуо аз сари мо шуд баландтар,
Ин шоҳигарӣ масрафи ин як назарам шуд.
Хоки мани ин хоҷа сабук омаду бигзашт,
Дар домани маҳшар чу маро хоки танам шуд.
Дар фарши ҷаҳон хуб кунам рӯз ба охир,
То пеши дигар, рӯзи дигар ӯ шаҳадам шуд.
Бар "... ташҳаду арҷул" назаре кун... Чӣ дидӣ?
Чун дод  шаҳодат чи аҷаб мушти сарам шуд.

…

…

Комҳо меронд аммо чашм носерона рафт,
Ҳазл донист оташеро назди ӯ парвона рафт.
Гарчи гуфтанд: “ ... уҳзиру мин нор”, месӯзӣ зи шамъ
Парзанон бар сӯи ишқаш мисли як девона рафт.
Гар ниҳанд зине ба хар аз симу зар, ӯ асп нест,
Сирате як сӯ шуду дар ишқ акс афсона рафт.
Сад бипошанд атри Билқис аз наҷас бӯйи бад аст,
Чун машом аз равҳ мублис сӯйи риҷс шодона рафт.
Мисли кирми Аюбанд, ки мехурад аз гӯшти даст,
Гар ҳалол афтод ризқаш сӯйи хок паймона рафт.
Ҳиндуе гар менавозад баҳри мор бо шаш мақом,
Дар асоси табъи худ ӯ сӯйи чок заҳрона рафт.
Пас, қалам зан давраро, ай Лут, мақоми заййифон,
Чун баланд аст, ҷоиз аст сӯйи адув қаҳрона рафт.
Суд кут аз ёди савганд Бин Назирро, ай муҳиб?
Мунфиқе бо пои худ он сӯи ҳар вайрона рафт.
Қазфи руъб аст, Хоҷа, бингар ин камоли воъизон,
Сӯйи хилват шакку-шубҳа карда, бас ҳайрона рафт.

…

…

Ин дили девонаам аз ишқи ту донад чиро?
В-ин сари махмуриам аз машқи ту донад чиро?
Заъфи ақл поро ба қаъри факр ҳардам мекашад,
Сандуқи бас холиам з-анбори ту донад чиро?
Тарфи домон баставу андар бағал пуч парварем,
Мағзи пуч дар ин сарам з-афкори ту донад чиро?
Каҳф асли мӯъминон гашту дар ин сесад вале,
То ба ҳол бошад касе, к-аз кори ту донад чиро?
Сақфи осмон бас баланд асту зи рукнаш на нишон,
Чашми кӯри ин сарам з-асрори ту донад чиро?
Қонуни мастур андар саҳфаи хотири мост,
Ҷуз ҳуруфи росту хам з-абзори ту донад чиро?
Кам харид аз моли ту бо нарх задан мороост сабақ,
Чашми танг аз қимати бозори ту донад чиро?
Хоҷа дар нокомӣ бинад ҳар сабаб ҷуз меҳри ту,
Гар варо чашме наяст, з-аброри ту донад чиро?
Карда инкор ҳақро, дар кори ҳақ фоле занем,
Чашми мункир маънии з-ин кори ту донад чиро?

…

…

Басо тӯлонӣ гашт имшаб фироқ аз маҳваши нозам,
На фонус омад андар кор, наматлаб, на ин розам.
Чӣ хуш аст дилрабои мо, мурофеъ андаруни дил,
Ки гӯяд "... ирҷиъӣ" бар ман, биё ки ман туро нозам.
Ба мисли он магас имрӯз бихонам ман саборо боз,
Валекин, гар биояд ӯ, ба кунҷи ъуммиён тозам.
Чӣ шуд аз даъвахат, Мӯсо, "... аринӣ" гуфтӣ ту бисёр,
Валекин, нодида ӯро, бияфтидӣ ба хок ондам.
На Аҳмад дида ӯро баъд, бимонд андар таҳи садраш,
Ҳиҷоб уфтода дар мобайн, бигуфт: Бишнав хушовозам.
Биҳамдиллоҳ, ки моро, пас, ҷилойи ин тулӯъ боқист,
Ки мисли тоири субҳе ҳамеша ман ба парвозам.
Бигӯям ман "... ва ло таҳмил", надорам тоқати боре,
Вале, дархост бинмуда, ҳамеша ҳайрпардозам.
Бибахшо ҷуръати моро, ки гӯем мо "... арино" боз,
Ба даргоҳи ҳазор имкон ҳамоно чашмандозам.
Дуои Хоҷа дар васл аст, валекин бо умед ин дам,
Ба банди баста мушкилҳо ҳамеша доман андозам.

…

…

Бар ҳолати мо раҳми Худо боду Худо бод!
Дар нақшаи мо фаҳми Худо боду Худо бод!
Гар фаҳм накард, даст мадод... Ҳаст илоҷе?
Андар сари мо дасти Худо боду Худо бод!
Чун май надиҳад, маст нашавем... Ҳаст ҳисобе?
Пас, ин дили мо масти Худо боду Худо бод!
Ин курра, чу гуфт Ҳофизи ошиқ, сари мо зад,
Пас, курраи мо фоли Худо боду Худо бод!
Мавло чу бигуфт болу пар аст маънӣ, бидон, пас
Дар сурати мо боли Худо боду Худо бод!
Дасти талабам мисли алиф пеши назар шуд,
Ин қомати мо доли Худо боду Худо бод!
Ин хирқаи матраб, чу вом аст, ба хок деҳ,
Лек, ин дили мо моли Худо боду Худо бод!
Оқибати ҳар кор бахайр гардаду осон,
Чун ҳар саҳарам шоми Худо боду Худо бод!
Андар пайи ризқ мурғи дилам дони Худо хост,
Пас, ҳар диле дар доми Худо боду Худо бод!

…

…

Қобизи масъул зи қӯи баҳри мо пар меканад,
Сайди маъқул аз таҳи чанголи ӯ бар меканад.
Чун ваъид аст аз дарак андар буруҷи шайидон,
Бандаи махшӯъ зи байти одина дар меканад.
Ин ҷамоъат мункиронро назъи “... ғарқан” асту бас,
Дохиринро дар таҳи дор бегумон сар меканад.
Гар равад нур аз барат аз ғосиқи мавқуб гурез,
Мумдиди гумроҳ дар чӯб расми абтар меканад.
Суд надорад ин тиҷорат, аҳмақист, гар ҷойи нур,
Барфурӯшӣ ту асоро, чунки, бар дар мезанад.
Ай ки арзон мефурӯшӣ аз малобис дар шито,
Барфу борон чун шаҳобе рӯзи маҳшар мезанад.
Он, ки таъхир бар мулоқот мекунад имрӯз, вале
Ҳасрати“…ёлайтанӣ” бо чӯб бар сар мезанад.
Расми хомро ту макаш андар суҳуфи поки ақл,
Чун мунаққид нисбати кор нақши дигар мезанад.
Хоҷа, бингар, дар бозор кори хона рост нест,
Дар суҳуфи номаат ӯ ранги ахзар мезанад.

…

…

Бе ту шаби мо тӯл кашид ҳад надорад.
Ишқ аз дили мо ҷӯл кашид мад надорад.
Ду дасти адаб дар уфуқи сина кашад саф,
Зинҳор дили мо як талаби бад надорад.
Дар шавқи висол мо қадаҳе пеши ту орем,
Пас рез майе, ки ин дили мо рад надорад.
Ёро, чӣ зиён мебарӣ? Бо мо чу бимонӣ,
Бо ту диле парвои ғаму дард надорад.
Гӯянд, ки "бо дӯст накӯст!" ҷаннати ризвон
Бе ту ҳаваси ҷаннати мо бард надорад.
Кай киштии Нӯҳ-мерасадам соҳили он арз?
Гар дар бари худ турбати он Ҷад надорад.
Бо мо ту бимон, ёр, ки тарсам зи ғарибӣ,
Чунки, дили мо хоҳиши он дард надорад.
"Бе пир марав!", хоҷа, чу он одату пас бин,
Бе ӯ шаби ту тӯл кашаду ҳад надорад.

…

…

Мутмаъин бар дилбарем, к-аз бевафоӣ рухси ом
Гуфта, бар мо мекунад вай сад нигоҳ бо бухси том.
Лек, дилбар на садое сӯйи мо нокарда, пас,
Мебарад бар зери хоку мекашад бо хишти хом.
Бо "… нуъид" гар маҳрумонро бар никоҳ бозоварад,
Бо нуфухи родифе бармезанад қамчин ба ҷом.
Ай, чӣ сахт аст васли охир, баҳри эҳёи ухар,
Аз тану аз хок бичинад зарра-зарра ҳар мудом.
Марҳабову "... ирҷиъӣ"-ро чун садо ояд ба гӯш,
Бишканад занҷири сахте, карда озод ҳарду пом.
Хушнавоз ин тоиреро дар қафас ҳабсаш макун,
Баргушову пас, бубар, ин хушнаворо сӯйи бом.
Беҳтару бештар бидонад ҷон бигирад баҳраро,
Дар раҳи рағбат магардад ҳеҷ нафас дар умқи дом.
Ранги Мӯсо, зан асоро бар тани аҳҷор ва бин,
"... ҳусната ъашрата ъайн"-ро чун бигардад бар ту ром.
Инқадар сахтӣ макун, Хоҷа, зи санги сахтарин,
Ӯ барорад баҳри ту обу наҳору ризқи ом.

…

…

Ҳар дил, ки сиёҳ аст, ғараз дораду ҳам бас.
Мӯҳтоҷи гиёяҳ аст? Мараз дораду ҳам бас!
Гар ойина мӯҳтоҷ ба занг аст бидонедс,
Дар кори муҳаббат фараз дораду ҳам бас.
Бурҳони муқаннаъ зи фурӯмоя чӣ суд аст?
Чун мурғи саҳархез ҷарас дораду ҳам бас.
Танг аст ду чашмони ҳасуд нисбати моён,
Чун кина, на аз худ, ба кас дораду ҳам бас.
Аз мушт нарезад ба сари хок зари меҳр,
Чун хоки дигар, на худу кас дораду ҳам бас.
Аз килки бахил хуни ҷигар кай чу бирезад?
Чун дар раги хун, балки барас дораду ҳам бас.
Гарчанд бинӯшад чунин бодаи хунин,
Рангаш чӣ шавад гарчи гараст дораду ҳам бас?!
Эй Хоҷа, нигар, дар вараҷи бахти халоиқ,
Ӯ ҷуз ҳавасе мисли магас дораду ҳам бас.

…

…

Бехабар аз фаҷри ахзар дар қиёми маъшуқон,
Мекунад ҷон ракс андар  саҳнаи ин ахтарон.
Ҳикмате чида зи маънӣ, - “… утиё хайран касир”,
Дар “… фақад” бинад вуқуфу банди лозим андарон.
Матлаб аз бӯстону ангур, в-ин ки аз ҷоми диҳоқ,
Мисли “…би-л-ғайб” накду дигар насийӣ аст дар ин ҷаҳон.
Ваъдаи афсонавор аз накди ин дунё ба кист?
Ғишва бар чашм мекашанду мӯҳрро бар дил занон.
Ин туроб дур аз забон аст, то ӯ бигӯяд ҳаққи ҳол,
Мунтазири рӯзи ҳақ аст, карда бовар бар фулон.
Таскине дарёи дил, кай мавҷ рафтӣ соҳилаш?
Маънӣ андар маънӣ асту нур андар нури он.
Пок нигаҳ дор, Хоҷа, дилро Каъба рост ҳукми таҳур,
“... таҳҳира байтӣ” чу ҳукм шуд, пас, Худо манзил дар он.
Гар варо меҳмон хоҳӣ, даъват ору пас, бубин
Хаймаи ҳакро ҳузуру мар варо тахти хубон.

…

…

Андар кафи озоди гадо, Ёр,  чӣ дидӣ?
Ҷуз савти ғаму оҳу нидоҳо чӣ шунидӣ?
Чун хирқаи мискин нафисе бошаду аммо,
Ресмон зи он порчаи мо, пас, чӣ кашидӣ?
Чун кӯзаи мо махдуми ҳар масту-аласт шуд,
Аз кӯзаи бехуни гадо хун чӣ кашидӣ?
Чун худ самадӣ, пас чи бувад назру ниёзат?
Дар ин рафи савдои гадоён чӣ буридӣ?
Шарт аст миёни ману ту дар ҳама ин кор,
Оё зи мани лолшуда, ҳарф  шунидӣ?
Андар дили ман ҷои дигар ёр набошад,
Ё ёри дигар дохили ин хона ту дидӣ?
Бар ғайри худаткист ки ғамҳои маро хӯрд,
Пас, пардаи нозуки ҷигар, аз, чӣ даридӣ...
Парво макун, эй хоҷа, ки дар рӯзи дигар ту
Бо чашм бубинӣ, ки чӣ фолчӯба кашидӣ.
Ҳоҷат набувад бахри суол , сабр куну бин,
Охир ба чи тадбир  ба  инъом бирасидӣ.

…

…

Чаро ин дил, ки наздик аст, мисли ахтарон, норас?
Куҷо шуд  нардбони ман, ки гардонад маро қадрас?
Ҳазор гӯйӣ "Қарибам ман зи шоҳраг…" дар тани гармат,
Ман имрӯз эҳтиёҷ дорам, кушо бар ман дари раҳмат.
Ба гуфтан…Гуфтан осон аст, валекин, мушкилӣ дар роҳ,
Ҳазоронгуйӣ "инҷоям!" валекин,сангат кунад ёдрас.
Ҳаловат пои Аҳмадро диҳад хори муғелонат.
Бигуйӣ "Дард кай дорам" вале, хорат кунад ёдрас.
Куҷо шуд шукру ин сабрам, надорам тоқати хоре,
Ба каррат "… ло таҳмилно", ки ночор мекунад ёдрас.
Баимонам, қабул фармо дуоям, к-амри туст инҷо
Маро ин шавқи "... удъунӣ!" ба касрат мекунадёдрас.
Надорам завқи Ҷаннатро, валекин, мунтазири васл,
Ки гуйӣ "... фадхулӣ"бас аст маро дар синаам ёдрас.
Ва ин ҷонам ки "... мин руҳӣ"-ст, чаро орад зи дард оҳе?
Ки ҷони ман аз они тусту аз ту мекунад ёдрас.
Хароб аст хоҷа зи ин аҳвол, ки дӯзад бар раҳат чашме,
Гузар кун бо нафас ин ҷо, ки аз раҳме кунад ёдрас.

…

…

Чаро, ҷоно, ба девор мезанӣ сар?
Чаро ту мебарӣ дастат ба ҳар дар?
Мабодо ошиқат гуфт: "Берун ойӣ!"?
Бурун рафта, киро ҷӯйӣ ту аз дар?
Куҷо бошад навид аз хаймаи ёр?
Надида рухи ҷонон андар ин бар.
Чу шамсеб дар бағал сӯзад танеро,
Чаро дар кӯҳи Сино кардӣ ар-ар?
Гар имонат заъифтар з-оли Фиръавн,
Чаро по, пас, барӣ бар сӯи он ҷар?
Чу буранд гарданатро, хун марезад,
Чаро, пас, мекунӣ ду дидаро тар?
Басо муш думи ҳурро бозӣ дорад,
Чаро, пас, мекунӣ ту савтиҳайбар?
Аё хоҷа, чу аслат воми хок буд,
Ва он хокат шавад аз абри ӯ тар.
Умеди мо ба раҳму лутфи ту бод!
Чиро, пас, мунтазирӣ з-аҳли минбар?

…

…

Гар равад озод ин нафс ӯ ба дор сар мекашад,
Бехабар аз мор, таҳи пой, заҳри ночор мечашад.
Маънние барчин зи мӯҳлат, ки рувайдову яқин,
Гар равад ин хоби ширин, айшисерхор мечашад.
Роғибе, ки дур монад аз ҳавову нафси худ,
Аз мақомаш хавфи бедор буйи маъво мекашад.
Маънние аз он лаъибаш нест ҷуз ин соҳибӣ,
Ки диҳаду давлату муй, пас, зи муйҳо мекашад.
Онки бинад ҳазлу шухӣ з-ин баёнот баҳри худ,
Тори ғафси анкабутӣ бар дари ғор мекашад.
Кун назорат нафси худро гар ки бошӣ соҳибе,
Мағрурӣ як дона ночор заҳри ин мор мечашад.
Гар расӣ ту бар мулоқот, аз таҳи дил тавба кун,
Кун назар бар қиссаи Одам, ки омоҷ мекашад.
Шуд забонкутаҳ ба савру аз алам қамчин бизад,
Сад фиғону, пас, нидову нолаву оҳ мекашад.
Бар бани Одам, “лақад” шуд аз каромот назди кул,
Лек, бубин, ки нафс уроқаъри сад чоҳ мекашад.

…

…

Он, ки дар дил ғам надорад, кай бидонад ғам чияст,
В-он ки дар вайсанг дорад, кай бидонад кам чияст.
Дарди васл маҳҷур донад, он сахту азкуҷо
Чашми сахт донад, ки ашку дидаи пурнам чияст.
Қимати аслии худро сабзихар донад куҷо?
Ё надонад фойида ин сабзиву шалғам чияст!
Ғӯтазан дар қаъри дарё қимати гавҳар шинохт,
З-ин сабаб ӯ нағз донад қимати ҳар дам чист.
Дарди шуш аз илтиҳоб ташвиш диҳад бечораро,
Лек, кай донад мариз, ки хислати балғам чияст.
Хатти каҷ чун давраи имкони моро банд кард,
Нест, он кас то бигӯяд ҳадди ҳар як бам чияст.
Ай хушо, хоҷа, ту даъво мекунӣ, ки одамӣ,
Пас, бигӯй, гар ту бидонӣ, мақсад аз Одам чияст?
Аз ҳадис, - "... ло адрӣ"-ро кун иқтибос ҳамчун шиор,
Шояд он ки пас бифаҳмӣ маънни "... аълам!" чист.

…

…

Ай хоҷа, нигаҳ кун, ки афкори баду нек,
З-ин синаи афгораи бедор набарояд.
Чӣ ҷойи таъаҷҷуб, ки зи ин оби таҳи дег,
Сирф маҳлули махлутаи пурбор набарояд?!
Гар хоки таҳи пой расад бар таҳи афлок,
З-ин донаи холис гули дилдорнабарояд.
Дубора нигаҳ кун бар ин як тани нозук,
То чашм нарасад дар тани ӯ хор набарояд.
Аз кандани ӯ даст кашад ҳар тани нопок,
Аз лаб, ки расид, мушки гулозор набарояд.
Ин булбули хушсавт ба висол бо лаби хомӯш,
Дар ҷилваи ҳар субҳ ба дидор набарояд.
Гар ҳар гули зебо нашавад мафтуни қомат,
Аз баргаи пурранг дигар  бор набарояд.
Рафтор нишон аст зи ҳар буйи баду нек,
Кирдор, ки бад буд, дигар ор набарояд.

…

…

Эй ёр, биё бар сари болин, ту куҷоӣ?
Бо шавқу ҳавас кулбаи мо кай ту дароӣ?
Ин базми арӯсист манам чашм ба сӯят
Ду чашми диламро шаби васлам бикушоӣ?
Дар хонаи бахтем ба ҳам ёри дилоро,
Аз чатри арӯсӣ магарам кай ту бароӣ?
Пазмон шудаам дар раҳи ту, ҷон ба лаб омад
Назди мани биншаставу помонда кай ойӣ?
То дидани он руи хушат мадҳи ту кардам,
Кай бар ивазаш аллаи ошиқ ту саройӣ?
Мо мискину танҳо ба раҳат чашм бидӯзем,
Бар ҳолати бечора ту охир сару-пойӣ.
Ай Хоҷа, кушо чашм, ки шояд ту ҳамин дам,
Бар хонаи ишқ, назди арӯсат бидароӣ?!

…

…

Аз куҷо донад дилам, ки сирри ӯро кор нест?
Коса лабрезам шавад ғайри таҳаммул кор нест.
Аз мукаллаф, пас, чӣ пурсӣ вазни дигар косаро?
Гар барад ӯ вазни тоқа, вазни ӯ дар бор нест.
Фикр месозам ки оё.сахтиро осон бувад?
Гар шабат торик шуд, он рӯзи дигар тор нест.
Бар ғаме бо чашми уммед бингарӣ бори дигар,
Чун бирезад ғайси раҳмат, ризқи морохор нест.
Суфраи афъоли инсон аз димоъ тахбир кард,
Кай малоик донадам ин кори тасбеҳкор нест.
То куҷо ақли заъиф моро барад? Бингар бар ӯ,
Ки "... фаайно тазҳабун?!"-аш чораи иқрор нест.
Муқтадири сабр набвад  пеши дарди беадад.
Гар диҳад з-анбори дардаш, ғайри ӯ ғамхор нест.
Хоҷа, бингар, регро аз рафтагон пай гум шавад
Чунки, дигар рафтаро бозомадан такрор нест.

…

…

Фазли ин субҳ дар вараҷи гаштаи ваҳм бин,
Чун дар шафаҷи нармӣ нарӯяд зи мо ҳийн.
Мардони таҳаммул, ки дар фикри хазонанд,
Ҳеҷ дил мабанданд ба баҳор аз сафаҳи чин.
Чист чораи уммед зи тамаъ?Лочини ҳушдор
Майле ба мурдор накунад дар тамаъи тин.
Шаҳду шакари тини ҳаёт, лаззати хулд аст,
То ҷон надиҳад, чашм магушод дар ҳашари дин.
В-ин зардии каф кай гирад лавни ҷигарро?
То барначинад аз “нуъид”-аш маънии муҳзин.
Ҳаркарда таваккул бағайб бар ивази авф,
Дар “... таратан ухра” бихезад зи таҳи зин.
Ай хоҷа,ба марҳан мазан чанд қадаме беш,
Чун пули сирот қил бувад сӯйи муаззин.
Ин хок чу вом баргирад аз рухат он дам.
Чун тин машав тӯъмаи ҳар лошахуру ҷин,
Беҳ, он ки зи хок тан бисозанд дар он рӯз,
Моростт кифоя, ки баранд ном ба мӯҳсин.
То хам нашавад ин сарам назди Ҷаҳонгир.
Барбод бидеҳ аз “ману ман” боди балочин.

…

…

Соқӣ, ту куҷоӣ, ки қадаҳ хушку ҳалол аст
Ё хидмати ту бар мани махмур малол аст?
Тарсам, ки надорӣ ту ҷавобе ба саволам,
Ин дил, ки шавад гум ба куҷо ҷою-ҷалол аст?!
Бо ин қадаҳи холӣ нишаста ба сари миз,
Чашмам ба дару хонаи холӣ нигарон аст.
Ашке, ки бирезад зи чиҳилсола раҳи шум,
Афтода ба хок, қатраи беҷону нишонаст.
Майхонаи моро нагирифт ин назари ту,
Аз хона бирафтам дили ман пур зи фиғон аст
Ай хоҷа, куҷо дидӣ ба ҳушёрӣ раҳи ишқ?
Бин хонаи мастон, ки сазои дигарон аст.
Бас аст маро такя намудан ба дари дӯст,
Остонаи дар чун ба мане ҷойи сагон аст.
Ҳазле шумарӣ ишқи маро, ҳалқа занам ман,
Чун з-ин заданӣ Қитмири каҳф шоҳи сагон аст.

…

…

Гар бодаи ишқам надиҳад кайфу сафоям,
Фоида нашуд хамру дилу дасти қазоям?
Хамр аст ҳар он май, ки накард фойда хуммор,
Ҳеҷ аст ҳар он май, ки накард завқи хуморам.
Ай хоҷа ба хок рез раҳиқам, ба қадаҳ нав
Аз накди лиқо рез, ки насийро нашуморам.
Гӯянд, ки дӯст беҳ вале, сӯҳбати лаҳво,
Моро талабе нест, ки шавқе набарорам.
Шуд ваъдаи тасним зи айнони муқарраб,
Ман маст наям маст ва ин ҳоли мизоҷам.
Авқоти биҳиштӣ надарояд ба тани ман,
Чун лаҳза ба мо ҳеҷ, ки маънӣ набарорам.
Ин зулфи каҷи қуддусӣ барронда аз китф,
Дар кашфи маъонӣ магарам сар набарорам.
Аз ҳад, ки маълум, натавон рафт ба дурӣ,
Дар маънии ҳақ изну зи он фаҳм набарорам.

…

…

Чун надонӣ қаъри дарё, пой андар вай мазан,
Чунки, офот аст феълаш қасди бурдан мекунад.
Огаҳӣ аз қаҳри боде, хайма дар саҳро мазан,
Чунки, бодаш бемуҳобо қасди куштан мекунад.
Баҳри гурге бар сари савре мазан теғи дигар,
Чун мало гардад шикам қасди гурехтан мекунад.
Бо найи ҳинду ба рақси фитнаи море марав,
Паст гардад ин наво қасди газидан мекунад.
Гарчи оташ паст гардад, даст  хокистар мазан,
Чун таҳи хок оташе сад кайди сӯхтан мекунад.
Сад сухан бо соҳиби садр андаруни Каъба зан,
Чунки, рӯй бар "... ваҷҳаҳу ли-л-лоҳи" як тан мекунад.
Он, ки гӯяд "... ирҷиъӣ"-ву он, ки гӯяд "... фадхулӣ"
Чун муаззин даъвате бар Дори зистан мекунад.
Ин "мазан" в-он "зан" ба мисли ҳукми шаръи таҳрим аст,
Гар магӯӣ, ҳукми соқит шарти гуфтан мекунад.
Хоҷа, бардор пардайе аз маънии "зан" ё "мазан",
Ҳарду бӯ дар мавриди мо бӯи будан мекунад.

…

…

Нигаҳ, бо чашми пурмаънӣ, забони тамйизи дорад,
Наояд аз садову ҳарф, дилро тухми бор орад.
Зи зоҳир, ай чаро Хоҷа, биҷуйӣ ҳаққу ботилро?
Ки ин як кӯзаи зебо ҷуз аз нақшу нигор дорад.
Набошад гар зи софиҳо ҷилойи рӯшанӣ дар дил,
Ба ҷуз ин шарму нокомӣ чиро дорад? Чӣ ор дорад?
Бигуфтӣ: ин дил аст аз ман, нахоҳам дод дигарро,
Чаро, пас, боз мепурсӣ, ки кист оне, ки кор дорад?!
Ба мисли ғулғула омад зи қаъри ботинам як дам,
Зи ин буғғи нафасҳо биёмад дод: «Кӣ дор дорад?»
Бибур ин гардани ғафсатки саррохам намеорад
Барад ғофиллии имрӯз туро фардо ба зери дор.
Нахоҳам ман чунин дилро, ҳасад бар маъшуқе дорад,
Намехоҳам ман ин силро, ки сад хоре ба раҳ дорад.
Ба буйи васли ӯ мастам ман, ки баҳраш дил ҳамебозам,
Наояд гар зи он хуне, ки ҳаққро суйи Нил орад.
Тану ин зиндагӣ н-ояд ба кор гар мурдааст ин дил,
Бубин, пас, зиндадилиро бар Аййюбе хиҷил орад.
Зи тафсири маъоние надида  чашм суйи ҷар,
Саманди лоғару фарро ба коми мустаҷил орад.
Аё хоҷа, «... мани хокӣ» ба гуфтан саҳл асту бас,
Вале дар кори тақдират, бубин, по сӯйи гил орад.

…

…

Ҳар ҷой, ки буд дил бигуфт: «Зурри қубур кун!»
Ин ҷоми нафсро ба шакар пур зи хунат къун.
Бардор қавоқрову бидар пардайи хирад,
Ё об ба рӯй зан ва ё хун зи дилат кун.
Гар даст надиҳад вақти убур носири ҳушдор,
Ё тавқи кибор ё ки таяммуми бадан кун.
Гар нафс кунад завқ бар аммора харидор,
Ё нор фурӯ бар ва ё мум ба даҳан кун.
Ай хоҷа, ба ҳуш дор, ки ин начдна яке аст,
Ё монда ақиб, ё ба ақаб роҳ ба саҳан кун.
Чоруқи ҳаёт дарраду дар суфраи саҳро,
Ё пой ба қум зан ваё айни сухан кун.
Майле бар ин лаҳву лаъиб ҳеҷ надорем,
Ё ёди ҳамин дам ва ё ёди куҳан кун.

…

…

Зери гунбад саҳнае бар мову ту оростаст,
Пас, чиро ин бастакор аз мову ту мехостааст?
Тухми маънӣ, тухми асрор зери поймон коштанд,
Пас, аҷаб нест, гарчи дар мо аз уқул гуммоштааст…
Неъмати зоҳир ҳамвор бар муҳитҳо бастаанд,
Пас, аҷаб нест, гарчи инсон аз ақал гум кардааст…
Нолиши беҷой кард аъмо, ки нодид ин наъим,
Чашми зоҳир баркушода, зиракӣ гум кардааст…
Чун ҳиҷоб ин ғишваро бар чашми зоҳир мекашанд,
Чун, набинад чашми сар, к-аз ботиле пур шудааст.
Бо дами субҳ торате бар чашми озурда биёр,
То нашуйи хоки ҳасрат, покиро кай дидааст?!
Дар нишонаш маъниро ҷуй, хоҷа, ҳарф беҳуда аст,
Ҷуз ҳуруфи заррини байт, чашми дил чӣ дидааст?
Кӯзаро бо оби маънӣ пур кун, ай ҳоҷаам,
Варна дар он газдуме, ё муш ҷой мешудааст…

…

…

Ҷоми пурноб дар хаёли васли маъшуқе шикаст,
Нест пайванд шишайӣ дар руйи санг уфтодаро,
Ханҷари бодин намеоядба кор дар қасди даст,
Нест савганд манзури маъмул заъифи мурдаро.
Авфи ахторо набинад саркаше з-аҳволи паст,
Нест арванд мағруру аз кину кибр тамъбурдаро.
Аз фидоӣ ҳеҷ н-ояд афв бар аҳдаш башаст,
Нест дилбанд ғофилу ин эътимоддуздидаро.
Хоҷа, бояд з-инчунин хислат, ки дом аст, дар гурез,
Варна ноёфт аст сандал ақли танкӯбидаро.
То замоне ин табар ояд ба сар осуда бош,
Сабр парвар бар тану рез оби ақл тухмпардаро.
То замоне, ки мусаммост, бо саре олуда бош,
Кибру кинро бар замин зан ё ки хок чашмпардаро.
Орифонро мар нашояд ақл омад чун қазо,
Субҳи эшон лайли қадр аст ё ки мӯҳр зан синаро.

…

…

Биё, ай роғиби ин роҳ, чу мизроб чанг зад бар дил,
Биё, ай мутриби доно, назар бинмо ба «қолу-қил».
Аз инрафтор омад шарм, холӣ даст шуд ночор
Ки танг ояд нафасро қалб мисли ғурфаву он пил.
Наёбам роҳати ҷонро дар ин дӯкони зарҳалдор,
Бигардад ҷуссаам хоин «... фӣ тули ҳаййӣ» андар дил.
Набинам чораи дигар ба ҷуз охир шикасту рехт,
Ва ин ҷони шакармонанд рехт аз қолаби ғофил.
Нафасро вазни бисёр нест, ба масси даст н-ояд он,
Валекин, ҷуссаи хомро тавонад хок кунад исбил.
Кашида пардайи хокин ба хишти хом ин хомро,
Бимонад бо насаб сайқал ба хотирҳо андар дил.
Аё Хоҷа, зи ин сурат бимонад сирати одам,
Вагарна, турбати инсон матонад гуфт “қолу-қил”.
Ба манзур ояд он ҳардам, ки мегуфт ном аз сират,
Чу он лафзи басо зебо наояд аз забон бар дил.

…

…

Муттаҳам карданддар ғайб хоҷайи бечораро,
Райбе не, ки ин саре аз он сарон фарқе накард.
Нокифоя ақл бинад манзили вайронаро,
Гар кулухе сангро заддар заниш барқе накард.
Нест ғам бечораро, к-аз ин ғазо бар каф нашуд,
К-ин ҷунун аз иштибоҳу рӯйи худ шарқе накард.
Гар наёяд зикри Лайлӣ дар хамӯшиҳо ба ёд,
Турку холи ҳиндуяшдар ин сувоқ рабте накард.
Дар таҳи пош гавҳари батн, ҳамрадифи тину бод,
Аз гузашти ин мунир дар шаб кулоҳ бадре накард.
Ин ҷаҳон манзили мӯрон асту дар он хокием,
Рабвати олаш кам асту ин раҳим шавқе накард.
Гар чунин дунё зи мастӣ мераҳад аз ин баре,
Ай, куҷост он қадрдон, гар як шабе қадре накард?
Қадри бӯйи маъниро аттор донад ё басе,
Ё набошад ҳеҷкас, к-аз инчунин адре накард.

…

…

Пардайи торику ғафсам бар дарид,
То чаман тӯтийи ҳиндуям парид.
Ин ҳиҷоби бас сияҳро дасту по,
Бо азобам хӯрд, бар сӯяш кашид.
Дасти чап болойи китфи рост монд
Ҷуссае бармонда бар зону кашид.
Амр кардуаз мани бечора ӯ,
Тӯтии гӯё бар сӯяш баркашид.
«Ту кунун таслим шудӣ!» - гуфт ӯ ба ман,
Тан дар хоб, лек тан чорсӯ давид.
Хеста аз хоб «… заммилунӣ!» ёд шуд,
Метапид дил зуд, ҷасорат мерамид.
Қасри дида олитар аз Кайқубодш,
Нури дунё назди алвон мешамид.
Аз бадан мерехт арақ, ки азин ҷабин,
Субҳи ҷон дар дигар олам медамид.
Мешавад то ҳол аз тарс, ай Раҳим,
Ҳоли ман дигар, ки аз ту мерамид.
Босирамро ғишвае маҳҷуби сир,
Сӯйи худ бардошта аз мӯй мекашид.
Равҳе аз он ҷадид ин Хоҷаро,
Аз чаман мисли тароват мерасид.
Варна, тарсам тарси ин дарс медарад
Синаро, ки ваҳми дунё мекашид.
Дар раҳат савти заниши қалби ман,
Мисли борон рӯйи ойина кашид.

…

…

Хоҷа андар фитрати афроди нобобонҳаюр
Монда, дандон занад остини гардан чун ғаюр.
То куҷо ин ҷаҳли сархӯр, вонигар, теғе ба сар ,
Бурда чашме, ҳар харе бинад муҳит андар футур.
З-инчунин хислат ҳамире ранги сурхаш бартар аст,
Бал ҷарасро ранги субҳаш оварад бонги хутур.
“... фарҷиъи-л- абсор” ба каррат даъвате бар ҳар сар аст,
Он, ки дорад бар аваз хумб, ӯ чӣ донад аз сутур?!
Муш набояд мад кунад аз ин назар дар кӯтаҳӣ,
Кӯтаҳӣ офотбар асту з-ин чунин он думро бибур.
Уштуре гар кӯтаҳ аст дар воъизиву минбарӣ,
Лек, назар дорад уфуқро аз мақомаш то ба дур.
Аз мақоми қомату в-ин чашми дурбин дар сар аст.
Ин сабо бо изни Ҳақ орад ризоро бар сутур.
Таъкиде карда бар афлок, чашми сар бар ахтар аст,
Ҷуз савоб мар менаяфрӯзад фуруғро дар қубур.
Хомӯш аст ин каддайе андар диле ҳар Мӯсиро,
Баршикан ин сайқали нолозими тақлидфуҷур!
Ҷон бирез, Хоҷа, ба мум бар ноитоъат сайқалат,
То ба ҷунбиш ояду гӯяд сухан дар он ҳузур.

…

…

Хомаро баркаш ба мусҳаф дар пайи сабти ҳуқуқ,
Ҳақвай асту ҳаққи худро ту зи дасти ӯ бигир.
Донаро дар дом дида, ту марез об аз даҳон,
Дақ наястуаз дари ихлоси дигарҳо магир.
“... сайтир”-о гар мӯ бидонӣ бо “бӣ...”-яш “ласта...” бихон,
Ҳомире гар вазни асп аст, бо хичир ошно магир.
Бо хунат чирке дарояд, бо хуне ояд бурун,
Ончи ошкор аст зи хуне дар таҳи ойина гир.
Ин алақ вайронакор аст, сохтае аз давву лат,
Давидан андар паяшдар дидатарду лат бигир.
Мисли товус баркашидан аз худе парро маҷуй,
Бингар андар пойи луч в-ин чораро аз лой бигир.
Сахтие андар васоит баҳри набли чораҷуй,
Талъати дукӯҳа маркаб бар симу сабат бигир.
Ай дило, овора ин пайро магир, ки ҳоларуй,
Ҳолате гар дигар ояд, рӯйро аз хок бигир.
Аз вафойи бевафоён ин мақом нояд ба ҷой,
Ин қудуми занҷиринро озод аз занҷир бигир.
Соқите гар кардайӣ, Хоҷа, бас аст ин кору роъй,
Вазни нохоси дигарро ҳеҷ бари мӯят магир.
Ай дареғо, сар бибардор, ҳарки ҳарчӣ мекунад,
Лоҷарам тобути вазнин дар кафи шонат бигир.
Мар нашояд з-инчунин рафтори дигар дилгире,
Чун чунинонро рувайдо мӯҳлате дар дида гир.

…

…

Хубҷамъ он дар ин билод аз он вуқӯъ огаҳ наянд,
Бас нуқус дар софматоъ бо лавни ботил мекашанд.
Аскарони каҷсилоҳ дар ин набард, пас, аз киянд?
Сар ба дори муҳками ҳар қаҳру қотил мекашанд.
Гар бичаспид чашми сар андар шувоқу ин буҷул,
Чашми дилро бар туруқе суйи манзил мекашанд.
Хоҷа, чанд аст ошногӣ бо раҳам андар ҷуҳул?
Килки ақлро бар фулук бурда, ба қаъраш мекашанд.
Санги кӯчак вазнине нест, дар муҳити ҳамҷинос,
Бофта аҳлӣ ин лавандро зери аҳҷор мекашанд.
Гар зи андеша тиҳиянд, аз муҳит аҳли уқул
Сархарида, зархаридро зери хӯрҷин мекашанд.
Маркаберо гар бибошад аз мулук аҳли ҷуҳул,
Харсавор шобеҳҳамирро роҳи каҷҷон мекашанд.
Кун ҳазар аз маркабиву соҳиби аҳмору хулқ,
Соҳиби бурқанишинро суйи меъроҷ мекашанд.

…

…

Шамси ҳақро дар ғуруби водии исён дидам,
Қум ба мисли резайи сичл аз виёл додаш нишон.
Дар саробе хилватеро нақши туғёнаш дидам,
Дар хамӯшӣ баста бобро аз дижан омад фиғон.
Сояи дарвеш бирақсид, далқу ин ҳамён дидам,
Ҳар қадам суйи ғуруб омад ба вазнаш чун гарон.
Хоҷаро дар ними шаб дар ин саховат боз дидам,
Акси ҳолаш дар сафоли ойина омад нишон.
Ҷуз ин авҳом дилеро қолаби беранг дидам,
Ки ҳамезад аз фироқаш нолае аз нақшу ном.
Чун хамӯшӣ омад бар лаб, ин диле дар ракс дидам,
Ки тапида, ёри худро даъвате кард ҳар мудом.
Пас, чӣ хуш аст, Хоҷа ин ҳол, гар кунад фарёд дилат,
Ин самовӣ арзӣ ҳам ҳаст. Бехтараш ойӣ зи бом!
Чун қариб аст ҳабли моро, масканаш дар ин дил аст,
Кӯш нишинӣ хилваташро, руй карда дар маром.

…

…

Ҳосили дунё на молу на банину на ман аст,
Хулди дунё - номи неку в-ин диле, ки бо ман аст.
Ашки тундрас, к-аз замири қалби ман мижгон зад,
Ҷуз мабошад як сухан, к-аз ин диле, ки дар тан аст.
Андарун ин ҳабби мисқол як ҷаҳон пухту расид,
Ин бибин, ки тақдираш дар оби сард ҳам пухтан аст.
Вазн надорад, лек, бар амри «... ло вазир»-и шафту шид,
Ҳамчу муъсир ҷазби хоку баҳри инсон рехтан аст.
Чун қадар кард баҳри ҳолаш, бар қазоват рӯй кард,
Ин дило дар қасди маъшуқ завқи гирён шудан аст.
Нолиши дил ҳамдамӣ бо акси корат мекунад,
Даъвате бар насбу васлу ҷону ҳолат шудан аст.
Бишнав, эй дил, нест Хоҷа дӯстдори лофу лоғ,
Ҷӯр бо қасди мақоми волу-ъолат кардан аст.
Хушнудам аз он азал, ки дар мани мутъабсифат,
Чун мисоли содирон бо дил ҳамоҳанг шудан аст.

…

…

Як шаби бехобӣ з-он сад аз мани бедор гузашт,
Ҳамчу корвони хаёлот аз сарам бебор гузашт.
З-ин авҳом кай бувад огаҳ, ки дил дар синаам,
Хилвати танҳойиро вай бечуну-бечор нишаст.
Хушк омад он чаҳи юсуфиаш дар чашмаам,
Дар вақуди қандаҳе ин ҷони ашкборам нишаст.
Ин Халилро ворахӣ нест, з-онки оташ сӯхтааст,
Чун бувад оташдилеро оташи бас ҷонкушаст.
Чашм бинад равшаниро чун кавокиб рӯшан аст,
Ақл бинад дар нураш асбоби бас шайтонкушаст.
Дар шаби меъроҷ бидидам ин кавокиб козиб аст,
Ҳамчу хуршед дар баҳорон мисли як атфолкушаст.
Чун маро омад уқуле аз мубину аз кизоб,
Ҷон байни ҳардуйи он мисли талпоси муш аст.
Чун кунам кор, нафс охир мекашад бар изтироб,
Лек, мабинам фавқу фавзро, к-андарунаш як қуш аст.
Ҳеҷ гуворо нест ин дил, мутмаъин кай мешавад,
Абқиро у муртазову бохта ин дам дайкушаст.
Ин намак дар ком шавад кай шаккарин аз ин висол,
Чун ба нафхи родифаш вай мурдаро зиндакушаст.
Гар маёяд хоби дунё, Хоҷа, чашмро сахт бимол,
Чунки, чашми Мусие дар соиқа бас чашмкушаст.

…

…

Гар таваҳҳум маҳсули пиндори сабқи кина аст,
Пас, тараҳҳум аз ғубори ҷӯши кафки сина аст.
Бар даҳон гар шири модар ҳамчу қай ояд яқин,
Чун аҷаб бошад, ки дил аккоси шафқи тина аст.
Акси дилро менашояд тазвире аз зонну ҳийн,
Чун шабоб дубора зинда андарин Одина аст.
Ин мусаббиб пайки ҳолро дар васоъ орад маҳин,
Ҷойи покаш саҷдагоҳу лутфи вай ҳамдина аст.
Менамояд ҷилвае аз ширкати он ҳамматин,
Аз ҷадид дурӣ биҷӯяд, к-улфати дерина аст.
Содиқам бар нозу хайраш гар наям аҳли вафо,
Лек, чӣ бояд, дар дилам гар ъувфи вай аҳдина аст.
Ҳоҷаам бидрида дар дил сатри маҳҷубро ба шарҳ,
Мӯҳри маҳмудро чу қассоб зад, ки он дар сина аст.
Вонагзорад маро дар ҳар дами ғофилиам,
Чунки бошад ҳар шамеро шоҳпаре парвина аст.

…

…

Аз чӣ бошад ин дили ман беқарор дар сина аст,
Таппиши расвойи зӯрӣ, акси ин ойина аст.
Қавли маъруф аз манову з-он азояш гар рамид,
Чун тамаъ маҳрам ба хӯрдан бар зағу бар кина аст.
Гар чариданд андарунаш дар васоъ анъомхаёл,
Гурги авҳом мунтазиру сидқи ин дерина аст.
Мар қароргоҳ дар саройи мотамӣ ҳеҷгоҳ масоз,
Кафро ҳам нақшаву ҳам иттибоб аз ҳийна аст.
Гар фарох мебуд умраш, бори дигар сарфароз,
Бар лиқо мегашт муяссар чун малак саффина аст.
Нест кароҳат кори динро чун набошад ин қафас,
Интихоби начди дил дар ҳар салак аффина аст.
Ин қафас мисли танаб бар пойи тоир асту бас,
Роз қанот дорад, ки боде бар фулук бодина аст.
Панҷараш, пас, аз ҳадид нест, мисли ресмон асту бас,
Аз азал нармӣ - сифоту хулқи ҳар заррина аст.

…

…

Чӣ ҷойи ҳасрат аст имрӯз, ки ком шаккар намегирад,
Ки ин чашмони шаҳлойи бо хуни дил намегирянд.
Бас хун шуд ҷигарҳо ҳам вале, аз фахри нокомӣ,
Басорат гашта аъмойе зи коре акс намегирад.
Ту гӯйи боб, вале, гӯянд зи ҳоит масдаре ҷӯянд,
Бигӯйи ин ғалат охир, пайи чашмонро меҷӯянд.
Ҳамоил гашта бар ақлҳо вале, аз ҳазра нотарсанд,
Ало, дар минбари воло, басо сад сина мекӯбанд.
Ғубори дерини кина лаҷоми дил ба даст дорад,
Зи равҳи раҳмати воло латоф ҳеҷгоҳ намеҷӯянд.
Басо худкарда ҳар мухсир зи ҳоли худ мағрур аст,
Ки ин чашмони зинатбин зи айби хеш намеҷӯянд.
Басо мағлузу пуртафт аст, гиребон мубталои чирк,
Вале, дар сад гиребонҳо суфиро ҳеҷ намеҷӯянд.
Зи ин ки нест ҷилойи соф, мухаддир гаштааст ин дил,
Куҷо он зоти содирҳо, ки садри якдигар ҷӯянд.
Зи аҳну акраму мин қадр шуҷоат мустаъид омад,
Вале, дар кори васли хеш висолро ҳеҷ намеҷӯянд.
Чу шуд ҳамзот такаббур зоди ҳар омад,
Хилофро байни нуру нор ба ҳеҷ ҳоле намеҷӯянд.
Бас аст, ҳоҷа, ки ин шиква асоси сир намегардад,
Ки савворо ҳар кӯру ва ҳар бино намеҷӯяд.
Ба фарҷом баррасон корро, ки дил аст мазраъи беҳад,
Ки аз як ҳаббайи оқил миъоти беҳисоб рӯяд.

…

…

Зоҳирон ҳақро ба ботил сад малобис медиҳанд,
Иктимо аз асли хешу лавни хобис медиҳанд.
Иҷли заррин дар фаъол аз як ҷасад фарқанда нест,
Тӯқуми зарбо ба ҳомир чун бисот вомедиҳанд.
Ҳарчи карданд соҷидон дар дахли боб андар билод,
Бар аваз бо ҳиттайи ғуфрон зи қофҳо медиҳанд.
Ай, чӣ шӯрест гар зи бесабрӣ кунандаш даъвате аз он лубод,
Ҷойи ҳаққаш аз қалиле сад саманҳо медиҳанд.
Аз Худо даъво чарост, ай бехабар аз абру бод,
Ҷойи як лафзи ҳақиқаш сад фарангҳо медиҳанд.
Сирати ҳақ чун ҳамин аст мисли хас ояд бурун,
Ё зи вазни сангинаш аз қаър дарангҳо медиҳанд.
Гар равад об пайкараш аз қаъри дарё шуд бурун,
Бозувони ботилон бар вай фишангҳо медиҳанд.
Лек, мабошад, хоҷаам, ҳеҷ ҳавлу қувва з-ин сукун,
Лаппиши бекораро бар ҳар баданҳо медиҳанд.
Ҳифзи ҳақ дар зиммаи Ҳақ, дон ки буду ҳасту бас,
Бар шаҳидон рӯзи охир сад суханҳо медиҳанд.

…

…

Ин гул, ки сияҳ дар суфи мутлақ бинумояд,
Дар баҳси ҳақоиқи суфон шак бинумояд.
Авсофи маъонӣ шуда аҳлоли кинояш,
Аз махтуми ҳалқаш назари так бинумояд.
Ин шишаи пурноб, ки нашуд моли кирояш,
Дар ҳолати суккар назари ҳақ бинумояд.
Махмури дуруштӣ, ки нашуд ҳоле барояш,
Дар олати шаккар ҳазари шақ бинумояд.
Дар ҳолати мастӣ зи марру биҳимояш,
Аз марру киромтар назари дақ бинумояд.
На масту аласт аст, ки ин хоҷаи авбош,
Аз фарру гиромтар ҳазару шак бинумояд.
Гар косаи ҷамъаш шуда лабрези хушубош,
Уммед бар он тилкайи ҳаддаш бинумояд.
Чун тамъи лазизаш шуда абхори саритош,
Тайъосӣ ба равҳу бар он аҳдаш бинумояд.
Ин ҳиммати мо чанд бувад содиқи пастӣ,
Талпосӣ ба навҳу бар он раҳм бинумояд.
Аз хоҷа наёяд дигаре дар фазали адл,
То пушидани чашм назари афв бинумояд.

…

…

Дар сифоти ин муқимон тазвири авҳом нест,
Дар бисоти ин маризон кашфи ҳар илҳом нест.
Муксил аст ин ақли ҳомил, маҳсулаш гар кор нест,
Муъсире гар дам бипӯзад савти як идғом нест.
Най чу бошад холӣ аз дам, дар нафираш дам куҷост?!
Дар“... лақад каррамна” бошад, кайфи як икром нест.
Ҷон чу бошад ғофили ишқ, ҷаври ҷонаш дар куҷост?!,
Дар тапиши он маконаш фарши як ором нест.
Дар фитоди барги болиғ тақдири инкор куҷост?!
Ин висолро бо асилаш маънии як ром нест.
Ин ҳаёт бишмар бақо, гар сарнавишташ дор набуд,
Чунки осораш муқаддам, дар назар як гом нест.
Кайфари малҳам ба ҷонат мол, ки, ай Хоҷа, ки кор
Бас аҷиб ҳикмат ҷазову ризқи ҳар як ом нест.
Касрате чун қосир омад дар навиди ибтикор,
К-аз муҷиб қисмат насибу макри ҳар як дом нест.
Ай, басо ҳарфе маҷозан восифи ин ифтихор,
Гуфта шуд, ки вазни он, пас, ҷоизи ҳар бом нест.

…

…

Аблаҳонро чун бувад дар кори мизон воъизӣ?
Мурдааќлон кай баранд аз бори афғон кошифӣ?
Зиндадил ҳамвора ҷӯяд пай ба кӯйи кӯҳи Қоф,
Санг бар девор беҳ аз кару фарон восифӣ.
Чун маёяд ин машом ҷуз тафти ин анбӯҳи лоф.
Хидмати бесуд бувад дар назди Фиръавн осифӣ.
Мунтазири як шарар аз ин кулӯх андӯҳи хоф.
Чун бувад фарруқи садранг маҳҷуби ин нозифӣ.
Аз истар то сипеду зарду ахзар ҳаст алоф,
Фосил аст авқоти нодир бо чунин як ихтилоф.
Аз маъин то шир бувад аз ин ҳазор тӯлии роҳ,
Лек, бувад нимгазза қомат аз духул то он шигоф.
Ашки инсон дар чиҳил сол мешавад дар чашм нигоҳ,
Гар набошад дидае, пас, мешавад сад ихтилоф.
Ин фусунӣ мисли фан аст, чун набинад чашми шоҳ,
Чашми сират бас ғано аст, баргушо, ай зарби боф.
Саҳби сабтон дар умур маймунабозанд зери моҳ,
Саҳби моъид аз рузуқ монданд андар ихтилоф.
Хоҷа, бардор шафти ҳаддод, накди ақбо нест баъид,
Ин наҷдро ҳамрадиф аст дайн бо ҳар як талоф.

…

…

“... куллу муъмин ихватун”, лек, ин ъадоват то ба кай?
“... куллу шаръин мусватун”, лек, ин кароҳат то ба кай?
Чун наёмад дидае аз он баъидӣ, чора нест,
Нақли ҷоиз дар замиру ин маломат то ба кай?
Гар фиребад чидае аз он заъифӣ, ҳола нест,
Ҳасрати ангуштгазонро ин надомат то ба кай?
Чун мағунчад зарраи равған, вуҷудро кор нест,
Басрати харгушхуронро ин шуҷоъат то ба кай?
Гар либоси одамӣ хайран бувад, ҳеҷ ор нест,
Ҳар ғилофи холиро аз ин фасоҳат то ба кай?
Чун баромад чиллааш бар ақли ҷоиз бор нест,
Баччагӣ ғунҷад ба пирӣ в-ин балоғат то ба кай?
Хонашер – майдонғариб аст, кор бо бозор нест,
Киса аз зар бас тиҳӣ аст в-ин ҷасорат то ба кай?
Бесипоҳӣ чун бувад мардони ҳарбро дор нест,
Дар қуъуди аблаҳон дар ин асорат то ба кай?
Шуд ғуруб, рафт ин сабову мардро бал тор нест,
Дар вуқуби ъаммиён аз ин касофат то ба кай?
Хоҷа, бархез, дар сабоҳаш барнишин бо сирате,
Чунки сират суратеро дар масофат то ба кай?
К-аз атои бас касир омад хабар в-ин ҳикмате.
Масту маҷнун дар риё гаштан ба саҳро то ба кай?

…

…

Шафти мижгон толиб аст бар бӯса аз ҳар дидае,
Мавҷи ҷонон ғолиб аст бар чангу хоки чидае.
Нинаке чун сахт ояд хас бар анҳораш расид,
Дар сапедӣ нун маҷунбад оҳуро нодидае…
Чашми суратбин матонад ҷуз ба саҳроҳо расид,
Чашми сиратбин бичаррад ҳар чаман нодидае.
Пайкари фахри бутонӣ гул таҳи пояш кашид,
Дар фишор хокӣ фузул аст ҳар буланд нодидае.
Чун асилӣ мо мабояд дар мароҳан ҷоҳ кашид,
Нест фуруқ зоҳирабинро дор чу банд нодидае.
Ҳадди тилко бас тунук аст, аз ғализӣ даст кашид,
Чун бино аст чашми дигар банд зи банд нодидае.
Сад улум бекораву аз сад уқулҳо чашм кашид,
Ар мабошад нур ало нур чашми тан нодидае.
Заҳраи хокистарӣ ойинаро вузъе кашид,
Сурмаи ҷонбахш бувад ҳар як фитан нодидае.
Акси рафтор ҷилва дорад дар уюни ин рашид,
Нақши имруз бас шиор аст бар куҳан нодидае.
Хоҷа дар ҷаҳди таяммум масҳ бар сират кашид,
Изи асрор монда дар нақш бар сухан нодидае.

…

…

Дар қабои даҳр ба сират аз тинаш солсол расад,
Аз гиребон даст кашида, сӯйи атбоқ сар кашад.
Ин ҷунунӣ нест магар аз ҳарзае барчинд маъон,
Ҳасрати нодимӣ фардо сурма аз тар мекашад.
Нақши ҳоит пур зи расми тазвири имруза нест,
Ин русумӣ бебақойӣ хирқа бар бар мекашад.
Чун тиҳӣ ҳамён зи қаддам, акси ин дируза нест,
Ин ҳуҷумӣ бебаҳойӣ савте бар кар мекашад.
Машкуфад ар каф зи матлаб, истаҷиб пируза нест.
Ин қазогӣ дар умуре мавте бар ҳар мекашад.
Чун бувад матлабсаройро дар қадар ҳарруза нест,
Фурсати аҷли сururo сӯйи ҳар баҳр мекашад.
Баркашида сӯйи соҳил нусраташро чун аҷаб,
Бо дами аввал зи хотир боду бар даҳр мекашад.
Яъси афрод чун дамид мисли гуле дар ин раҷаб,
Ёқубе аз ҷоми равҳаш бӯйи ҳар заҳр мекашад.
Хоҷаро набвад ба кӯфтан синаро аз суду сил,
Ҳоҷате гар чун барояд киштӣ бар наҳр мекашад.

…

…

Дар қабои нозукӣ ҳар ғунча мастӣ мекунад,
Дар шуъои анбарин ӯнози ҳастӣ мекунад.
Бал мабодо нури мушмис маҳруми ар нармӣ шуд,
Нокафида шафти мижгон вачҳрустӣ мекунад.
Чун тамаъ з-афвоҳи ҷонон хандаи поянда нест,
Дар “... лафӣ хусру лубод”-аш саъйи чустӣ мекунад.
Дар замиру аз самим нояд агар ин тамйизӣ,
Малбиси султон аваз бар далқи пӯстӣ мекунад.
Фокиҳе аз шачри хулдӣ тазвири мағрурӣ шуд,
Дар бисотӣ фаҳмишаш ақл ҷурму костӣ мекунад.
Ар вилоди меҳрбонӣ мазраъи масрурӣ шуд,
Занҷири васли улул-боб чашм ба ростӣ мекунад.
Хоҷаро мабвад ҷунунӣ з-ишқи ҳар як муддаъо,
Решаи ҳаввоси дунро пой ба достӣ мекунад.
Гар дарав норад ҳусуле бар гирав з-ин иддаъо,
Тори бун з-ин худнамойӣ чораҷустӣ мекунад.
Чашми ҷонон аз фунунӣ аммиясту, ай бароъ,
Мори дун з-ин корнамойӣ фикри хомӣ мекунад.
Чун бувад коргаҳ ғофил з-иттақуяш, ай шуҷоъ,
Кори зунн дар дасти саёд зикри домӣ мекунад.

…

…

Дар муҳити ҷонфазо тире ба шақ бишкаста шуд,
Дар фазойи ноумедӣ шубҳу шак барҷаста шуд.
Васваси хуннос ба гӯши садри инсон чун расад,
Дар виқоя бар "наъуз"-аш ин лисон ҳамбаста шуд.
То фуруди теғ ба сар ҳар кундае осуда аст,
Чун мусаммост ин аҷал, пас, ҳар висол вобаста шуд.
Дар нафири ақбаи ҳақ пунбае олуда аст.
Чун шунидӣ ин масал, пас, ҳар мисол ҷамъбаста шуд.
Дар сабурӣ санги вазнин дар қуъур ҷойшуда аст,
Чун равад обу хасон нуре ба вай хамбаста шуд.
Дар ҷамилӣ ранги ҳузн чумешавад асвад ба чашм,
Қиблае бо саҷдагоҳ дар оқибат пайваста шуд.
Чун надорад Хоҷае дар дил ба ҷуз нозу карашм,
Бо шукуфти ин лабон охир ба дар сарбаста шуд.
Чун тамаъ нояд зи ҳоҷат бар аваз аз суъу хашм.
Ғафлати инсон ба ҷаҳле аз қадим ҳамдаста шуд.
Охуре ҳадди давишу марри ҳар гӯсола аст,
Назди қассоби қудураш бо танаб шохбаста шуд.
Чун мабинад домро дар охури ҳаввоси шӯр,
Донхуре аз ҷавринафс аз ин бақо раҳбаста шуд.

…

…

Ҳар нафас дар роҳи эҳё ҷонгудозӣ мекунад,
Мисли муш бо ҳурри дунё ҷонбозӣ мекунад.
Ар муфид аст суд зи ин кор, аз фалак чист обирӯй?
Мисли ҳуш бо фоли расво ҷонсозӣ мекунад.
Рабҳате гардад тиҷорат гар харидаш зулм бувад,
Дар суқи фосид касоду нархбозӣ мекунад.
Субҳи ҳар ин ойина бо кори хокистар ин аст,
Чанд тамйиз ҳам мабошад, худсозӣ мекунад.
Чун мабошад акси дигар, шар дар бистар ин аст,
Акси худро дида дар он хуб бозӣ мекунад.
Чӣ суд аст аз ин лағад в-аз ин туфе бар рӯй вай,
Ҳар чӣ кард бо худ кунад, бо худ ғозӣ мекунад.
Ар лисон бо тангии дил буда ноаҳлу қаҳар,
Маҷбуран бо ҳолу афъол худсозӣ мекунад.
Худфиребист, Хоҷаам, гар нафси ту мафтуни даҳр,
Бо арӯси суратангез хонасозӣ мекунад.
Сирате муғриқ шуда дар қаъри бепоёни наҳр,
Бо фурӯғи сабҳатангез лонасозӣ мекунад.

…

…

Ҳар дилеро бухл ба мисли занги оҳан мезанад,
Занҷири оташраборо бар таҳамтан мезанад.
Чун залил бошад ҳусулаш гар сухан омад ба лаб,
Доғи номус дар суфояш нақши пурлавн мезанад.
Чун хиҷил омад вусулаш гар тире омад зи лаб,
Мағзи ҳар намрудиёнро зарб зи он шаън мезанад.
Каъба маҳфуз мешавад ар ҳиҷрате омад қадар,
Ҷабри иҷбори маҳаллаш санги бешаън мезанад.
Тоирони кӯчакаш гар саф шаванд мисли абил,
Аҳли қуддус бар сараш аз оташи гил мезанад.
Дар Канъон гарчи ихвон кайди дил бофанд, вале
Чун муъаззин Ёъқубе савти мувассил мезанад.
Саҷда дар рӯъёи Юсуф ҳаст "... удхул суҷҷадан",
Аҳли байти ёъқубиро сӯйи он Нил мезанад.
Хоҷа, бингар, чун кавокиб сар ба саҷда гар ниҳанд,
Ин саре дар васфи даъвӣ хам ба восил мезанад.
Гар чунин бошад ба маънӣ, таслимӣ ин асту бас,
Ношукуфта ғунчаро сад ранги тамсил мезанад.

…

…

Чун ғубор дар шишайи ойина парвоз мекунад,
Байзаи яъс ҳиммати деринае воз мекунад.
Сифри маҳфуз гар кунад бар “... ло таҳзан” таклифе,
Сӯйи суҳо бе такаллуф ҷаҳл парвоз мекунад.
Чораи хиффатшикан дар дасти инсон нест дигар,
Дар таҳайюр роҳиле то ҷаҳл раҳ боз мекунад.
Чун наёмад маъние аз “... ло визор”-аш бар халиф,
Саҳфаи мақруриро такроран оғоз мекунад.
Чун шавад ин мистари шероза аз килке алиф,
Аз ҳади маҳрамситоён савту овоз мекунад.
Сӯйи мино мешканад боли ҳавасро ҳамрадиф,
Дар қади иҳромситоён ҷанг чун ғоз мекунад.
Ҳарзае нест гар шиори ғозиён ояд мусиф,
Ҳар сухан дар назди “Лаббайк!”гул зи афвоҳ мекунад.
Ҳоҷа чун аст? – Чанги нобоб дар васогии касиф,
Гар наёрад қавли нодир савти “Валлоҳ!” мекунад.
Гар чунин аст қиммати имруза, пас, чист чорае,
Чун зуҳур шуд майли моҳир шарти исбоҳ мекунад.

…

…

Ғишвайе гар чашми сиратро ҳиҷоб аст, чора нест,
Ақли мазлум хилватӣ авбоширо ҳеҷкора нест.
Ҳамчу Мактум дар талоши ваҳйи нав гар шатта хӯрд,
Ҳаққи аъмо назди Раззоқ дар радиф инкора нест.
Чеҳрайи алмосӣ аз дарки назираш дур ки шуд,
Бо тавалло гардиши ъаббосӣ дар он чора нест.
Гар бувад ошнои дарку чун хизираш нур ки шуд,
Кори таппиш аз дили ъосӣ дар он афкора нест.
Об чу рафту ҷӯй холӣ, чашми қадр чун кӯр ки шуд,
Нури чашм аз ин тиҳӣ дар ҳоли мо наззора нест.
Кӯзаи мо з-ин равони мағлузе гар пур ки шуд,
Аз маъони ҳикмате дар коса ҳеҷ ишора нест.
Ноб чу рафту ҷом холӣ, махмурӣ ар дард ки шуд,
Ишқ дар ҳол шуд ғариқу ҷуз дар он абгора нест.
Гар занад девори мижгон пардайи ҳамбастагӣ,
Ҳиммати мастон ба ушшоқ нақши ин нигора нест.
Ҳоҷае дар роҳи мастӣ гар бипӯшид ҳарду чашм,
Ин забун аз дил ҷуз ин шоҳ бар дигар нағғора нест.
Ҳоли мо ҳушёр чӣ донад, бинишаш кам асту бас,
Ин дили маст, пас, чӣ донад, кори вай ҳушёра нест.

…

…

Миҳнати миннтагарой ҳамчу туроб дар суфта аст,
Ақли солим дар раҳими чашми ғофил хуфта аст.
Вобиле гар шорад андар чанги ин ботилсухан,
Чун мисоли Зайиду-л-айд оҳани сард кӯфта аст.
Гар ҷигар хун мекунад баҳри ҷуҳул фозилсухан,
Чун мисоли аз зароъ тарду таъомҳо пухта аст.
Ҳарчи шӯр аст дар самоъ аз аҳмақе вақфи сухан,
Дасти ҳиммат дар вузӯгоҳ дар сабоҳҳо шуста аст.
Баъди ният такбире ҷоъаст бар сақфи куҳан.
Аз "... ҳаётӣ ва-л-мамотӣ", "... инна ли-л-лоҳ" гуфтааст.
Ҳоҷаро набвад ғуборе мисли тин дар ин чаман,
Дар зуҳури ҳар тулӯъаш тариро бас дидааст.
Ай кафо аст гар маъоност, ҳоҷате андар сухан,
Ҳеҷ намонад онкиро, к-аз решаи яъс хӯрдааст.
Хайр зи ҳикмат чун ато аст, лек, мабошад моли кул,
Аз лаганди шӯълаовар оши бас шӯр хӯрдааст.
Баҳси одил дар мувозин ҷадли афвоҳ тарҳ кунад,
Гар мабошад илму эҳдо баски пешпо хӯрдааст.

…

…

Дар нуқуши оҳувон тазвири алвон зоҳир аст,
Дар бисоти армуғон чашмони мерган моҳир аст.
Дар қади “ло”-яш мабинад аз паси “лом”-аш “алиф”,
Дарки мабдиро бибинад ҳарки дар дил тоҳир аст.
Чун ъимоди давраи дил бо хуне ояд ҳариф,
Зоъиферо кас чӣ донад, ҳарки дар сил қоҳир аст.
Мағрури фарҳи замона з-ибтило донад чӣ пас,
Кай донад ин панирӣ тамъи милҳ дар суккар аст.
То надонад шӯриро дил аз куҷо гардад баъас,
Чун ҷунун нест, пас, чӣ донад хамр андар суккар аст.
Воъизӣ дар кори савдо ҳиммате норад ба кас,
Кай донад ғайби саъдо гар такаллуф мистар аст.
Аз тиҳикаф суйи мино ҷуз суъуд нест эҳтиёҷ,
Кай бидонад дар маризӣ ҳоли масруф бистар аст.
Ҳоҷа, андар ой зи ҳолат чун мабошад ин хироҷ,
Ҳоли мурғони самоӣ аз заминӣ хубтар аст.
Чун ғубор осон маёяд бол бияфшон, к-ин сироҷ,
Дар зулумот ин мунирон з-аҳли хуршед беҳтар аст.

…

…

Шубҳае дар дил ҷасорат баҳри зиллӣ мекунад,
Бар миъоди аҳли сират ӯ бахилӣ мекунад.
Чун бувад фарқайн миёни заҳру шаккар, то ба кай
Нақшайи дилро фасоду хорзалилӣ мекунад?
Сарфурӯӣ бутшиканро ухдудӣ то ба кай
Пардайи намрудиро лавни халилӣ мекунад?
Инқилоби ҷонгудоз дар синаи мо то ба кай
З-ашки дида бе назорат бас разилӣ мекунад?
Байни аъмову басирон йаставиҳо то ба кай
Мушки чида аз кароҳат бас хиҷилӣ мекунад?
Ин куҳан наҷдро ба дайне иҳтидоҳо то ба кай
Ихтиёр аз даст бидода, бахтиёрӣ мекунад?
Ҷамъ магардад хотири инсон ба кунҷи ҷому най,
Иштаҳоро ҷамъ бубаста, ҷаҳлнамойӣ мекунад.
Лутфи Эзидро ба мистар сатри охир то ба кай
Нафси безанҷир чу кирме аждаҳорӣ мекунад?
Ақбаи дил гар наояд покӣ андар он ба саъй,
Бухси бетақдир чу ҷурме каҷдаройӣ мекунад.
Сурфаро, Хоҷа, зи ботил аз навиди кулли шайъ,
"… йадхулу бобан би-саҷда" ақлдаройӣ мекунад.

…

…

Хонаи Каъба чӣ ҷӯйӣ? Хонаи Каъбат манам,
Лифи садбаргат чӣ бӯйӣ? Атри хушбӯят манам.
Ин саҳар изҳори ёрӣ аз вуҷуд номад бурун,
Хоста дил бар ошнойӣ, чашми пазмонат манам.
Ту магӯ, ки ёр онҷо, ёр дар дил сокин аст
Пас, макун ин чораҷӯйӣ, ёри пазмонат манам.
Ту магӯ, ки дор онҷо, аз бақо овар сухун,
Кори инҷо бас фанойӣ, қадри афъолат манам.
Гарчи кардам он барҷо, дар виқо дил аст сутун,
Дар фазойи ин расойӣ, рукни иршодат манам.
Аз куҷо донӣ чӣ нозе дар дилам бозад футун?
Дар нигоҳи рӯшанойӣ, нури чашмонат манам.
Хоҷаам, бархез зи аҳли ин ҷунунони куҳун,
Ёр омад, то бигӯяд, ёри қурбонат манам.
Дар visоли шамъ бо нур, оташе афрӯхтааст,
Ёр боз ҳам бар ман гӯяд суғди таннобат манам.
Каъбаи дил бозафро, раҳқи ишқ афшурдааст,
Хатм андар вай бигӯяд мушки атрбӯят манам.

…

…

Эзид чу маро офард, тақдирнигаронам кард,
Ҳамбаста ба ҳар як фард, қисмат ба ҷаҳонам кард.
Бо биниши олуда, ботил ту чӣ меҷӯйӣ?
Побаста ба ин як дард, улфат ба фиғонам кард.
Аз тафти дуди яъсо, ҷоҳил ту, чӣ мебӯйӣ?
Бӯйбаста ба ин як тард, зиллат ба машомам кард.
Аз бурди саги яғмо, ҷарроҳ, чӣ мегӯйӣ?
Қадрбаста ба ҳар як рад, кулфат ба тамомам кард.
Бо собуни сад асмо, омӣ ту, чӣ мешӯйӣ?
Хатмбаста ба ҳар як хат, ҷаннатфикаронам кард.
Аз бонуи қад-қомо, осӣ ту, чӣ меҷӯйӣ?
Хамбаста ба ин қомат, сад раҳнигаронам кард.
Афтида дар ин ҷурмо, эё дӯст, чӣ мегӯйӣ?
Оббаста ба ин хокат, аз кӯза нишонам кард.
Дамдида дар ин саҳро, руҳӣ ту чӣ мебӯйӣ?
Лойбаста бар ин қолаб, дил дар қафасонам кард.
Мискинтар аз ин Хоҷа, кист он, ки ошнойӣ,
Ҷӯяд ба чашм ҳар лаб чун ҷонбарасонам кард.

…

…

Ай дило, аз домани ғофил бияфшон ин ғубор,
Ай раҳо, бар хирқаи восил бизан лавни нигор.
Гар ба мисқол кардаем аз неку бад, бояд чашид,
Аҷзи ҳосилшударо дар ойини ҳар хатми кор.
Дидаро ҳиммат намо, то ки бубинад чӣ кашид,
Рақси ҳар гумшударо андар баёни ин баҳор.
Шундаро миннат намо, то кай бифаҳмад, ки расид,
Нақси ҳар олударо андар миёни ин ҳазор.
Гуфтаро миҳнат намо, ки феъли ашхос баргузид,
Вақфи ҳар ин мондаро андар аёни ин визор.
Рафтаро раҳмат намо, то з-ин гузарҳо барҷаҳид,
Сақфи ин вайронаро андар зуҳури ин кибор.
Бофтаро захмат намо, то з-ин нигораш чашм дид,
Хоҷаро чун бвад суде з-ин кашфи сир аз нақши кор.
Пардайи маҳлуҷиро набвад гаронӣ баҳсу ҷид,
Моҷароро кай бувад бо ҳосили баҳс кору бор.
Бе далоил ҷадли ҷоҳил кӯр бувад, аз он чӣ чид,
Маъниро нодида аъмо рафтанаш дар роҳ чӣ кор?

…

…

Бархез... Саҳар аст, ки ин фурсати нодир,
Такрор наёбад чу анҳор хароб аст.
Зуд ой, ки ин раҳқ, ки дар ҷоми ту ҳозир,
Ширин магардад чу ин хамр шароб аст.
Бигрез... Заҳар аст, ки ин нусрати тоҳир,
Зинҳор наёбад чу зафар масти кабоб аст.
Зуд бош, ки ин барқ, ки дар маркаби богир,
Меъроҷ куҷо бурд, ки он бухли шубоб аст.
Рез май, ки маънӣ дар ин ҷуръати бодир,
Ихроҷи само тез зи ин деги пуроб аст.
Зуд бар забонро ба ато касрати шокир,
Чун вақт тамом аст ъуюунат ба ҳиҷоб аст.
Эй Ҳоҷа, марезон пайи ҳар рафта ту ашке,
Чун фаври ҷафо рафта ба як дам сари об аст.
Кавсар талабӣ ҳеҷ машав абтари рафтор,
Чун ҷаври вафо рафтаро як дам таҳи об аст.
Ту бонг бизан, гӯй ба мо  матлаби дилро
Чун даври бақо рафтаро печида гулоб аст.

…

…

Матлаберо иддаъо аз ҳимматам ман мекунам,
Орзуеро нотаваллид маҳҷуби ғам мекунам.
Оҳ, чӣ вазн аст ин вазирро, к-аз лаби боми фиғон,
Ҳамчу ашке з-ояти фалқ бар дилам дам мекунам.
Бар кафи мушти яқинам сарҳади доми муғон,
Ҳеҷ маояд ғунчиши хун, манзиле кам мекунам.
Бар самоъ аз савти нозир мерасад бонги такон,
З-анқариб аз ҳабли вирдаш, ояте зам мекунам.
Бетакаллуф ояд сӯҳбат аз дили нанги шакон,
Дар чаҳи равҳи Юсуфон ғояте ям мекунам.
Ин кафон ҳамчу пироҳан шуда пурнам, чашм дар он,
Ҳамчу Ёъқуб бар сапедӣ малҳу-маҳкам мекунам.
Чун шунидам мисли Аюб бар ҷароҳат кард равон,
Кирми ман ғалтидаро бо тақнату рам мекунам.
Чун ясир аст кори усро, ҳар даме инкора нест,
Силми тан пӯсидаро бо раҳматаш дам мекунам.
Гар касир аст садди қасро, ҳар ғаме поянда нест,
Пораи дилро бисӯхта, қурби як шамъ мекунам.

…

…
Чун марра қариб ояд, яксар ҳама доноён,
Дар ғурбате уфтода, вазъе натавонанд хонд.
Аз китф фуруд ояд ин хирқайи порсоён,
Дар минбари бишкаста, ҳарфе натавонанд ронд.
Аз лутф ба рӯд ояд ин ашки худотарсон,
Дар ҳиҷрати садсола, нақше натавонанд монд.
Чун гуфта шавад «... ал'он?!», ин домани расвоён,
Яксон ба солсола, бархе натавонанд монд,
Мунге набаровარда, ин қуллаи мулиён,
Яксон ба чину-чора, ҳиммат натавонанд монд.
Гунге табиъатпарвар бо ин ҳама улиён,
Сад рост кунад алфоз осор натавонанд монд.
Чун нест туро, ай хоҷа, нусрат магар аз Носир,
Рад поси чунин ағёр, чун хат натавонанд монд.
…

…

Музниям ман, ё музаввир, ё мусаввир, ё ки ҷон?
Ҳузниям ман, ё шақие, ё ки тақсири ҷаҳон?
Ҳолиям ман, ё ҳаводис, қисми нақше, ё ки даст,
Аз манӣ аст, ё ки несту ё ки асбоби фулон?
Чашм бинад акси ҳолро, ақл мекунад ъароз,
Ин чӣ тақдир, карда моро аҳли ал-боби ғулон?
Бозӣ дорам, ё ки лӯхтак, сим гарданпечи роз,
Ин чӣ мушвир, карда моро ҳамтайӣ аҳли сагон?
Қозӣ дорам, ё ки маҳкум, чун шудам аз нақби ғоз,
Мисли ғозӣ, ё ки тозӣ, ё ки муш зери филон?
Бозӣ дорам, бозӣ доранд, карда мислаш эътироз,
Ман надонам, зери поям, назди алкоб устохон!
Шафти мижгонро бибардор, Хоҷа, андар косае,
Нисфи он аст, ё ки чашме, ё ҳиҷоби барзахон.
Ё ки ашки дидае бар коса ғалтид, хосае,
Ин чиҳил сол роҳи таркиб шуда яксар йабғиён.

…

…

Робеъ аз осори Хайём аз қади майхона гуфтанд,
Ишқ аз бозори Ҳофиз аз лаби мастона гуфтанд.
Мо "даре" гӯем,"девор"ҳуҷҷатигуфтор шуд,
Ҳоли махмурони ишқро аз сари девона гуфтанд.
Ин чӣ офоқ, гар қамар ъод аст ъурҷун, ай рафиқ,
Кафки ноби Маснавиро салсафу афсона гуфтанд.
Мин ҷумал аҷдоли вусто буда пур аз наҷсу қийқ,
Бе ҳудову бе китоб, лек, бо далел, вайрона гуфтанд.
Гар ҷасурон фарқ набинанд байни нобу он раҳиқ,
Бе садову бе хитоб, лек, бо ғалат, хамрона гуфтанд.
Мо нагуфтем даври мо буд, аҳли саҳбо мо наем,
Суннати он роҳилонро пиставу хандона гуфтанд.
Гар пуч аст он пистае, пас, з-инчунин маззоқ чӣ бок?
Миҳнати он моҳиронро аз ақибғуррона гуфтанд.
Аз "... лакум" хон, Хоҷа, диншон то расӣ бар "... лий" ва"... дин",
Онҷи гуфтанд, бозгӯянд, бо дили мӯҳрона гуфтанд.
Муставо нест кӯру бино, на ки нориву манур,
Ай, "... изо маррубиҳим", "... марру кcallback" раҳмона гуфтанд.

…

…

Дар шуъури маҷд ду маҷнун рақси охир мекунанд,
Дар умури хулди маънӣ саҳву таъхир мекунанд.
На ки шамъ донад, ки сӯзад, на ки шоҳпар эмин аст,
Дар қади номуси фонус рангу тасвир мекунанд.
Шамъ гӯяд: «Шӯълаеро ман зи худ кардам узар!»
Лек, надонад, ин ки болҳо шамъро таквир мекунанд.
Шоҳпаре гӯяд, ки гӯиё бол сирф орад хатар,
Лек, надонад, ин ки бодҳо макру таҳрир мекунанд.
Оҳ, чӣ донанд, ин ду маҷнун муждаест зери матар,
Оташеро карда хомӯш, ҷонро таҳрир мекунанд.
Ҷилва дорад "...мо вадоъ"-у…, "... мо қало" андар назар.
Санчишеро карда сарпӯш, нафсро мунзир мекунанд.
Оҳ, чӣ садд аст, Хоҷаам, ки гашта маҳҷуби басар,
Мушкилиро "... ъусри йусран" - гуфта, мухбир мекунанд.
Гоҳ чӣ ҳадд аст? – Фасле андар тӯли даргоҳи умур,
"Ҳеҷҷи"-ро аз он гирифта, "ҳарчи" қодир мекунанд.
Пешгаҳем мо, ҳар чи дорем дар ҳифози шоҳ барем,
Гарчи тӯронро барорем, шоҳро таҳқир мекунанд.
Пас, чӣ суд аз сӯхтани шамъ, гар кори дунё буд шӯр,
Ҳам шамъу ҳам бол бисӯзад, доми тазвир мекунанд.…

…

…

Раъси аҳзор хуннасӣ бо гӯши аъмо мекунад,
Кулбаи гармоби дилро тангу сармо мекунад.
Оҳ, кучо бошад сабо бо теғи яксони тараш,
Даст раъси навниҳолу риш ба саҳро мекунад.
Хуну хок махлут гаштанд, қолаб ороста бараш,
Шаст ба нуқси тану ҳолаш ба дарё мекунад.
Молу мулк бо завқи аҳмақ, вою доду андар сараш,
Бар нақиби ҳоли мискин рақси танҳо мекунад.
Чун зиёд шуд оби шулқ бар коҳи дунё дар дилаш,
Дар ғариқӣ нолаву фарёд ошно мекунад.
Гар барад бар соҳилаш хушк, тан амон, лек ботинаш,
Нағмаву макри суҳайлу, бода ранго мекунад.
Ҳуш дор, ай Хоча, ин нест пӯшиш андар остинаш,
Чун қазо омад, ҳаволу чода тангно мекунад.

…

…

Бар хилофи ваъдайи худ дасти кор омехтам,
Оби аҳдам зери пойи мурдааҳлон рехтам.
Сад наҳор оядба зери тухми мурда, чашм гир,
Дар замири хомфикрон, чирку чангро бехтам.
Рад кунад он меҳвари дил чарбро, пас, хашм гир,
Равғани хомуширо бар қадди шамъ ман рехтам.
На ки завқи хушхаёлӣ, на ки меъроси сағир,
Дар гузаргоҳи шадиде гӯшти хом овехтам.
Аҳд мебандам, валекин, мужда нодида сафир,
Ҷоми авфро бо шакар аз мори авф омехтам.
Худписанд дар кори динам, лек асбоби нафир,
Коми шаккарбози хеш бо сури навф омехтам.
Нописанд ояд футуво з-аҳли ал-боб-ул-фатир,
Ҳар ақоидро ба хоку хуни дил омехтам.
Муставӣ гар нораво аст байни аъмову басир,
Бо хато ман ҳусни дил дар буни сил омехтам.
Тавбаро, пас, пеша гир, ай Хоҷа, ин роҳ аст кабир,
Дар вафо маҳз аҳди дил бо қолу-қил омехтам.

…

…

Фонуси шарм милтае андар ҳарим афрӯхтаст,
Шаҳпаре андар дилам з-ин оташе бол сӯхтааст.
Гар мабошад ҳамшарике, з-ин чунин оташ чӣ суд?
Моҳпаре дар восилам з-ин озаре мол сӯхтааст.
Гар мабошад тар чашмон, з-инчунин обаш чӣ суд?
Аблаҳе андар силам аз ҳар ғараз тол сӯхтааст.
Бар дари ухдуд салимонро қади оташ кӣ бурд?
Кинапардоз ҳуфрае дар остинам оростааст…
Дар сари шонам чӣ воқеъ аз нигаҳ омад ъубуд,
Соҳиби мулк оташе андар тинам афрӯхтааст.
З-ин назар моро кучост шаррорае андар вуҷуд,
Муҳиби сулк пардае андар миён оростааст.
Хоҷа, бингар, к-ин сулук пур аз маю хоку суҷуд,
Муҷиби мулк кандае аз ҳар баёнҳо хостааст.
Мурғи анқо аз саҳар дорад фиғон андар вуҷуд,
Лек, тавонгар бандаро аз хоку об оростааст.

…

…

Илқойи туву ман ба аҷал шартибаҳор аст,
Сад тавба бигуфтем, вале, қасдифиҷор аст.
Бо дидани он рӯз гурехт хоб зи чашмам,
Ин ашк зи чашм аст вале, аҳди қарор аст.
Гар шуд хушӯъ чашму диле гашта чу ҳайрон,
Навмед наям, ҷон, ки ин дил ба тарор аст.
Чун хона даре дошт, вале, нест адаб ин,
Гар орзуи мурда ду чашм сӯйи мазор аст.
Тархона бишуд ҷову макон, гашт гуворо,
К-ин зафти зимистон саҳар нақши баҳор аст.
Аз чашм  чакад ашк расад гӯш садоро,
К-ин зам-замаборон ба дараш рақси қатор баст.
Ай Хоҷа, бикӯб дар, ки ҳаст раҳм Худоро,
Гарчанд, ки меҳрат ба саро мисли матор баст.
Ин даб-дабаӣ умр гузашт зуд гадоро,
Гарчанд, ки фикрат ба хато тори ғубор аст.
Эмин ба куҷо шуд саҳоб бар дари каҳфе,
Чун шарти амонат на ба кас, бал ба Қитор аст.

…

…

Дило, рӯймоли таҳриро зи камар раҳо кун,
Ва он далқи навойиро зи ҳимматбаҳо кун.
Назар афкан, ки ин инъом насиби ҳар касе нест,
Ва чашм бар фалқи саввояш зи миннат гушо кун.
Гузар баркан, ки ин рассом нуқуши ҳар хасе нашнохт,
Бидар он хотири шоҳӣ ва дилро зери пот ҷо кун.
Хатар афзо, ки ин дилро даруни сина нест ҳадде,
Ва тоҷи заррини ақлро сари ҳар кӯҳ нишот кун.
Ба дар аст анқариб боде, ки омад бар зиёратгоҳ,
Ки озурда дилеро, пас, ба ҳар макре бисот кун.
Ки дил дорад басо қиммат, нагӯяд қиматаш огаҳ,
Вале, дар хилвате к-омад, ба сад фикре ту шод кун.
Чу ҳаст тақдир ҳамепечӣ ҳазорон қадру қиматро,
Нигаҳ бар доди осмонҳо ба сад чашмон ту бод кун.
Бидӯз андар бисоти шоҳона нигинӣ фақру ҳимматро,
Паёми ногаҳонро, пас, забони кори ҳуддод кун.
Қасоси коми ҳар тайре, Сулаймонро чу шуд огаҳ,
Зи зеби шоҳсанам коре ба дасти хори шаддод кун.
Барояд, Ҳоҷа, коми шаҳ зи маҷлис ногаҳон имшаб,
Ки гар хоҳӣ биёбӣ шаҳд, нидоро аз даҳон бод кун.

…

…

Ғунчаро чун чашми булбул ҳеҷ заҕе нодидааст,
На бар атри мушкину анбаррабош олудааст.
На зи лавн дорад диранг, ин лошахур, миннат чаро?!
На ба сатри аввалу охирсадош олудааст.
Хуб гуфтанд, гар касе минқор надошт байни ъуюн,
Чашм бо чашми дигар дар кинуҷанг олудааст.
Гар ҳаме дошт айду бозу зину ҳор аз ришу бун,
Шафти мижгон дасти бухл дар диди чашм олудааст.
Чун ки бошад ҳар гадоро душмане ҳампӯсту хун,
Мисли саг бар устохоне ӯ даҳон олудааст.
Чашми диданро надорад гар гадо ояд фузун,
Чун шафақ андар уфуқ бо ҳинае олудааст.
Хоҷа, бингар, навниҳоле дар ҳасад нояд бурун,
Чун рише дар оби бухлукина пой олудааст.
На ки баргу на ки тан в-он ки рагонаш бастахун.
Бо расиши нури аввал қоми ҷой олудааст.
"... ал-калима-т-тайиби" марфуъи сад афлокубум,
Бар фалак шоху саронро дар фалаҳ олудааст.

...

…

Номи мо дар лавҳи тақдир қайди зоҳир мекунад,
Коми мо дар фатҳи носир сайди тоир мекунад.
Ай, куҷо бошад яқин ин дил, ки кори зоҳиде,
Бетакаллуф назди ҳозир шайди моҳир мекунад.
Ҳар бутон бингар хаёле дорад ӯ аз завқи субҳ,
Бетасарруф вақти зӯҳр ӯ нақби қоҳир мекунад.
Булбуле гар бо қаринаш дорад ӯ рози диле,
Бетаъоруф, вақти хилват, сабки шоир мекунад.
Аз куҷо донӣ, ки санге зери даст дар синае,
Бемуҳобо, вақти риҷъат, қасди соир мекунад.
Нур дорад чашми душман гарчи дорад кинае,
Бехудо миннат зи дил бо ашк зоҳир мекунад.
Об расад гар ҳар танеро дар хаёл ин тинае,
“Бохудо” ҳар як суханро рашки тоҳир мекунад.
Хоҷа, бингар, гар рақиб дорад русум бо ҳинае,
Назди ом дар минбараш ӯ нақли шоҳир мекунад.
Ар бихонд вай сад асар аз козибе рӯзи дине,
Номи худ дар войхаташ ӯ сабти ношир мекунад.

…

…

Аҷаб аҷлеву ин дунё, ки инсон бо худ месозад,
Қироб аз оташи макру туфанг аз ъуд месозад.
Назар хобида зери хок, надорад аз муҳит ахбор,
Шитоб аз фақри доманкаш ва ҷанг аз буд месозад.
Чӣ ҷойи ҳайрат аст, ай дил, ки ширро на сапед гӯянд,
Дигар дар лаҳни одамкуш сиёҳро бурд месозад.
Сапедӣ мубтало гаштаст ба ранги зарди ин мурдор,
Хитоб дар нақли хотиркуш бузургро хурд месозад.
Чу воъиз мебарорад хар садойи нозифи ҳушдор,
Ки ҷони шоҳидонро вай ба шиддат мӯрт месозад.
Бубин, ай Хоҷа, ин аксро, ки кор чап аст, ба ту зинҳор,
Ҳузури ҷоҳилонро вай ба каррат шурт месозад.
Мабодо з-ин шиори ман, чу пайдо шуд фаҳими кор,
Зуҳури оқилонро вай ба сурат қурт месозад.
Сафо аз ин ашъорам куҷо форам расад ҳарбор,
Ки майро тахшине ҳардам ба сират дурд месозад.
Ало, гардон сапедиро ба ҷони ман хулут пурбор,
Ки лавни дигаре ин дил зи худ сад дур месозад.

…

…

Аз адам ойина завқи сабки такбир мекунад,
Сабқати аъмоли худро дарҷи мухбир мекунад.
Ҳар гуле қабл аз шукуфтан тан занад аз зери хок,
Фурқати аҳволи худро зеби занҷир мекунад.
Бар пуле қабл аз ниҳодан по бинад аз зери чок,
Бурқати анҷоми худро амри нахҷир мекунад.
Бо мароҳ рафтан раҳеро бар саре орад гиҷе,
Ин хати фарҷоми худро буму тасвир мекунад.
Нақшаҳо зоъил гарданд гар ният омад каҷе,
Аз худу бар худ суханро кому тасхир мекунад.
Аз нуру то нор ҳарифист, аз алиф омад хатар,
Вовиро дар худ фаромӯш сад муассир мекунад.
Кайфият донад ҳаётро гар гадо бошад ба дар,
Лек, ҳаёти фониро ӯ шеъру таъсир мекунад.
З-охират донад чизеро? Хайриву абқо зарар
В-ин суҳуфи абрамиро ғийру тағйир мекунад.
Насхи уло, бингар ай ҷон, Хоҷае бингошт ба зар,
В-ӯ куҳуфи асғариро миру моҳир мекунад.

…

…

Таркиби саъодат ба маҳал оби ҷаҳон шуд,
Иркоби балоғат ба саҳал кори ҷавон шуд.
Чун шаҳвати ҷоҳил насазад илму фунунро,
Мурдоби наҷосат ба бағал мори фулон шуд.
Ин ҳарза зи зоҳид зи батал чораи расвост,
Дар дасти сагон шаҳди карим боби мулон шуд.
Чун чорае наястҳалқаи ангушти Сулаймон,
"Дунё гузарон..." қасди ҳалимон ба фиғон шуд.
Гар давра занад сад ба ҳаво, ҳоли пушаймон,
З-ин "... ҳам гузарост" майли уқул қусри ҷаҳон шуд.
Ин моли ҷаҳон дар асаси бод, ки рехтанд,
Чун барвазад он бод, дувал моли фулон шуд.
Дар лафзи сағирон чу намл ақл ки бехтанд,
Тунд баргазад он шод гар он моли сагон шуд.
Дар арсаи дунё манигар, бархе, ки рафтанд,
Чун пӯсад ҳар он банд бар асфоли муғон шуд.
Пас, хатми сағатро бинамо, Хоҷа, ту аз панд,
Бун кӯчидан аз даҳри куҳан кори равон шуд.

…

…

Мо зи ҷайби худ сухан ногуфтаем,
Ҳар қавл яқинан зи адам буд.
Бинои адолат зи куҳан сохтаем,
Ҳар хишти ҷадидаш зи карам буд.
Дар роҳи ҳидоят басе дил бохтаем,
Ҳар риштаву бандаш зи дилам буд.
Дар қалб ҳар он оташе, к-афрохтаем,
Ангезаи шӯълаш зи шамам буд.
Бар ҳиммати фардо назар ангоштаем,
Чун охири савдош зи манам буд.
Дар сатри уқул тухми маъон коштаем,
В-он моя зи ашки хунинам буд.
Дар садри ҷаҳон сар чу бардоштаем,
Ҳар появу бандаш зи танам буд.
Бар пули сирот гар назаре доштаем,
Уммед зи ин болу парам буд.
Гар бол дар ин ҷаҳон басе сӯхтаем.

…

…

Ин созиши булбул ба ҳарам аст, ки маст аст.
Пас, санҷиши махмури муҳаббат чӣ қасд аст?
Ай соқӣ, мазан мушт, ки рехтӣ майи комил,
Бар қолаби вайрона,ки ин кор ки паст аст.
Гар боли муҳаббат ба сарам мезанӣ ин дам,
Пас,  марру кироман зи барам, лаб ба даст аст.
Бар ҳолати ман нест касе мухбиру доно,
Аз хойидани изми сагон, оҳ, чӣ бахт аст?
Назди дари майхонаи ту сар тулӯъ гашт,
Ин оила бо ҷом ба замин ҳамчу ба тахт аст.
Гар масту аластем зи майи рехтаи бар ҷом,
Аз вoми сухан ваҳми ҷаҳон, оҳ ки рахт аст.
Он шонаи лутфе, ки сарам мезанӣ бораҳм,
Оҳиста бимол, нарм бибош, ки  сахт аст.
Гар вонигарӣ, Хоҷаи бадмаст чиҳо гуфт?
Уфтода замин, ғайри ҳуше гуфт: Кӣ маст аст?

…

...

Аз ҳилоли ҳиндувона бадри комил мерасад,
Аз малоли заввиҷона бӯйи ҳомил мерасад.
Гарчи тухм аст андаруни оби маънӣ, шубҳа нест,
Сад ниҳоли ҳабби мубнӣ қасди ҳосил мерасад.
Ҳам ки бошад зарраи мисқол баде, ки коштаем,
Дар сафои суфи испед ранги ботил мерасад.
Мунтахаб ҳар донаеро сахт мебоист кард,
Дар қафои кишти побед танги излил мерасад.
Курмаке чанд андаруни шолиён боист биканд,
Варна соле шолиёнро бонги таҷлил мерасад.
Кушт, на кишт бояд ҳаберо гарчи риш аз вай ҷаҳид,
Варна моли молиёнро донгу ихҷил мерасад.
Хурд гунҷишк беҳтар аз он мурғи заррину баъид,
Чун ба миҳнат маҳсуле гашт, нақши муҷмил мерасад.
Хоҷаам, бингар, ки соле ончи дар хок коштӣ,
Сар ба мишкот, пой ба сақфу тан ба исбот мерасад.

...

…

Биё, бар ҳоли мо бингар, шунав ин нолаи дилро,
Аё, ай дилбари мунзар, бибин ин чораи пилро.
Ки дар дӯкони ҳайвонӣ куҷо ғунҷад? Бас танг аст
Ҳаронҷое, ки по бинҳад, бирезад хонаи дилро.
Басо нозук ин маскан, сафол махҷули ҳар ранг аст,
Ки пажмурда дар он мӯйе, кашад он нақшаи силро.
Басо борик ҳар расмаш, на мисли нақшдар санг аст,
Ки дорад вонамуд ҳарҷо, кашида бори маҳмилро.
Зи рухи дил шавад ҳозир самои хушдилон авранг,
Ки гардонад фурӯғ охир зи озар тори маҳфилро.
Сано бар гардуни огаҳ, ки дорад чашмаи хуштанг,
Расонад дар булӯғ моҳир зи обаш пораи дилро.
Назар дорад фалак имрӯз ба ҳоли нағмаи хушчанг,
Каҷонад дарбалои сар қаламкаш набзи ин дилро.
Башар дорад зи хушиҳо таҷаллӣ, лек, таҳи бартанг,
Набинад тангии нафсро ва ҳоли сахти ин дилро.
Аё, Хоҷа, нафас баргир, ки кори охир аст имрӯз,
Ки фардо боис аст ёбӣ малоли бахти ин дилро?!

…

…

Як-бола кабӯтарам, валек, боли қавист,
Як-марда набардиям, ки беҳтар зи дувист.
Модар, ки болои сарам занад болу паре,
Ин сӯзиши дил, хуни ҷигар рехт, ба кист?!
Ҳар дар, ки ба ӯ ҳалқа занад баҳри ҷигар,
Ин пӯзишу сил, ашки саҳар рехта, ба кист?!
Дар ин тамаъи бахти ҷавон гашта дигар,
Чун гардиши пил, рехта сафол, дарс зи чист?!
Дар ғурбати фан гашта ҷаҳон бори дигар,
Ҳар матлабу роз, даст ки бардошт, ба кист?!
Гар нур бирафт, зулмати ин роҳ нигар,
Сад фонусе дар зулмате ангехта, ба кист?!
Чун бераҳае, баста хиҷол, бонги хатар,
Зангӯла занад, зонузанон, чораи чист?!
Дар болини анбӯҳи мариз баста камар,
Ӯ нола кунад, рафта ғилон, зораи чист?!
Сад бахту саъодат талабад, дуд зи ҷигар,
Аз сӯхтану сайлони назар баҳри кист?!
"Ирҳамхумо...", Хоҷа, бигӯ, чун кибар,
Хунхӯрда басе баҳри сиғар панд шуданист!

…

…

Ай фалак, озмоӣ чанд, то ҷони мо ояд ба лаб?
Ай малак, гӯӣ ту чанд, то ҳарфи мо ояд ба лаб?
Баҳри «... иқраъ»-ат ҷигарҳо дар қафас бас хун шавад,
Ашки мо гавҳармизоҷ гашт, то ки хун ояд ба лаб.
Оташи шамъро барафрӯз, то ки дил ошӯб шавад,
Чу мунавваргавҳаре дар зери бор ояд ба лаб.
Мурдайи мо з-ин мақом дар марзи дур офар шавад,
Чун гушоянд мар лаҳадро рӯшанӣ ояд ба лаб.
Дудӣ мо бо лахтайи ҳамҷинс шуд омехта, баъд,
Рақскунон сар мениҳад чун Ояте ояд ба лаб.
Як даме осуда бош, то ки мазор гулзор шавад,
То бибинӣ баҳри ман ҳар хушсухан ояд ба лаб.
Зикри мо дар ҷоми май аз мутрибе маҳлул шавад,
То садои ҷоизе дар васфи мо ояд ба лаб.
Ҷони мо имрӯзу пас бар ҳар дуъо мӯҳтоҷ шавад,
То ҷазои ҳар сазое аз Худо ояд ба лаб.
“... ло биқорийун” наояд, Хоҷаам, дар кор, инак,
Бозхон з-он Ояте, то нури шамъ ояд ба лаб.

…

…

Пардайи асвад зи ҷаҳди нохунам нимчок шуд,
Ин сару бозуву тан аз ваҳми по бебок шуд.
Он тараф аз хирагӣ чун рӯйи моҳ хушранг гашт,
Чун пари ошуфтаам дар домани азроқ шуд.
Чун расид каффи малак бар китфи бас озурдаам,
По чу шамъ рехт тан дар  зери бор маззоқ шуд.
Аз фишори йадди Руҳ аз синагоҳам дилбирафт,
З-он малак ахбори таслимии ҷон иброқ шуд.
Шарҳи дил мушкил няст гар ин қазо ояд пасаш,
Гар насиб мунъим зи хони давлати Раззоқ шуд.
Чун шунидам аз муҳаққиқ ҳоли ман имрӯзаро,
Дил ба таппиш омаду ин ранги ман хушчоқ шуд.
Ҷон зи тан омад бурун аз огаҳӣ в-он дам басе,
Рақси ӯ бар ҷиъаи ҳар кунҷи он ашроқ шуд.
Рафъи меъроҷ чун бувад осон ба ҳар як синашарҳ,
Чун лаҷом сахт дар кафам бар зини он бурроқ шуд.
Хоҷаам, чашмро гушо, ин рӯъяти бекор нест,
З-он тапиши тез дилам дар ҷойгаҳе муштоқ шуд.

…

…

Тозиши  мурон пайи дон, то ба дом уфтодан аст,
Бозии гӯсола, - гуфтанд, то ба андомбастан аст.
Ҳуш дор, ай мадҳуши нафс, нест муғнӣ гар фитод,
Сӯзиши мунсифи ин дил, то зи тан ҷон кандан аст.
Қасди ҳурр набвад ба кунҷе дидании бозии муш,
Чун қазо шуд фурсати зайл, кунҷи дигар бурдан аст.
Гар фалак фориғ гуфт, пас, дар нисоб ой як даме,
Чун фароғат фурсат аст, к-аз дасти одам рафтан аст.
Одамӣ дар назъи ҳол, гар бингарад, як дам бубин,
Чун даме ояд, ки мардум “Одаме буд...” гуфтан аст.
Кам мабинр ҳарфи мадоро, гарчи доройӣ, бубин,
Кайди мӯҳлат аҳди ин кор дар тане зарбофтан аст.
Як даме гар фориғ аз кори Худо ойӣ, бубин,
Бо ғаме ин котибин аз ҳоли кор рӯйтофтан аст.
Доми тазвирро бубин дар боғи шерон аз адаб,
Дар ниҳоят пилро дар саҳни шер ҷонбохтан аст.
Ҳарфи мо нест, Хоҷаам, дар лаъби даҳр ҷонбохтан,
Чун ниҳоят қасди мо эмин ба дор ҷонбурдан аст.

…

…

Дар сафии болини зеб, чун шуҷоъат мекунад,
Ранги ботил, суфта расмаш, рақси ҷоҳил мекунад.
Машканад он тоғӣнафсе килкро андар суҳуф,
Торихи маснаднабишташматраҳу насх мекунад.
Оби тоҳир гар саҳири чирку-чарб ояд ҳаме,
Бетакаллуф, қарқи пойро махфиву масҳ мекунад.
Занги дил аз чарби муғриз гар музаккӣ шуд ҳаме,
Ҳоити мобақфароро назфу бас васф мекунад.
Лоиқи парвосидан бо оби Зам-зам нест сар,
Сардсаре сардоби ҷӯйро ҷаббида тасф мекунад.
Аз нишасти гарди покоб андарун ҳар сар-саре,
Аз ҷудоӣ васли худро боиси тарф мекунад.
Гар фирор ин ҳаври ҷӯшоб дар фалак дидаст бас,
Гар зи мӯъсир гаҳ гурезад бозӣ бо барф мекунад.
Хоҷаам, бингар, ки роҳи ақба саҳл аст андаке,
Нақби сиртро тангу чун қил борику жарф мекунад.
Гарчи чарб бо пӯсти ҳар по аз азал музвиҷ басе,
Дил талаб дар сабти ҳарду бо Худо ҳарф мекунад.

…

…

Дар ҳукми шариъат ту на риндиву на ҷоҳил,
В-аз тухми шуҷоъат ту на озоду на ҳомил.
Чун резайи одоб зи азал рехт ба қолаб,
Азалҳами тақвош на ҳушёру на ғофил.
Дар ҳоити минори танам нақшаи зебост,
Андар  адаби дил нафасам андакефозил.
Чун беш заданд тори рубоби тани моро,
Имрӯз зи дилам беш садо нест на таъвил.
Чун сими адабсанҷ сабур бас ки  гусехташ,
Бар панҷаи мутриб нафасам тоқату моил.
Муқсит, бифармо ба нухуф, най ки надонад
Дар дамзадани руҳ набуд ҳамдаму шомил.
Мо, ки зи руҳи ту задаем дам зи асмоъ,
Бо пардайи дониш на маҳҷубу на фоъил.
Бар ранги саводи каминам, раҳм бикун, Ёр!
Чун нақшаи умри каминам зиндаву зоил.
Мо дар тараби вахми ҳавос рақскунонем,
Дар рукни адам баста на ҷовиду на зовил.
Хоҷа бирамад аз зуҳури ҷилваи Сино,
Аз дидани соиқа нашуд пухтаву комил.

…

…

Садҳазорон мақтули сайфи ҳавасҳо гаштаанд,
Тори васлу занҷири сайди нафас бубридаанд.
Чун найистон маскани ободи восил нест бин,
Дар биёбони тамосил чун зареъ шӯридаанд.
Гар халад нооқиле дар ҷаҳли матрук сӯзане,
Аз газанди каждумон лабҳо сареъ бигзидаанд.
Чун табар омад яқин бар гардане, осуда кист?!
Бо адам аз рӯзи аввал фоли бад бозидаанд.
Чун агар омад яқин бар сӯйи ҷар, ошуфта кист?!
По ба канда бозида, дар шеб чу хор ғелидаанд.
Оби нафрат аз даҳон парти намакдон ҷуз чист?
Гар зи он тамъи тановул бас мувозин сохтаанд.
Дар ҳарими каҳфи Қоф асвоти инкор мункир аст,
Ҳарчӣ аз ҷунбиш барояд бас ба сарҳо рехтаанд.
Хоҷаам, бингар, ҳаворо сохта кайде сир ин аст,
Ки зи дасти сахтгира шоламе ҷон бохтаанд.

…

…

Бо қамчини ҳаддод зи лисон укдаи оташ,
Сахт мезанад ангезаи озар ба ниқобаш.
Гар вонигарад акси худ дар он ойини покон,
Ногаҳ шиканад ойина дар зери ғубораш.
Гар хоки сияҳ пошад ӯ бар ғайбати некон,
Онгаҳ нишинад чанг бар он бахтунигораш.
В-ар чоки нигаҳ дӯзад ӯ дар ҷайби саҳеҳон,
Огаҳ битанад риштаи масъул бақарораш.
Бар токи фалаҳ гар бирасад комаи дӯлон,
Боғбон биканад маҳсули номард зи барораш.
Ар тоғии туркӣ ба аҷуз чорае бархонд,
Он қотили сарде бизанад шах ба маконаш.
Дар арсаи авқот ба ҷуз некӣ намонад,
Пас, чист сабақи бурд зи ҳарҷаҳду талошаш?
Чун Хоҷаро асбоби савоб нест, ки монад,
Аз бад ҳазар кардаву кард тарки маъошаш.
Мо чораи васл бо адами худ, чу монад,
Дигар васате дида, намонем зи навораш.

…

…

Нор чу даст бар фахри коин ҷоҳилона мекунад,
Дор ҳамоно кайди кине оқилона мекунад.
Нор чӣ донад фарқ байни нору нуру тин, ҳийн
Байни афлок қавлу шарти ботилона мекунад.
Гар заған озодагӣ байни сабаъ гуфт мунтахаб,
Булбули хушгӯ ба қадди Ҳодӣ шона мекунад.
Чун бувад аз нур наёмад қавли зур дар ҳадди ном,
Сунбули ҳақҷӯбар осмон сақфихона мекунад.
Лолаи хушранг ба чашми он назар асмоъ гуфт,
Дар замини серҳусул ӯ кишти дона мекунад.
Чун убур кард даъватеро аз ниҳон шуд бас аён,
К-аз азал ӯ заъфи ҷонро сад баҳона мекунад.
Кибр аст гуфтан, ки ман нориву ӯ аз хоки хом,
Чун зи хишти хом ба қабраш ӯ сағона мекунад.
Қабр макан бар худ, ҳоҷа, аз ғурурӣ дур ист,
Чун фиреб айши адамро маҳз фасона мекунад.
Чашм бикшову бубин, к-ин ман-манӣ фахр асту бим,
Рӯзи маҳшар, Молики аҳд сар ягона мекунад.

…

…

Мисли мурғи исием... Ку шоҳ? Ку бол? Ку фалак?
Ин ҳама андарз абас рафту зи хотир бас дарак.
Аз даҳон чун хислати анқо шавад зоҳир, валек,
Мо ҳамоно мурғи фолиқ дар куҳуф чун кӯрпарак.
Қасри мо бе рукнасту сӯи фарш сарсифлаем,
Рӯзу шаб чун шом гардад андар ин вақти фалақ.
Чун саре бар шеби дунё бедарак овехтаем,
Хун ба сар тез мезанад чун теғ бар риши сарак.
Дар талоши зиндагӣ чун мурғи бесар шудаем,
Чун(к) надонем, к-аз давидан хун мегардад алақ.
Мисли мурғи хонагием, доми тазвир шудаем,
Чун(к) зи хон афшондаанд нонрезаҳоро аз табақ.
Дар навои субҳи содиқ мурғи мо ҳангом надошт,
Ин муказзиб кай гирад аз фурсати ҷоиз сабақ?
Баҳри парвоз офариданд болу-пар бар тоирон,
Ҳикмати ибратгир аст дар мавҷи дарё ин самак.
Илму дониш, Хоҷаам, мисли пару он бол аст,
Аз задан гар бозмонад, шӯрад ӯ мисли намак.

…

…

Ҳадди нафс то марзи хок мастуру бас мабрур шуд,
Бо кафан меъёру нӯҳ газ андар ӯ мақрур шуд.
Ҷони маҳбус меҷаҳад аз ин ҷасад, лек ин тане,
Зери хок андар қафас аз хобидан масрур шуд.
На ки зери хоку на дар фавқи ӯ ҷон муъсир аст,
Чун қазо гашт то мусаммо ӯ зи даҳр маҳҷур шуд.
Рақси ҷон назди дари Ал-боби раҳмат музвир аст,
Ӯ расида интиҳо бо маҳри худ мадҳур шуд.
Қаблу айди мунтаҳоро санги тасбиҳ мушвир аст,
Чун баён гашт ҳукми фардо, он китоб маншур шуд.
Он суҳуф дар дасти юмне гар шавад, тасвир бин,
Ки ҳамоно ҳаққи ӯ бо ҳукми Ҳақ мансур шуд.
Ҷон нагӯяд “Ҳақ манам!”, к-андар дара мункир ин аст,
Ки садои бас муқобил бар нафас ранҷур шуд.
Он, ки “Ман хокӣ!” бигуфт, асбоби ҳиммат бас ин аст,
Ки кулоҳи салтанат дар минбараш масдур шуд.
Ҳоҷа, бозист в-ин бибин, к-асбоби миннат бас ин аст,
“Ман-манӣ...” бас мӯлтавиву занҷири макфур шуд.

…

…

Ойини мухтор, имрӯз, нолааздил мекунад,
Нақли ҳамвор оиди он боғу таҳсил мекунад.
Дар ҷунайди анбаринаш лутфи беандоза дид,
Лек, акнун  аз қарораш хона аз гил мекунад.
Оҳ, чӣ буд рӯзи даҳшат, “... иҳбиту!” омад чу зид,
Дар биёбон рағби ризқу машқи ҳосил мекунад.
Дасти ӯ кӯтаҳ дар арзаш нисбати асмо набуд,
Ки кунун ӯ дарки исм з-ин ғори Мавсил мекунад?!
Дошт дил ё бохт ӯ  ё аз будаш ё ки набуд,
З-амри одил,ҷоҳилона, ёди бедил мекунад.
Инқадар дар сабқати дун панҷа бар хокаш чӣ буд,
Ки ҳамоно сатри нафсро чоку ботил мекунад?!
Саъйи ӯ дар ин талоши хулди умр беҳуда нест,
Дар вуҷудаш мушкилиро бас машокил мекунад.
Хоҷаам, барбанд гираҳ дар аҳди ончи мавъуд аст,
Чунки, хатми номае бас накди восил мекунад.
Фурсати худро ба шарти илтиқо имрӯз гир,
Чун калимотат зи тавба шавқи вобил мекунад.

…

…

Субҳи зинда аз ғами марҳумнигор дорад нишон,
Аз рукӯъу аз суҷуду з-он хаёл дорад нишон.
Дар қиёми лайл ғофил аз мақом бозмондаем,
На зи мӯҳри ашки рехта, на маҳол дорад нишон.
Ин ҳама афсурдагӣ аз сардие ҷаввола шуд,
Шамъи хомӯш дар бағал аз басти ҳол дорад нишон.
Гар мушарраф нест сӯзи рӯшани шамъи бахил,
На зи нуру на зи шоҳу на зи бол дорад нишон.
Чун маяфрӯхт меҳрубонӣ офтобе бар раҳил,
На зи гарму на зи нарму на зи мол дорад нишон.
Нури дил гар хомӯш аст чун нури офтоб дар шабе,
На зи раҳму на зи тӯҳфон, н-аз шамол дорад нишон.
Чун бувад қасват диле тимсоли санги суфтае,
На зи осор, на зи мифтоҳ, на зи ғол дорад нишон.
Хун, ки аз сангии дил дорад хаёл дар гардише,
Чун кунад? Н-аз чораву н-аз он висол дорад нишон.
Хоҷаам, бингар, ки Оят дар умури муфлисе,
На зи мавто, на зи йаҳё, н-азмисол дорад нишон.

…

…

Панҷаи мижгон чу хок андар раҳи ашк муғрам аст,
Дил зи ёр пажмурдаву дар нақби васлаш пурғам аст.
Дар ниҳоди ошиқон аз ҳиҷрате гуфтан сухан,
Худ гуноҳу дар бисоте хуфта, ҷойгаҳ пурнам аст.
Ин пати беҷони болин аз намӣ кай огаҳ аст?!
Чун қабои юсуфӣ бар чашми Ёъқуб марҳам аст.
З-ақрабо аз дарди тан имкони посух бас хатост,
Кай бидонанд нокасон, к-ин оби Аюб Зам-зам аст?
Мо зи ношукрон сипоси неъмате нокардаем,
Чун сазои рӯйи Қорун ҷуз туфе пурбалғам аст.
Ай ки тоҷир дар судои риши сабзӣ ғофилӣ,
Дон, ки кун чун нафъи судо з-ин тиҷорат шалғам аст.
Тӯшае бар охират омода бинмову бирав,
Гар надорӣ мояе, пас, ҳукми ту дар барҳам аст.
Чун нафас дар қабзи атмоъ ваҳми дунё мекунад,
Қимати ин қалбу ҷон дар суқи абқо дирҳам аст.
Дар умури кори дунё ин қадар мизроб мазан,
Қофия бо аҳду паймон ин наворо мулзам аст.
Хоҷаам, бингар ки ушшоқ савт бо аҳд соз шуд,
Чунки ишқи тору мутриб боиси як Ал-ҳам аст.

…

…

Чун дилам бар рабҳати савдо назарҳо мекунад,
Сактаро олотибонг аз ин хатарҳо мекунад.
Чун наёмад заррае аз илтиҳоби мунзимаш,
Шӯъларо ангехта худ лавни азҳо мекунад.
Муставӣ гарчанд нест ин озаре бо оташаш,
Хоки истар бехта аз ман дард абқо мекунад.
Ин аламгир сахтгир асту даруни ботинаш,
Қасди навро, бемуҳобо,расми кайдҳо мекунад.
Чун зиҳ аст даври камонаш доиман, пас, ҷамъ мабош,
Ҳолкушаст он бедиле, ки тир ба дилҳомекунад.
Ӯ зи ҳоли хеш огаҳ несту дар кори худ,
Бетакаллуф теғро бар қасди рагҳо мекунад.
Ғарқ шудан ваҳми дарё  кори дил ҳаргиз набуд,
Бетаъоруф мурғро бар  сайди домҳо мекунад.
Хоҷаам, бингар, ки ҳоли ин диле осуда нест,
Косаи таскини сабрам мавҷи лабҳо мекунад.

…

…

Чун сабук аст хоки мо дар ин биёбон, ай дило,
Мебаранд ҳарҷо кашокаш чанги ин вайронаро.
Тангии нақби адолат ъаббас андар чашми дил,
Мекананд бо дасти ифлос хишти хуш ин хонаро.
Чун қаборо паст кашида, медаванд андар бағал,
Медаранд дар назди тарроҳ пардайи ин Каъбаро.
Оҳ, надонанд доварон дар ғафлати якрӯза кор,
Мефишонанд сӯйи саҳро чанги ин садсоларо.
Чанг бо чанг як шавад дар ҷаҳди кори рӯзгор,
Мебизоянд аз сари нав ин дили пурҳоларо.
Мо рақиби кори озмуд чун зи хок андар вайем,
Назди фармон сар ниҳем чун оташе ҷавволаро.
Аз ғубори мо гиранд ибрат ҳазорон маъшуқон,
Чун бубинанд рақси пурком аз замин ҳавволаро.
Хоҷаам, бингар ки андом пур зи гарди доман аст,
Ҳиммате кун, арзи раҳм, пас, ин дили хушҳоларо.
Каъбаи мо андаруни ин қафас асту вале,
Мурғи мо озода гардад, дида ҳоли лонаро.

…

…

Кафсабукон боби имкон дар тариқ боз мекунанд,
Мисли гулҳо печида, бо ҳам басо ноз мекунанд.
Чун субот бошанд ришон дар хоки поён, андаке,
Сар бар осмон вонамуда, бо Худо роз мекунанд.
Чун маҳори чирадастӣ худ надорад майлӣ лаъб,
Сар ба армон молида, бо раҳм анбоз мекунанд.
Ончи дар дил аст ҳаме дар рӯйи каф ояд ба дам,
Розиӯро, бетакаллуф, бар ҷаҳон воз мекунанд.
Байни ӯву мо қариб аст гарчи фарсангҳост басе,
Лек, суруда нақши марҳам,савти пешвоз мекунанд.
Мантиқу-т-тайр аст саршор байни бас ин воъизон,
Чида бар ҳам донаҳоро, шарҳу иброз мекунанд.
Гар мабошад рози дилро як сухан дастрас ба гӯш,
Ҳамдамона, ҳамдилон наззора ғаммоз мекунанд.
Хоҷа, бингар, ки дар ин хайр савти мо ночиз аст,
Тақлидона, пайравон рамзе зи устоз мекунанд.
Гар биёбанд як забонро дил ва даст дар кори хайр,
Дар қади ҳар кори Маҷнун ҳарду парвоз мекунанд.

…

…

Хандҳо бар шӯри ноком бахти ҳар сайёра нест,
Сайр дар саҳройи пурдом нафъи ҳар тайёра нест.
Чун зи ин савдойи рабҳат маҳсуле нояд ба ком,
Рустани гул ҷойи хоре мақсадимаҳпора нест.
Тухми ибрат з-оташи бахти ғаюрон бас бичин,
Чун даруни хонаи бахтатдили ҳамвора нест.
Рамзи шӯҳрат з-огаҳии бахти ҷамшедон бубин,
Чун даруни қасру ин тахт як дили хушбора нест.
Канзи ағно он ҳама дар ин таҳи икдоми мост,
Таҳқиқашро, лек, ҳамоно Маҷнуни овора нест.
Танзи уқбо он ҳама дар ин кафи иқболи мост,
Танзимашро, лек, ҳамоно махдуми серкора нест.
Мурғи анқо пар занад дар фарқи сар в-он ҳам валек,
Ҷуз ъуйуни сар маро чашмони ҳар ағёра нест.
Ҳоҷа, ирҷиъи-л-басар, дар кори дунё нест салоҳ,
Ҷуз дили мурда ба ғафлат як дили бедора нест.
В-ин ҳамин аст шӯри ноком чун баъид уфтодаӣ,
К-ин ҷаҳони бедилон манзили як дилдора нест.

…

…

Қадри мо имрӯз ба мисли қадри оби оқар аст,
Ноби мо носанҷида андар замири соғар аст.
Оҳ, чӣ теъдод кам дар қавм майпарасте мондааст,
Андарун бо муфлисе бо каъси холӣ дар бар аст.
Хонаи аҷмоли зоҳир дар назар гулгуну бас,
Андарун бе нақши ботин, аз бурун бас бедар аст.
Назди машшот баҳри расми мӯй мегардад равон,
Лек, таҳи ин зеби дунёш хумби холӣ безар аст.
Чун бувад ин маслаҳат, то бар харе боре ниҳад,
Лек, ҳарифе, баҳри бор андар таҳи бас ҳар хар аст.
Баҳри вазъе минбареро назди саҷҷод мениҳад,
Кай бувад созгор лафзе, гарчӣ ин сар бесар аст?!
Ҳазми маъно дар тағори холӣ кай гардад раво?
Дай мегардад баҳораш бе кулоҳ гар бар сар аст.
Хоҷа, афсӯсҳо махӯру бар “... фазарҳум” кун назар,
Ҳалқаи огаҳ бизан, к-ончи ҳарифро бар дар аст.
Қадр дар огаҳ набинад гарчӣ борҳо кардаӣ,
Лаҳми Фиръавн оқибат андар даҳони анбар аст.

…

…

Дида осмон ҳоли моро ашки беохир рехт,
Бар қабои нилгуни мо лавни бетаъхир рехт.
Чун сазойи одамӣ таъйиди як мушт хок аст,
Бар садойи истиъонат кавни бетаъсир рехт.
Фориси тақдири Одам як даме иқрор шуд,
Чун фуруд омад зи Ҷаннат лаҳни бетаъғир рехт.
Оҳ чу фориғ гашт зи афвоҳ, тавбае иқрор шуд,
Бар дили ушшоқ дигар бор аз камон бетир рехт.
Чун муридон дарси дунё аз рашидон бозгиранд,
Ин муҳаббат аз худу дар кори он бе пир рехт.
Тори Тур бар чашми бино аз вуҷуд во мекунад,
Ин дили ошуфтаро ӯ ҷилва бе наввир рехт.
Гар давидан мар гаванро охуре марзесту бас,
Ҷанбаи муштоқи худро доми бе тазвир рехт.
Ҳоҷа, бингар ҳоли ишқро аз чӣ асту пас, чӣ аст?
Дар миёни ҳиндуён ӯ боми ин Кашмир рехт.
“... тақнату мин раҳмати” бе лову бисмилаш махон,
Қолаби беҷони моро маънии саввир рехт.

…

…

Пардайи шарми хиҷолат аз нафисӣ суфта аст,
Дастаи ошӯби аъмол дар бағал ошуфта аст.
Дар шиори “... мо лиғад” бо дил ризоӣ мекунам,
Мушти рӯймоли туробам бо гиреҳе баста аст.
Гар бифармояд кафан чун иззате бар ин танам,
Бурдаи хушмоли ҷонам дар ғарибӣ хаста аст.
Чун гудохта мӯҳри зинда, мезананд бар номаам,
Ин умеди рӯзи фардо дар сарам барҷаста аст.
Чу фараҳмандон зи кори хеш раҳмат медиҳанд,
Ҳоли мо бар зарфи аъмол дар назар побаста аст.
Санги вазнин пойи моро сӯйи қаър зуд мебарад,
Нарди Фиръавн дар миёни баҳрҳо бишкаста аст.
Пойи уштур чун тамоми дашту саҳроро бурид,
Оқибат, лек, аз маҳори элаке вобаста аст.
Хоки дунё бас гарон аст, холидонро фол нест,
Бетакаллуф Қоруне андар замираш даста аст.
Хоҷа, барбанд ин нафас аз кайди дунё, чун кунун,
Ҳофизе бар кори нафсат аз азал вобаста аст.

…

…

Бастаи абрӯи аҳвол махдуми аҳрор нест,
Хонаи анбори аъмол мафҳуми аброр нест.
Чун каж ояд хомаи ақл дар қудури қилу қол,
Кӯраи маҳсули амвол мадракибедор нест.
Пухта ҳар писта гуҳарро дар хамушӣ мекунад,
Хандаи ӯ, то малол аст, хандаи ҳушёр нест.
Маҳҷурон масрур гарданд то ироъи ҳукми ҳол,
Ханда андар нақди дунё хандаи бозор нест.
То ғазо чун мояе андар лиғад омода нест,
Нақли беҳад донаро аз мӯри мо осор нест.
Бетакаллуф кайди афлок мекунем андар саро,
Лек, мукофот з-офати дин ғайри ҳар озор нест.
Ғафлатеро огаҳӣ бишмурда мемолем чашм,
Лек, чунин як молишеро дидайи безор нест.
Чӯҷаро гӯянд вақти тирамоҳ  бояд шумурд,
Чун табистон вақти гармо чораи миқдор нест.
Гар тавалло мекунӣ, Хоҷа, зи ахбор, пас, нигар,
К-аз қасоди ин мушон як тухма дар анбор нест.

…

…

Равнақи эҳсоси муштоқ бар суқуф андар расид,
Хомаи идроки восиф бар вуқуф андар кашид.
Чун ба лаб ангушти ҳайрат дар шабеҳ аз он алиф,
Гар расад аъюнӣ абгор бар вуҷуф андар расид.
Чун ту гӯйи "Ло илоҳ..." аз тарки имкон хотир аст,
Баррасад таъюни афгор бар суҳуф аз он Мазид.
Ту ки имрӯз сӯйи афлок меҷаҳӣ мисли малах,
Ҳар ду поро то занах бар хоки яксон кӣ кашид?!
Ман-манӣ дар кори дин ҳаргиз намеояд ба кор,
Рӯзи охар, донаеро сӯйи санге кӣ кашид?!
Гар ту тире мисли Намруд сӯйи афлокам занӣ,
Карда хуне пушти моҳӣ бар қадат зиҳ кӣ кашид?
Чорае дар фулки Нӯҳ аз дидагон фарқе чӣ буд?
Карда буне соҳилеКанъониёнро кашид?
Хоҷаам, дар кори дунё чун бари сӯзан ба пушт,
Уштуре аз куни сӯзан чашми тези кӣ кашид?
Дасти худро дида аз дасти қудур ноогаҳем,
Дар замир он расми зебо  риштамӯ, пас, кӣ кашид?!
Хоҷа, бингар, гар тиҳист рӯйи кафонат, аз чӣ шуд,
К-индама иқдоми нусрат бар кафат аз кӣ расид?!

…

…

Гуфтам, ки чаро не?! Куҷо хонаи обод?
Гуфто:Ку тамйиз? Куҷо рафт? Куҷо бод?
Гуфтам, ки маро не?! Намо соиқе шаддод,
Гуфто: Чаро не?! Куҷо нақбайи аҷдод?
Гуфтам, ки манам мунтазири ҷилваи он дод,
Гуфто: Калимӣ ва ё Коваи ҳаддод?!
Гуфтам, ки ҳарифам ва наяст даст "зӣ айёд",
Гуфто:Ҳалимӣ ва ё Ёъқуби фарёд?!
Гуфтам, ки шигарфам зи талаб, чорае дар ёд,
Гуфто:Ба ман чӣ, агар ту накунӣ ёд?!
Гуфтам, ки бубастам назаре бар раҳамат шод,
Гуфто:Сабурӣ ва ё хома зи шамшод?!
Гуфтам, ки биҷӯям зи Сулаймон расадирод,
Гуфто:Биё Ҳинд, чу Қабиз мунтазири бод!
Гуфтам, ки чаро не, чу бувад хонаи аҷдод?!
Гуфто: Аҷаб нест, ки ғамдида шавад шод!
Гуфтам, ки шодам зи ин баҳси басо дод,
Гуфто: Аё Хоҷа, ки хуш аст фаҳмиши аздод!

…

…

Даври қамаре рафт ва он рӯзи дигар шуд,
Ҳар тоғиву осӣ маҳаки чашми назар шуд.
Ай мутриби зоҳирпараст, мадҳи дигар кун,
Чун ҷоми дилам пур зи маю ноби заҳар шуд.
Адл нест магаси маъюби якболу переро,
Барчида зи байни магасон кушту басар шуд.
Чун талх набувад таркиби он қанду панирро,
Ҳуш дор, ки дигар як магасе майли шакар шуд.
Нақши заҳаре каш ба қалам қонуни хонро,
То ҳар магасе мақтулу мазлуму бадар шуд.
Дар маҷлиси хубон сухане аз лаби хобис,
Ҳар як салакеро ба кутуф нақби ҳаҷар шуд.
Чун акси фиол дар бағали ойина бинӣ,
Аз шарму ҳаё гардану сар моли ҳазар шуд.
Ҷуз нафрату нафрину лаъин савти дигар нест,
Ҳайфо, ки ин ғунчаи гул моли ғубар шуд.
Ин давлати фонӣ, ки қасди дигаре дошт,
В-он ҳам нигарӣ, чеҳраи хуб моли дигар шуд.
Ай Хоҷа, нигар, заҳмати имрӯза туро бас
Фардойи дигар дар вараќи моли асар шуд.

…

…

Ашкоби фалак дар уфуқи ҳар назари ман,
Намболини барду хабари ин саҳарам шуд.
Ин дидайи чилсола дар ин раҳгузари ман,
Аз сахтии таъсири муҳит бас гуҳарам шуд.
Дар сӯфии гунбад, фалако, болу-пари ман,
Аз сӯзиши хуршеди замон росту қатъам шуд.
Ҳар дам, ки зи хок во кунам, қому сари ман,
Андартаҳи наъли ҷунудон дар бағалам шуд.
Дар саҳни чаман рақс кунам, ҷон зи бари ман,
Дар ғафлати умқӣ, ки валлоҳ, талафам шуд.
Индам, ки зи бок во кунам, ин даҳани ман,
Андар талаби лутфи Худо лолу шалам шуд.
Оҳ, печу дар ин тоби ҳаё, баски дили ман,
Андар васате шаттаву сакти нафасам шуд.
Ин боди қудур чун вазад? Обу гили ман,
Бо таъсири расвогуҳарон бас сағатам шуд.
Ай Хоҷа, гузар кун, ки он раҳму сили ман,
Дар қасди висол мафтуну сарфи назарам шуд.

…

…

Талъати ғаррои лайлӣ ҷилвагар дар шом шуд,
Ҷуръати сози муғаннӣ камтар аз як гом шуд.
Чун бувад мизроб мисли акси як дил, ҳар маром
Дар қади тори мушавваш, бетакаллуф хом шуд.
Дил бувад исёнгари иқдоми нафсу ҳар мудом,
Дар кашиши савти маддоҳ, бемуҳобо ром шуд.
Ин муаян шамси мо бо ҳар алифу лом аст,
Чун тамаъ дар саъйи ҷамъаш дар даҳан идғом шуд.
Ҳавваси мо мурғ асту донабин асту... Ай, чаро?!
Ҳасрато! Ё вайлато, ки аъмивор дар дом шуд!
Хуб гуфтанд: Байни ду чашм ҳоите марфуъ аст,
Варна, он як бар сафилу он дигар бар бом шуд.
Вазни мисқол заррае дар косаи пурлаб бас аст,
То ки лабрез сабри лайлӣ дар дилаш илҳом шуд.
Аз навиди рӯзи охир ғунчаи ваҳмам гушуд,
Ашки тамдид дар раҳи лутф мағраму ибром шуд.
Хоҷа, бингар, муъсири амр, он халилаш сар фуруд,
З-он даме, ки фармуд: “... аслим!”, зоҳиби Ислом шуд.

…

…

Ғуле, зи ҳадид бар унуқи мағрури фаххор,
Печанду намонанд, ки бубинанд раҳеро.
Он пардайи ғашро бикашанд бар тани абсор,
В-он ҳам ки мабодо, ки бубинанд маҳеро.
Дар танзими иззат, ки як умдаи абгор,
Нодида гиранд ҳар назаре чӯбу каҳеро.
Пешгарди надомат, ки надоранд ба худ вазн,
Саҳле бигиранд он ҳашару хамби сареро.
Хокони ҳаво аз тапиши роҳи балогард,
Олуда бисозанд даману дашту бареро.
В-он роҷифи аввал зи найе нафх кайе-кшуд,
Бидрид уюни нозуки ҳар марди кареро.
Азбаски хазоини таҳамтан паси он дашт,
Дар амри қазо қуфл кунанд ҳар дареро.
Оҳиста бизан ҳарф, ки пас дар шаби охар,
Озар зананд саҳфаи ҳар як назареро.
Хоҷам, нигар, дар вароқи номаи аъмол,
Ногаҳ бинависанд ҳукуми ҳар масалеро.

…

…

Аз нолаи садбарг чу шабнам сухане гуфт,
Аз гиряи ӯ дар шафақи субҳ чу шамъ сӯхт.
Дар марсияаш бо қалами тез, насиме
Бинвишт: “Дигар рӯз бигардем ба ҳам ҷуфт!”
Он лоларухе дар ҳазани вазни чунин кор,
Шармаш ҳиҷоб гаштаву пурсид, ки “Чиҳо гуфт?!”
Он боди сияҳкор, ки аз лутф фаро нест,
Бас хандакунон гуфт: “Туро ҳаст шабе муфт!”
Дар болини шаб рухсапед чашму назораш,
Бар мавъуди он аҳди саҳар бас саре кӯфт.
Чун он саҳарӣ шуд қариб тобиши ҷонаш,
Дар оташи он деги сияҳ пухту назар суфт.
Гар шарти латифони хамушист, аё ҷон,
Авло бувад оне, ки беҳтар зи чизе гуфт.

…

…

Ҳар шабе бо орзуи рӯзи дигар хоб кун,
Ҳавзи матлабро зи ашки дидаат пуроб кун.
Чун гадоён дастболо, лавни зард бар рух чу рехт,
Мисли маддоҳ матлабе аз лутфи ҳар сӯ боб кун.
Дар шаби қадр гар ҳазорон руҳ меояд фуруд
Бо насиби мужда ноянд, ҷумларо қимоб кун.
Дар раҳи васл бо худоям чораест андак, вале
Гар наояд кор ӯро, ман ҷумларо асбоб кун.
Мустамид дар коргоҳи ҳарби ҷонбахшам, бале
Дар сафи мақсуди ҳарбам ҷумларо аҳзоб кун.
Тамйизӣ гар кор н-ояд, ҷумла рудҳоро мане
Сим ба руди дил кашида, савт аз мизроб кун.
Ин хамушӣ савти баҳр аст дар қиёс андар диле,
Лек, ниёз дар байн бихезад, саъйи он варзоб кун.
Соҳилам аз мавҷи исён гар сафоиро надид,
Ҷумла хок бар бод дода, рангаи гилоб кун.
Ай, бихез Хоҷа зи хоки ин ватан, гар дил наяст,
Инчунин як хилватеро сарфаи пешоб кун.

…

…

Ин дил, ки ниҳоди нафас аст, коргаҳи ғам нест,
В-ин гил, ки ҷонро қафас аст, бе наму дам нест.
Чун мум бикашандбар нафасам, бас чӣ илоҷ аст?!
В-ин сил, ки раҳамро ҳавас аст, аз қадамам нест.
Бо нохуни ангушт, ки кашам сими гиреҳро,
Ғайр аст, ки гӯяд дигаре: З-он хабарам нест!
Мо садҳазор дар раҳи ишқ хишт ниҳодем,
Лек ҳеҷ яки он дар қавадам аз шаҳадам нест.
Ҳар бода вазад кай ба ҷуз шуртайи тавфиқ?
Чун ғарқа шавам байни хуне аз сафинам нест.
Чун каф занам дар наҳари ваҳму ҳавасҳо,
На милҳи мувозиншакару аз малаҳам нест.
Гар мурда бияфтам ба саҳар, ку кафандӯз?
На мояи вазниншикане аз хазанам нест.
Моро чӣ бақо? Хайр куҷост? Хоҷа, бифармо!
К-ин молу мулук, сарфу адо дар бағалам нест.
Аз дасти тиҳӣ ҷуз ба дуъо ҳеҷ наояд,
Валлоҳ, ки Худо, ғайри ту дӯсти аҷалам нест!

…

…

Барангезад маро бо нафхи роҷиф,
Бирезад бар замирам нафти воҷиф.
Бисӯзад ҳарфи дунё аз китобам,
Бинолад бар сарам он аҳли воқиф.
Куҷо, ёрон, маро он дасти раҳмон,
Ки сӯйи худ занад аз қибла ҳотиф?
Куҷо,бинӣ, нишони ҷумла пазмон,
Ки ранги дуд занад аз сақфи восиф?
Куҷо ҳамдам занад обе бар ашкам,
Ки дар чашмам бигардад мутакосиф?
Куҷо ҳамнам биёбад он саҳарро,
Ки дар рӯйи суфе ӯ гашта роғиф?
Аё дӯстон, маро з-он бушри назр аст,
Ки назми мо навишт дар санги худгиф.
Аз аҳли хосирони мағрури ишқ,
Бигардонанд ҷумла рӯю котиф.
Аё Хоҷа, биё, дар мо назар кун,
Ки ёд оранд туро аз аҳли восиф.

…

…

Риштайи ҷонофарин аз хоки қалбам меканӣ,
Бофтайи меҳрофарин аз чоки дардам меканӣ.
Ин бисоти нарм зи каҳфи сахти сангин нест, аё,
Чун диле дорӣ, ки тори танканакро метанӣ?!
Во макардӣ чашми анқо аз баландиҳо, бубин,
Дар ғурурӣ лаҳни уло аз назарҳо мезанӣ?!
Чок кардӣ синаамро, к-ун хуне ғафси сияҳ?
Чанд дигар б-он як сатиле об зи қаъраш мекашӣ?
Вонигар бар пушти гардан, чун барӣ теғи сухун,
Вонагашта, сар зи китфи кӯҳи сангин меканӣ.
Хор пошӣ дар раҳам, пас, нахли гарданпеч бубин,
Мисли занҷир бар пайю бар мехи гардан мезанӣ.
Хоҷа бингар, хокпошӣ, чашми дигар кӯр кунад,
Лек, кафи поки дуо бо ҳинайи чирк мекашӣ.
Даст бардор, з-инчунин як коре, к-имрӯз бас хуш аст,
Чунки з-он кори шабона шарми фардо мекашӣ.

…

…

Укдаро аз воизи минбар нуҳуфт во мекунам,
Қавли зур ҳамчунакир дар софӣ расво мекунам.
Ранги ботил аз азову миннати ҷаҳлам чу рехт,
Дар сафили води вайле доми анқо мекунам.
Гар ҷароҳат аз зарири оташин бар по расад,
Вазъи дунё дар ҳарими водӣ барпо мекунам.
Аз фиғону доди мо гар бишканад оини кӯҳ,
Ифтитоҳ аз сифри абҷад в-аз алифбо мекунам.
Бошаду бодо сабое, к-аз расидаш ғунчаам
Норасида лаб кушод, к-аз он шикебо мекунам.
Хори ҷаҳлат гар занад ангушти дастат, ғам наяст,
Дардро аз дил бароварда, рабоҳо мекунам.
Дар сароби водҳо ҳарчанд нақше  гул кунад,
Бо "... аринӣ!" сӯйи абре бас нигоҳҳо мекунам.
Хоҷаро гар дар гил аст, ин пову дастонаш, чӣ бок?!
Ҳар шабу рӯзам ба даргоҳаш нидоҳо мекунам.
Чун Худо дорам, чӣ ғам дорам?! Бигӯй бар ман, ки ман
Дар куҷо бошам ҳанӯз аз ӯ дуоҳо мекунам.

…

…

Дар печу хами  зулфат, офоту вабо дидам,
На кулбаи ободу, на кунҷи хало дидам.
Дар ҷаҳди кушодан ман, нохун шиканам ин дам,
К-ин банди гиреҳатро монанди  бало дидам.
Чун собиқаи аққвом, карданд фирор аз мо
Лек дар дараи мавъуд, дар ваҳму садо дидам.
Сарпечидагон, ин вакт, кай роҳи раҳо бинанд?!
Бе воситаву асбоб, нодору гадо дидам.
Андар шиками моҳӣ, истеза чи кор ояд
Ҷуз зулмати тангноӣ берун зи ҳаво дидам.
Чун сабри аюбиро андар ҳама корам дид,
Ҷуз кирми баданро ман, дар лаҳму ғизо дидам.
Дар чоҳи амуд моҳе, дар софии об лағжон,
Дар умқи дигар як чоҳ, аз амри сазо дидам.
Ҳар нобиғаи даврон, бо сад аламе печон,
Андар камии фалҳе, бо дасти дуо дидам.
Ай Хоҷа, муҳитро, пас, бо чашми дигар бингар,
К-андар таҳи вайрона, ганҷи бебаҳо дидам.

…

…

Дар уфуқи арсаи ҳол гар мабинӣ чеҳраро,
Мутмаъин бош, хуш ҳол аст, к-андар ӯ ҳеҷ ғам нест.
Дар унуқи косаи ғол гар мабинӣ укдаро,
Мустъаин бош, нӯши чол аст, к-андар ӯ ҳеҷ дам нест.
Дар уқуқи вораи зол гар мабинӣ пешаро,
Бас ҳазин бош, неши кол аст, к-андар ӯ зам-зам нест.
Дар зунуқи тангу торик гар мабинӣ кӯчаро,
Бас муҳин аст кори қол, к-ин номаро ҳеҷ зам нест.
Дар миёни банги борик гар мабинӣ пардаро,
Лавни сурхӣ ҷилва дорад, к-чашм аз ӯ ҳеҷ кам нест.
Дар паси наққошӣ ҳеҷ гоҳ чашм мабинад тахтаро,
Чунки, аршро аз азал ҳеҷ як даму, ҳеҷ бам нест.
Дар қади соҳили ақл гар мавҷ занад ин дарро,
Бетакаллуф, чун нидо аз ҳалқаву исмам нест.
Хоҷа, бингар, гар заданд бар фоли ман ин курраро,
Бетасаннуф, ихтиёр дар ин барам ин дам нест.

…

…

Фалак ин гунбади моро ба мисли гӯр мебинад,
Ба зери по ҳазоронро ба мисли мӯр мебинад.
Чу кори дахмавораш ҷуз ба меҳнат куштани мо аст
Дуои муддаиро сирф ба вазни зӯр мебинад.
Чу ҷаҳди мо ҳамоно беҳтарии ҳоле набуд дигар,
Вале ин машқи доноро чу рамзи хӯр мебинад.
Мабодо аз даҳон ояд каме аз он часурие
Ба доми эҳтиёҷ моро даруни тӯр мебинад.
В-агарчанд бар набард ойем, надида дасти холиро,
Каландро ҳамчу шамшери шаҳони Ғӯр мебинад.
Шаҳони олимаш рабро бас аст як бурда нон бо об,
Вале он косаи ӯро  чу оби шӯр мебинад.
Чу озода кунад коре, ки ташвиқаш малоле нест,
Вале ҳар ҳол, заҳматро ба мисли кӯр мебинад.
Машояд, Хоҷа, дилгирӣ, ки афсона ба фарҷом аст,
Ки ин парвар асалро дар дили занбӯр мебинад.

…

…

Чидани гавҳар ба ресмон қоматамро хам намуд,
Зарбаҳои сӯзанинаш чашмҳоро нам намуд.
Дар қади саҷҷода мисли долу мим сар хам кунам,
Шоҳзабарро зералифу сӯхтанам чун шамъ намуд.
Гар арақ аз ин ҷабинам бо туроб махлут шуд,
Муждае бо "... мин руҳӣ" бар қолабам чун дам намуд
Вораҳон моро, Худоё, ғуссаро тоқат наяст,
К-ин дили поки маро дар як даме пурғам намуд.
Дар хамиву саҷдаҳо аз ҷигарам хун меравад,
Кай кунад рост қоматеро камхуне чун кам намуд?
Гандуми моро мушони ваҳм кайҳо хӯрдаанд,
Ҳаст мабодо он яке, к-анбори моро зам намуд?
Мо, ки акнун инфиоли варзи ғафлат мечашем,
Ёд кунем мо аз яке, ки хӯрданамро рам намуд.
Тори ресмон андаруни равғани шах рост шуд,
Аз сари нав зери манро бар сарам ӯ бам намуд.
Хоҷа, бингар, дар назар ресмони мо ҳамчу руҳ аст,
Сӯхта, нобуд, нокашида, андаруни ям намуд.

…

…

Омадӣ... Ман хоб будам...  аз барам рафтӣ ту тез,
Мисли обе, ки кунад аз новаҳои ҷӯ гурез.
Аз ғубори қаъри ин дил огаҳӣ ё на? Бигӯ!
Пас, чаро гӯӣ ту шамам “Бар таҳи поям бирез!”?
Худ магуфтӣ “Санги вазнинат куҷо обе барад?!”?
Лек такон додӣ  сангамрову гуфтӣ “Хез, хез...”?
Ранги селоб ту асасро шуста дар гил мекунӣ,
Бар сарам, пас, оби боронро ту гуфтӣ “Рез, рез...”
З-инчунин саббоба риши пойи ман муҳкам шавад,
Кай тавонам, пас, биёфт аз тангии хокам гурез?
Санги вазнинро қадар аст, то маҷунбад ӯ зи ҷой,
Пас, чаро бо ман кунӣ дар роҳи таскинӣ ситез?
Соҳиби даври бум аст ин косаи уммеди мо,
Дар кафи дастони ларзонат шавад ӯ лабрез.
То лаби ғунча маояд дар кафи деҳқон кушод,
Аз куҷо ҳикмат кунад ӯ бозабони шаҳдрез?!
Ин ғубор, ки дар биёбон аз таҳи по авҷ кунад,
Норасида бар само ҷумла шавад ӯ хокрез.
Қисмати дунё ин аст, ай Хоҷа, “... фарҷиъи-л-басар”
Вақти мастӣ ёр ояд, вақти ҳушёрӣ – гурез!

…

…

Худоё!
Мутиъро ҳарчи додӣ, сарф кардам,
Ҳикамро гарчи додӣ, ҳарф кардам...
Шабеҳи қосидони амри фардо,
Сарамро печу по дар барф кардам.
Зи ҳар як ҳарфи гуфта, мисли ҳотиф,
Шабу рӯз самти ваҷҳро тарф кардам.
Шаби ман торик асту ҳар назарро,
Бидида дар диле, ман жарф кардам.
Мабодо кам гирӣ ин ҳиммат аз ман,
Ки мисли харҷи мусриф сарф кардам?!
Заре дар ҷайби мо мисли сабо аст,
Чунинам, ончи дорам зарф кардам.
Бирезанд бар нафирам оби тасним,
Чу махдум бар ҳазорон ғарф кардам.
Сафи оёти қуръонӣ ба сӯзан,
Бар ин батни мулоим карф кардам.
Ба мисли тӯтиёни ҳинду индам,
Зи нори ахзарӣ шангарф кардам.
Аё Хоҷа, балоро мунқазӣ нест,
Ширам, ки дода буданд, тарф кардам.

…

…

Дар ҷаҳолат атри ғар аз тафт ифшо мекунад,
Аз хабису аз ғализ в-аз нафт иншо мекунад.
Хар ҳамон аст, гӯйи ҳарчанд ӯ зи хоки зар саре
Сӯи афлок чархзанон бо савт расвомекунад.
“... анкара-л-асвот” баҳори муждаи ҳар хар нест,
Лек, ғаре дар пеши худ бин қасди тарро мекунад.
Ҷуз ба кори тамрини зоҳир дигар заҳмат кучост?!
Носийи гардан ба маррот таҳту фавқо мекунад.
Дар паси минбар ба пеши омиён уфтода рӯ,
Аз чариди саҳфи уло лаҳни зебо мекунад.
Чун бияфтоданд ба доми тазвираш бахши нуфус,
Мисли даггар болу парро дар ҳаво во мекунад.
Гар ба чашм орад минқор байни дандонҳо чӣ лаҳм?!
Пораҳои устухон нокӯфта савво мекунад.
Дар ниёиш гарчи аз асмои ҳусн ояд бӯй,
Дар хало бо ҳар шаётин қасди ғавғо мекунад.
Ай, аҷиб аст кори хар, Хоҷа, бибин андар замин,
Ҳарчи карда ӯ заминӣ, шавқи боло мекунад.

…

…

Сояе бо панҷаи хуршед бозӣ мекунад,
Дар таҳи пойи филе ин муш тозӣ мекунад.
Нохуни буррандаи боз қобизи арвоҳ шуд,
Дар кафинарми кулолгар мушт ғозӣ мекунад.
Дар қазият инфиоли ҳар муқаддам бас кам аст,
Сури худро сураву бо вазни қозӣ мекунад.
Бурда ӯ ресмони меҳру васли худро бо абад,
Бо ямоқу сад гиреҳи ришта розӣ мекунад.
Чун занад санге ба шиша, ин ҳаё дар зарф нест,
Шишайи ҷамъро шикаста, ҷонгудозӣ мекунад.
Пойи уштур дар шареъ маҷрои рӯдро манъ кард,
Дар маҳол сӯйи камӣ гарданфарозӣ мекунад.
Нақби эмин з-ақбаи офоти зайл таркиб гашт,
Ногузашта наҷдро домандарозӣ мекунад.
Норасида манзили водии аймон, ӯ чаро
Дар камини водии вайл шӯълабозӣ мекунад?!
Хоҷа, бингар, бозӣ дар нақб бо шаҳон шӯхӣ наяст,
Он ки дар қасди шаҳ аст, бо мот бозӣ мекунад.

…

…

Аз сатри фалак дар қадарам ҳеҷ хабар нест,
В-аз авҷи дарак дартани ман ҳеҷ забар нест.
Чун қадри маро дар вараќи фол набиштанд,
Дар ҷайби ғуюб ғайри лаъаб ҳеҷ хатар нест.
Осуда бувад кундаи мо зери балоҳо,
То як заданӣ хумби маро боз табар нест.
Дар кори тамаллуқ ҳама саррехтайи поянд,
Дар чашми балогард валек, ҳеҷ назар нест.
Моро чӣ бувад кори тааллуқ, ки Чӣ ҷӯем?!
Гар дар васати васли саҳар ҳеҷ басар нест.
Ҳар сатри савоб аз ғарази ҳирситақозост,
Ҷуз шустаи салдост варо ҳеҷ ҳаҷар нест.
Ҳавли наҳарам бар лаби соҳил, ки гуҳар хост,
Оварду вале, холиву дар он гуҳар нест.
Ин дил, ки зи худ гармӣ бароранд чу хуршед,
Хун дораду аммо, сари он ҳеҷ шарар нест.
Хоҷа, ки надошт мояе дар вақти таваллуд,
Бингар, ки тиҳидаст бирафту асар нест

…

…

Машқи ғафлат фитнаро ғаррои шоҳон мекунад,
Лек, таҳи бори ғанимат сирф ҳамир ороиш аст.
Далқи ҳиммат чилвае дар пӯсти морон мекунад,
Лек, таҳи вазни латофат заҳри мир оромиш аст.
Завқи миннат воизонро савти зоғон мекунад,
Лек, таҳи лафзи хушомад зеҳи тир дар қоҳиш аст.
Шавқи бемор офиятро қасди торон мекунад,
Лек, зи барги ин саломат бӯйи талх дар чӯшиш аст.
Хирси давлат пуштхорӣ бо дарахтон мекунад,
Лек, таҳи пашм баҳри ҳирс ҳар кайки мо дар кӯшиш аст.
Дар риё бо ғамзае чашм сӯйи хубон мекунад,
Лек, даруни сина дилро бухли мо дар хӯриш аст.
Гар ҳаё бо феъл кори сарфи чашмон мекунад,
Шак андар ин диле рӯй бар тулӯъи шӯриш аст.
Хоча, андар кори дунё машқи бечон мекунад,
Лек, ҳамеша дар таҳи ғафси булӯри сӯзиш аст.
Чашми дил бар ғунчаҳои ин гулистон мекунад,
Лек, ба ҳар ҳол, даст сареро дар гумони молиш аст.

…

…

Чун маро аз ин бисотиҳо дигар озор нест,
Кори моандар суқи маънипарастон ор нест.
Боли моро оташи шамъи ҷаҳолат сӯхтааст,
З-ин сабаб завқи маро дар баҳсҳо бозор нест.
Моли моро мекунанд зоҳирпарастон зери по
З-ин ҳама безориҳо амммо маро озор нест.
Рав чаман, пас, ту бубин, ки дар бисоти сабзаҳо,
Дар сафо бемислу ҳамто як гули бехор нест.
Дасти ёзал нохалаф бар канданион гулрухе,
З-ин сабаб нолиши садбарг аз қадар рафтор нест.
Дар набарди нобаробар мисли як сархӯрдае,
Чун мани латхӯрда андар бистаре бемор нест.
Кай бувад ҷои тааҷуб, Хоҷа, бингар, ки кунун,
Мисли мо аз ҳоли кор ҷуз як касе безор нест.
Ай аҷиб савдо нигар, номусу нанг аз байн рафт
Байни марду байни номарде дигар девор нест.
Бас шаби бедорӣ омад, Хоҷа, дур кун ин хаёл,
Чунки, ваҳми ин мисолҳо ҷоизи гуфтор нест.

…

…

То дилам дар сина метаппад маро,
Набзи васл дар раг метаппад маро.
То бувад ҷон чу асири қабзи мушт,
Қасди ҳазл дар хун метаппад маро.
Чун бувад дар эминӣ по зери хок,
Тори базл дар бун метаппад маро.
Дар бадеъи ҷону тан райбе куҷост?!
Барги нахл дар "... кун!" метаппад маро.
Айши мо дурӯза аст, дар лавҳ бубин,
Сақфи дахл дар "Нун." метаппад маро.
Фулки Нӯҳ мавҷ мебурад сӯи саҳил,
Кори дахл дар дун метаппад маро.
Кирми Аюб мурда ним сар мениҳад,
Лек фироқи хун метаппад маро.
Бар сари Лайлӣ надорам ҳеҷ кор,
Гуфтаи Маҷнун метаппад маро.
Хоҷаро бингар, ки камбар аз суд аст,
Чун дили бехун метаппад маро.

…

…

Дар қади мижгони сабз шабнам ба хок рӯ мекунад,
Бори охир бо алам аз атри ӯ бӯ мекунад.
Дар баландиҳо чу манзил бо ҳавасороста буд,
Наъти таъхир бо қалам дар нома хушрӯ мекунад.
Гар ҳазорон ҳарфи мӯлӣ з-ин лаби ҳиндуш рехт,
Сабза дар қасди сабукӣ сарфи абрӯ мекунад.
Некӣ чун аз даст омад, рафта сӯи хок ӯ,
Бо қадима дӯсти худ бозӣ дар он ҷӯ мекунад.
Сабза мегардад хазону ҷинси шабнам хулд аст,
Бебақоро се талоқ бо оби ҷӯй тӯ мекунад.
Не варо дигар алам чун ин ғами вай шод шуд,
З-индам ӯ бо бевафоён сарфаи ҳар хӯ мекунад.
Хоҷа ибрат аз чунин ҳол карду рӯяшро битофт,
Сабзаро як сӯ бимонда, хок чун кӯ мекунад.

…

…

Баҳри рӯшан карданӣ ту шамъи моро сӯхтӣ,
Оташи уммед ба равҳи васли худ афрӯхтӣ.
Чун мане дорам умед бар иззати “... ло тайъасу”,
Бӯйи умед дар машоми мо муаттар сохтӣ.
Гарчи урён аст сарвам айбро аз чашми бад,
Бо муҳаббат нуқси мо бо зулфи меҳрат бофтӣ.
Дар замири баҳри мо гар ҳар диле чун гавҳар аст,
Мисли гавҳаргир ба қаъраш хеш ошно сохтӣ.
Чун лаби моро ба мӯҳри сахт муме бастаан,
Ин лабони шишагин бо санги сахт бишкостӣ.
Чун дарак аз май наояд вақти ишкаст ҳамчу маст,
Қатраҳо аз шишамайда бар даҳон андохтӣ.
Рӯди хоҷа хушку холӣ, нест  моҳӣ андар он,
Беҳуда дар байни обаш шасти худ андохтӣ.

…

…

Санг бар шишаи нозуки дили мо мезанӣ,
З-он риштаи хунгарди висол тор меканӣ.
Гӯй бар мани бечораи маъшуқи раҳоҷӯй,
Дар қадди раҳи мо ту чаро тор метанӣ?
Чун муршиде бо ғайри қаноат зи ҷавобам,
Ин бар сари мо санги чаро ор мезанӣ?
Гар аз мани мискин ҳаронгаҳ ки ҳавас кард,
Дарнарди муҷаррадаш табарвор мезанӣ.
Бар марқади нопурраи сангини хабаркаш,
Дар қайди ҳаёт лавҳи рақамдор мезанӣ.
Ҳар шишаи бишкастаи моро бичида,
Дар часпидааш нақши нигордор мезанӣ.
Чун аз нафири шишаи маҷрӯҳ дигар савт
Гар ояд бурун, таънаи безор мезанӣ.
Ар номаи аъмол бо “... вароъ заҳри” насиб аст,
Бар шонаи чап мӯҳри ҳилолвор мезанӣ.
Дар кори ту ман мисли малак илм надорам,
Ҷуз донам ман инро, ки ту раҳмвор мезанӣ!

…

…

Аз гадо чӣ орзу дорӣ? “... қаддамат” аз мо чӣ аст?
Аз вафо уммедоворӣ? “... авфу би аҳдӣ”-ит чӣ аст?
Аз баду некӣ нанолем, навҳагар моро махон,
Чун гадо уммедворем... Ин тақозогӣ чӣ аст?
Вақти рӯшан гаштани чашм, бар тан эҳромаш зананд,
Вақти рафтан аз ҷаҳон бо ин кафанпечит чӣ аст?
Дастхолӣ омадему дастхолӣ меравем,
Чун бало дар даст дорем, ин балопечӣ чӣ аст?
З-ончи моро бас насиб шуд, вақти мурдан шуд фано,
Ҷони холисро чӣ бошад? Ин суолпечӣ чӣ аст?
Дода бар мо ҳарчи неъмат, аз кафам берун кашанд,
Рӯзи охар аз ману мо з-ин “... ъани-н-наъим” чӣ аст?
Кулча дар дасти йамин аст, қамчине андар вароъ,
Дода кулча, пас, ба қамчин ин заданҳоят чӣ аст?
Ман намефаҳмам, Худоё, дар дили мазлум чаро
Нисбати золим муҳаббат парваришҳоят чӣ аст...
Хоҷа андар фикри ин сар мезанам бар ҳоите,
Гарчи мантиқе мабинам, сарзанишҳоям чӣ аст?

…

…

Биё, ёрам, ки ин шаб ман чароғи хона афрӯхтам,
Ба қасди дидани рӯят ба роҳат чашми дил дӯхтам.
Дили ман дар қади роҳат хуне рехт, то туи ҷӯё,
Зи бӯйи рехтааш индам бигӯӣ: "Ман туро ёфтам!"
Чаро ин хилвати моро бимонӣ холӣ аз худ ту?
Чаро ин даъвати моро бимонӣ гуфта: "Ман рафтам!"?
Нахӯдам ман маро пухтӣ даруни деги офатҳо
Кунун гӯ бар мани пухта: Дуруст гӯӣ, ки "Ман пухтам!"?!
Набарди деву авҳомро таҳи по ҳар саҳар дидам,
Вале нодида чеҳратро ҷунунона диле бохтам.
На рашки хуни девонро зи ман пурсӣ: "Чаро кардӣ?"
На пурсӣ аз худат як бор: "Зи саҳро ман чаро тохтам?"
На кори одил аст, охир маро бар сӯи худ хонда,
Ба вақти дидани рӯят бигӯӣ: "Ман зи худ бофтам!"
Ба Маҷнун дарс машуд сад макру фанди Лайлӣ з-ин гуфтор,
Ки Маҷнун пучида худро бигӯяд: "... лунҷи ёр тофтам!"

…

…

Зулфони хаёли васл азчӣ задааст моро,
Андӯҳи фаъоли базл печӣ задааст моро.
Мисқол агар қадре нӯгам бидиҳад ресмон
Миқрози фаъоли ҳазл қайчӣ задааст моро.
Дар ғуссаи ёрам ман маҳҷури ватан гаштам,
Дилро тамаъи васлат кӯчӣ заддаст моро.
Гар сар ба суҷуд афтад бар гӯши дилам индам,
Васвосаи девону ҳарчӣ задааст моро.
Андар чамани ёрон, чун воъизи хушгуфтор,
Ин шарти мани мискин “гарчи” задааст моро.
То субҳи қадар индам аз ман талабе мехост,
Лек дар тамаъи дунё “Боз чӣ...?” задааст моро.
Дар нақшаи пешина, чун он малаки мӯъриз,
Лафзи арази нопок, - “Мо чӣ!?”, задааст моро.
Ризқи қадари дерин, дар пеши назар оҷиз,
Нодида гирифта бо “Ин чӣ?!” задааст моро.
Хоҷа, бикушо чашмат, оё дараке омад,
К-ин нақшакаши доно дар чӣ задааст моро?
Дар кори худовандат ҳаргиз нарасад ақле,
Чун аз адами ҳеҷӣ ҳеҷӣ задааст моро.

…

…

Шабе, ки заййифи арш кардӣ моро,
Муносиб бар дари раҳм кардӣ моро.
Қалам бар ракс омаду дар қадди абрӯт,
Чу сурма бар сари чашм кардӣ моро.
Паридам дар фазои меҳр мисли шоҳпар,
Чу ошиқбарнури шамъ кардӣ моро.
Ҳуруф кам аз дилам ҷуз ҳайрат ояд,
Ки дар ангушт нигорекардӣ моро.
Хамушӣ мешикаст мизони ақлам,
Чу таскин гарчи дар он кардӣ моро.
Зи садрат сояе бар мо бикардӣ,
Вале равшан таҳи по кардӣ моро.
Миёни ҳарду оби баҳри раҳмат,
Ба мисли ғӯлаи шаст кардӣ моро.
Тасаввурнопазир аст ҳарчи дидам,
Ба мисли булбул гӯё кардӣ моро.
Хоҷаро набвад на илму фаҳм зи онаш,
Вале дар даркаш ҷӯё кардӣ моро.

…

…

Сӯҳбати мо сӯҳбати дӯстон нест...
Аз бари беҳбуд рав!
Улфати парвона чун ин шамъ нест...
Аз сари мақсуд рав!
Дар сари ин ошиқон савдо нест...
То суқи пурсуд рав!
Боби раҳмат боб аст, ҳушёрӣ нест...
Бар дараш маҳдуд рав!
Гарчи оташ қасд кардусӯхта нест,
Бо дили пурдуд рав!
Хам шавад наздаш сареву бор нест...
Бо сари маҳмуд рав!
Гар бихоҳӣ васлирову асл нест...
Ҷониби ухдуд рав!
Чун Исо хоҳӣ гузаштупой нест...
Аз худат бехуд рав!
Сӯҳбатегар хоҳиву ошиқ нест...
Бар дари маъбуд рав!

…

…

Ҳамчу мурғи исие музвири дому донаем,
Мурғи анқоро асир дар нақби ин мурғхонаем.
На рафеъи осмону, на ҳавас дорем ба хок,
На бурун ойем зи хона, на даруни хонаем.
Кӯзаи мо пур зи оби гар мусаффо асту лек,
Норасида мар лаберо гашта дурд, вайронаем.
Баҳси одилро ҳавас нест... Аз ҷидол дорад бӯй...
Бо касон мо ошно аз асли худ бегонаем.
Ҳамчу мискину ғариб ин ёри мо дар хилват аст,
Дар чаман бо ҳар гуле мо ошиқи девонаем.
Аз лабони ёри худ мо май  накрадем истимоъ
Дар қади майхона бо махмурҳо мастонаем.
Ин ҳалол моидаро дар дастуре бигзошт, боз
Лочинона бар лаҳими ҳар ҳаром парвонаем.
Дар бағал бинҳуфта ҳақро ҷониби офтоб рӯй
Карда, мисли тифлакон муштоқи ҳар афсонаем.
Ҳаркиро, ки ёр дорад, бекас аст хонему бас,
Бо ғараз бо бокасон дар қасди ҳар паймонаем.
Номи мо бошад бузургу андаруни сина лек,
Мисли деги бас сиёҳ, чарб сӯхтаву вайронаем.

…

…

Чун гуҳар дар дил пазад ӯ ханда аз лаб мекунад,
Дасти гавҳар-, ӯ, -шиносад қасди матлаб мекунад.
Гавҳаре дар дасти моҳир гардадуҷавҳар басе,
Дар чунин савдои бахт ӯ савти иғлаб мекунад.
Дасти ҷаллоб гар расад андар сари бозори ӯ,
Қимати садсолаашро сарфи ҳар табъ мекунад.
Ай даллол, инсоф ку ? Аз баҳри ресмони унуқ,
Қадр кардӣ қиматеро айни масғаб мекунад.
Арзиши моро надонад ҷуз шиновар в-ин шинос,
Сабр бинмобори моро ҷашни хуштабъ мекунад.
Аз гуҳарчин то ба дасти ҷавҳарӣ бас роҳ буд,
Фасли моро васли дерин сарфи ду лаб мекунад.
Тӯй гардад рӯзи васли гавҳаре бо ҷавҳариш,
Фасли ин садсолаашро сарфи як шаб мекунад.
Хоҷаро завқе дар ин шаб омад андар саҳни тӯй,
Лафзи ҷашни ошиқиро назми пурдаб мекунад.

…

…

Дар сутӯҳи пашми маҳлуҷ худ ба зебӣ бо та кай?
Дар бисоти нарди танлуч андалебӣ то ба кай?
Чун киройӣ нест ниқоби мағрурӣ бар рӯйи мо,
Дар сироти мустақим ин каҷ-килебӣ то ба кай?
Баҳри зийнат ҳар маводро мунъиме карданд ба мо,
Дар ҳироти ин сақим аз нози зебӣ то ба кай?
Наҳри миннат аз симоби меҳри дил гардад адо,
Ин нишоти мултавӣ бо сар-ба-эбӣ то ба кай?
Шукри неъмат аз сароби баҳри дил гардад раво,
Пас, қасоди молҷамъ бо ин зиребӣ то ба кай?
Макри нафсат дар хушоби наҳри ҳирс пайдост бин
Ин фасоди хушравӣ бо ҷонфиребӣ то ба кай?
Хоҷа аз инсофи дунё ҳар даме пурсад: Худо,
Ин касоди навбатӣ аз худфиребӣ то ба кай?

…

…

Аҷаб дунёву ҳолаш тифлаке  бо пир меҷангад,
Аҷаб он зиҳи қомат хам, ки низ бо тир меҷангад.
Муросоӣ куҷо шуд, то кашад аз сулҳ хат дар байн,
Чу дил низ мафъулона бо забони ғийр меҷангад.
Насими фораме нест бар сари мо...пас Чӣ бояд кард?!
Чу дилаъмо бубинӣ бо садотағйир меҷангад.
Ду  он чашмони соҳилбин маҳдуд бар ҳадди ин дин,
Вале, як чашмаки танге ба рӯди сир меҷангад.
Даҳон гарво кунад, бингар, муҳитерот фаро гирад,
Ки бадбӯй ҳар қадам бо кинба бӯйи сир меҷангад.
Қадам магзошт як фарсанг менолад зи ҷабри роҳд,
Наомад кори ӯ бар беҳ ки бо бозгир меҷангад.
Аҷаб ҳолеву ин коре, ки дастони  сахӣ бигрифт,
Вале, дастони и бемоя ба дасти Хизр меҷангад.

…

…

Дар ин дили мо ҷойба дигар ҷуз ба нигор нест,
Бо дидани вай ҷони маро ҷуз ба фирор нест.
Дар шоми барот зулфи туро шона бикардам,
Омад саҳарам, дар бағалам коми барор нест.
Дар хилвати мискин на бисот зери таҳам буд,
Чун дар пайи васл аз қаламам ҷои қарор нест.
Гар Каъбаи дил кӯйи вакилони сабоҳ аст,
Бин, з-ин дили ман як дили вайрону фигор нест.
Дар омади фаҷр даъвати мурғонро пазирам,
Мурғи саҳарам гуму дар он боми тарор нест.
Чун худ битарошам зи кулӯх пайкараи ҳусн,
Ин ҳайкали мо савмааи кӯҳи виқор нест.
Марфӯъи қавоиди дилон хос ба касон аст,
Теъдоди азизони Худо ҷуз ба ҳазор нест.
Хоҷа, бинигар, кори вафодорӣ чӣ азм аст?
Ҷуз бохтани дил дар раҳи ӯ кори нисор нест.

…

…

Душманӣ дар хуни мо то авҷи афлокаш дамид,
Дар рухи ҳар лолае бо ранги шармнокаш дамид.
Раҳмдилро сӯхта ин дил офарад зиндадиле,
Устухони мурда рӯйи Ганги бебокаш дамид.
Шоми мо ҳар дам ба ғусса нолае дорад, ки мо
Кай бубинем, то ки рӯзе субҳи хушчоқаш дамид?!
Хумби мо бишкаста қомат пеши машраб паст гуфт:
"Дар замирам май зи дурди баски ғамнокаш дамид!"
Дар дили хокистарӣ ҳамчу кавокиб дар само,
Лахтаҳои оташин бо бӯйи идрокаш дамид.
Бо забони сурх моро назди шоҳ ҳардам, бубин,
Пухтаи моро ба тадриҷ лавни азроқаш дамид.
Дар бисоти ҳар хаёли хоҷа ҳар дам ваҳми хом,
Сар бурун дар нимашаб бо оҳи дарднокаш дамид.
Вораҳон аз худ ваҳамро, хоҷа, андар чашми рӯз
Занги шабро ин дили мо фикри мисвокаш дамид.

…

…

Дар ғамзадаи синаи мо ӯ чи бидидаст?
Дар майкадаи ин дили мо ӯ чи бидидаст?
Як майзадаи беҳуши дар фарш саропо,
Ин масти гурезӣ зи сарам ӯ чи бидидаст?
Бардошта саре сӯйи фалак "... марру киромо!"
Бо шулқаи об ҷуз зи лабам ӯ чи бидидаст?
Бар мастии ман бетарафон қад кашанд боз
Ҷуз аз задани чашмаки зуқ ӯ чи бидидаст?
Бишкаста қади роҳ ба санг шишаи моро,
Дар рехтаи шишаи вайрона чи дидаст?
Гар дар таҳи по ин дили мо бадсухане гуфт,
Ҷуз "Раҳм бикун!" аз даҳанаш ӯ чи бидидаст?
Дил пахш гамуд, кушта варо, карда кафанпеч,
Ҷуз дар манаҳаш банди гиреҳпеч чи бидидаст?
Бар куштани мо шаҳри абад базм чу ороcт,
Ғайри дили он куштаи ман ӯ чи бидидаст?
Хоҷа, бинигар, нафс чу мурд, зиндатар аст ӯ,
Дар мурдани мо пеши назар, пас, чи бидидаст?!

…

…

Шод бош, ай дил, ки ҳолат  то абад дар кор нест,
Дар ҷаҳони софдилон ҳеҷ  кас бебор нест.
Гар шаби ториктарин бар ин сари мо хам шавад
Дар сафои болинаш чун мисли мо бедор нест.
Ҳалқаи дилдодагон дар ҳадди як гӯшвор ҳаст,
Дар ҳаримаш мисли мо дилдодаи дилдор нест.
Хирқаи бечорагӣ аз лаҳзаҳо таркиб шуд,
Ин камарбанд бандаро шоистаи зуннор нест.
Хоб бурд олударо андар сутури маслакон,
Дар умури ин тариқат мисли мо ҳушёр нест.
Вораҳад аз синаи тарсо диле дар қадди роҳ,
Лек, моро ваҳми дин як нақшаи бекор нест.
Сайри афлокам хуш аст андар сари абвоби ӯ
Як дари осондарову каҳф ғайри тор нест.
Хоҷаро дар самми кӯяш ваҳму зор ояд ба дил,
Чунки, аз ҳоли пагаҳ ӯро дигар ахбор нест.
Ҳарчи ҳол дорӣ кунун, пас, ғам махӯр, гӯ бар дилат:
“Шод бош, ай дил, ҳолат то абад дар кор нест!”...

…

…

Моро ҳаром бод ҳаваси нафси амир,
Чун хок бипошад даруни чашми ҳақир.
Мӯсо лаби баҳр барасари ҳол кушод чашм
Он дам, ки бидид нақшае дар гуфти Хизир.
Бо макри ҳазорон натавон кард диле кор,
Ҳорун кайтавон кард адо бори вазир?
Андар қафаси танги бадан руҳ нотавон аст,
Кораш чу руҷӯъ аст ба дари шоҳи басир.
Бо ин ҳама як ҳусну ҷамол дар умури ӯ,
Се бор бияфтод Юсуф бар дом чу асир.
Инсон, чу гашт мукриму пешгоҳи фалак шуд,
Дар рӯзи ҳашар гардад ӯ монанди фақир.
Гар манзалати махлуқи уло зи азал буд,
Ӯро тавонад кунад нафс мисли сағир.
Чун хоҷа кунад ҷаҳд шабу рӯз, дар назари мо,
Кам асту ниёз дорад ӯ бар ҷаҳди касир.
Ҳар кор бикун, хоҷаву лек, як зи садат, бин,
Бинмод ало дар маҳаки чашми назир.

…

…

Биҳамдиллоҳ, дари раҳмат кушод аст,
Ба ғайр аз ман, зи ин неъмат кӣ шод аст?!
Чу имшаб боз кардӣ домани қадр,
Саҳар дидам, ки дар комам мурод аст.
Бишукриллоҳ, зи ман дафтар тамом аст,
Ва барги сабзи ӯ дар дасти бод аст.
Чӣ осон аст варо маънӣ зи ҳар жарф,
Ки фаҳми ҳар сару ҳар Кайқубод аст.
Басо андар сари маънӣ заданд мушт,
Вале, тавфиқ камеро барру род аст.
Чу мизроб мезанам бар қонуни нав,
Сари ангушт хуни аҳли дод аст.
Насимаш мебарад бар кӯи ту ақл,
Вале, тӯфони ӯ бар қавми Од аст.
Дар он гӯёст ин ҳарфу ҳам ибрат,
Саронро ҳам тариқу ҳам намод аст.
Бидон, хоҷа, ки маънӣ дар замир аст,
Ки он ҳам маҳсули дасти ҷиҳод аст.
Бурун аз хонаи дил мечаҳӣ?! Бин,
Ки ин давлат қарини кори бод аст.

…

ISBN 978 99975-880-9-8
9 789997 588098

**Мақсуд ОРИФ**

# СӮҲБАТНОМА

***(ғазалгунаҳои ирфонӣ)***

***Қисми 1***

Муҳаррир: **Ҷӯра Юсуфӣ**
Муҳаррири техникӣ: **Мавзуна Исобоева**
Мусаҳҳеҳ: **Насиба Баракаева**

Ба матбаа санаи 15.06.2020 супорида шуд. Ба чопаш 10.07.2020 имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи шартии чопӣ 10,25. Андозаи 60x84/16. Гарнитураи ҳуруф «Times New Roman Tj». Супориши №5575. Теъдод 100 нусха. Нархаш шартномавӣ.

Матбааи «Ношир»
735714 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj